МУҲАММАД ҒОИБ

# ИФТИХОР

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-5-4
Ғ-31

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Ғ-31 **Муҳаммад Ғоиб. Ифтихор** *(шеърҳо ва ҳикояҳо, нашри II.)* – Душанбе, «Адиб», 2011, 224 саҳ.

Ифтихор аз ватану муҳаббат ба хоку оби ин диёр ва тасвири манзараҳои дилкаши ин сарзамини биҳиштосо мавзӯи асосии ашъори Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоибро ташкил медиҳад.

Қиссаву ҳикояҳои дар ин китоб ҷойдошта қисматҳои мухталифи одамонро пеши рӯ оварда, пандомӯзу ибратбахшанд.

ISBN 978-99947-2-121-4

© Муҳаммад Ғоиб, 2011

# ШЕЪРҲО

## НАШРИ ҚУРЪОН

Қуръон ҷаҳони панду китоби муқаддас аст,
Як нуктааш барои ҳама илмҳо бас аст.
Бар дидаи муҳаббати хонандаи закӣ
Ночиз чиз тобаду хас surати кас аст.

Ҳарфаш ба дида нур бубахшад,ба дил тавон,
Аз чашми бесиришк кунад ашкро равон.
Бахшад раҳи бақо хаташ , ин роҳи ҷовидон
Бар мулки орзу барад осуда корвон.

Созад навои субҳдам оҳанги шомро,
Бе дона мурғакаш кунад оғӯш домро.
Макрӯҳу тозаро кунад аз ҳамдигар ҷудо,
Унвони пухтагӣ диҳад инсони хомро.

Бар кӯи дӯстӣ барад охир рақибро,
Наздик баҳри дур кунад он ҳабибро.
Бар кундзеҳн бӯи гули фаҳм оварад,
Орад ба дарсҷо ҳама донишғарибро.

Нури чароғ низ хати дударо кунад,
Бар ранги асл коғази фарсударо кунад.
Реш аст,реш хандаи бегиря бандаро,
Аз реш дуртар намаки сударо кунад.

Рози алиф мапурс, ҳам асрори лому мим,
Ғарқанд маънии ҳама олам дар ин наим.
Дасти хирад ба домани розаш намерасад,
Ӯ пурра ҳасту фаҳми ҳама ҳаст ними ним.

Ин охирин китоби самовӣ ба хокӣ аст,
Тарғибсози олами парҳезу покӣ аст.
Бедардро ҳадиси ғам аз дарднокӣ аст,
Ҳар кас, ки мушрик аст, насибаш ҳалокӣ аст.

Рангест, сахт аз ҳама тасвир карданаш,
Бӯест, сахт аз ҳама тафсир карданаш.
Дар сурати саг аст агар нафси бетаге,
Ӯ ёд медиҳад раҳи занҷир карданаш…

Кардӣ ту нашр баҳри ҳама ин китобро,
Бедор кардӣ аз дигар ин қавми хобро.
Бар ҷӯи обрафта зи нав бурдӣ обро,
Анҷом додӣ аз ҳама кори савобро…

## ХУДШИНОС

То бубинӣ некҳоро нектар,
Роҳҳоро то кунӣ наздиктар,
Сӯҳбатат аз худшиносӣ сар шавад,
То шавад ҳар тоҷике тоҷиктар.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

Мум кардӣ бо навозиш сангро,
Пеш бигрифтӣ раҳи фарҳангро.
Рӯҳи Сомонӣ бигӯяд гӯиё:
Ҳифз кун мӯҳру ливои нангро.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

Роҳу пул бунёд кардӣ, шод бош,
Шаҳру деҳ обод кардӣ, шод бош.
Хотири халқи азизи хешро
Баъди ғамҳо шод кардӣ, шод бош.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

Аз ту мо меҳри диёр омӯхтем,
Дарсҳои ифтихор омӯхтем.
Ошно кардӣ ба Қурони Карим,
Ояти Парвардигор омӯхтем.

Фикри фардои дурахшон мекунӣ,
Ифтихор аз Тоҷикистон мекунӣ.

## ИФТИХОР

Дорад ин тифл аробаи кӯҳна,
Чӯбу чархаш дурушту пур аз занг.
Мехаш аз чӯб агар бурун гардад,
Ҷо ба ҷояш кунад ба зарби санг.

Гоҳ вайрон аробааш,гаҳ соз,
Дар раҳу пушти бораш бинам.
Дар фарозӣ аробааш дар пушт,
Дар нишебӣ савораш бинам.

Байни ҳамсолҳои гандумранг
Зардрӯ ҳаст агарчи мисли ҷав,
Зррае хешро намедонад
Камтар аз ҳар аробадори нав.

Гарчи бошад аробааш кӯҳна,
Гарчи ӯ кӯҳнапираҳан дорад,
Лек дорад аробааш парчам,
Нест нодор,ӯ ватан дорад…

## ВАСФИ ДИЁР

Қуллаҳои кӯҳҳоят минбару тахти ман аст,
Санги побарҷоят осори сари сахти ман аст.
Ҳар кафи хокат зару ҳар қатраи обат гуҳар,
Панҷаи пур аз сахоят суфраи бахти ман аст.

Танг дунё баҳри ман, эй Тоҷикистон, бе ту ҳаст,
Олами равшан ба чашмам торикистон бе ту ҳаст.

Гӯшаи танги ватан бошад зи паҳноҳо кушод,
Хонаи пасташ баланд аст аз ҳама қасри мурод.
Маскани осудагию зиндагӣ бошӣ, Ватан,
Нест аз он дилфаротар ҷо бароям умрбод.

Танг дунё баҳри ман, эй Тоҷикистон, бе ту ҳаст,
Олами равшан ба чашмам торикистон бе ту ҳаст.

Ташнагиям нашканад аз оби дарёи дигар,
Дони армонам намесабзад ба саҳрои дигар.
Роҳатам дар ҷои дигар сахттар аз заҳмат аст,
Зиндагонӣ баҳри ман марг аст дар ҷои дигар.

Танг дунё баҳри ман, эй Тоҷикистон, бе ту ҳаст,
Олами равшан ба чашмам торикистон бе ту ҳаст.

## ВАТАН

Ба ҳама шодии худ дар ғами оянда манам,
Дар хаёли ватану давлати поянда манам.
Укда дорад агар ин ришта, кушоянда манам,
Дар дили кӯчаки ман меҳри бузурги ватан аст,
Васфи кишвар ба сад оҳанг сароянда манам.

Тоҷикистон, туӣ дар олами андешаи ман,
Сабз танҳо ба замини ту шавад решаи ман.
Гияҳи меҳри ту рӯяд фақат аз бешаи ман.
Ман, ки Фарҳоди туям, аз дили ҳар санг кунад
Баҳри ободии ту об бурун тешаи ман.

Тоҷикистон, туӣ ҷон,бо ту фақат зинда манам,
Бе ту гирёнаму бо ту лаби пурханда манам.
Аз ту мефахраму меболаму фархунда манам,
Мулки ҷаннатсифатӣ, доди Худо баҳри манӣ,
Баҳри ту, доди Худо, шукр кунам, банда манам.

## ТОҶИКИСТОН

Сози хомӯшам, навобахшам туӣ,
Бе ту беморам, давобахшам туӣ.
Баста бе ту мешавад роҳи нафас,
Бе ту мемирам, ҳавобахшам туӣ.

Бо ту ҳастам зинда дар зери сипеҳр,
Ҷои меҳратро нагирад ҳеҷ меҳр.

Зодгоҳи мардуми доно туӣ,
Ҷовидон машҳур бо Сино туӣ.
Сарбаландам аз баландиҳои ту,
Дар ҷаҳон Боми Ҷаҳон танҳо туӣ.

Бо ту ҳастам зинда дар зери сипеҳр,
Ҷои меҳратро нагирад ҳеҷ меҳр.

Баҳри ту бошад ҳама ҷонбозиям,
Нурҷӯиҳову Роғунсозиям.
Хоку обат як нишон аст аз биҳишт,
Бо ту ман аз қисмати худ розиям.

Бо ту ҳастам зинда дар зери сипеҳр,
Ҷои меҳратро нагирад ҳеҷ меҳр.

## ДАРДИ МЕҲР

Ватан мегӯям аз рӯзе, ки ман фаҳми сухан дорам,
Сухан мегӯям аз рӯзе, ки ман меҳри ватан дорам.

Вафою эътиқоду ифтихорам -қаҳрамононам,
Ба ин ҷамъияти худ гуфтугӯю анҷуман дорам.

Ба дил раҳму ба ҷон сӯзу ба хун нангу ба чашмон меҳр,
Тамоми хулқи ибратбахши миллат дар бадан дорам.

Гирифтам аз ниёгон дарси номуси ватандорӣ,
Насими бӯи гулбоғи нав аз боғи куҳан дорам.

Зи кӯҳаш орзу санге барои лавҳи рӯи гӯр,
Зи хоки пунбапарвардаш таманно як кафан дорам.

На ғайру ошно донад, на сад мушкилкушо донад,
На дунёи даво донад ҳамон дарде, ки ман дорам.

Зи ман монад асар боғе, намемонад нишон доғе,
Агар доғест, аз роҳи замон дар пираҳан дорам.

Муҳаммад, маҳв месозад бадиро некиям охир,
Ниҳон донҳои Ҳурмуздӣ ба хоки Аҳриман дорам.

## ВАТАН

Туӣ дари умеди мо,
Ба кишвари умеди мо.
Ба мулки орзу расем,
Туӣ раҳи сафеди мо.

Иродаву суботи мо,
Ҳаёти мо, мамоти мо.
Барои мо паноҳгоҳ,
Бақои мо, наҷоти мо.

Ту шамъи бахту партавӣ,
Ту ҳам куҳан, ту ҳам навӣ.
Зи рафтагони бонишон
Нишонаӣ, қаламравӣ.

Иродаву суботи мо,
Ҳаёти мо, мамоти мо.
Барои мо паноҳгоҳ,
Бақои мо, наҷоти мо.

Туӣ сари баланди мо,
Ҷаҳони дилписанди мо.
Ту меҳрномаӣ, Ватан,
Туӣ китоби панди мо.

Иродаву суботи мо,
Ҳаёти мо, мамоти мо.
Барои мо паноҳгоҳ,
Бақои мо, наҷоти мо.

## ПАРЧАМ

Дар кафи пешсаф парчам аст,
Аз матои ҳадаф парчам аст.
Эътибору шараф парчам аст,
Халқи моро ба каф парчам аст.

Як нишони ватан парчам аст,
Шаъну шони ватан парчам аст.
Қудрати лашкар аз парчам аст,
Шавкати кишвар аз парчам аст.

Ҷилвааш ҷилваи болҳост,
Ҷилваи мурғи иқболҳост.
Боли парвозҳо парчам аст,
Фахри сарбозҳо парчам.

Раҳнамо дар сафар парчам аст,
Пайки рӯзи зафар парчам аст.
Вақти болошуданҳои он
Резад ашки фараҳ қаҳрамон.

Меҳрафзои мо парчам аст,
Дасти болои мо парчам аст.
Эътибору шараф парчам аст,
Халқи моро ба каф парчам аст.

## ВАТАНИ НАВРӮЗ

Базми гул дар чамани Наврӯз аст,
Даври ғул-ғулфикани Наврӯз аст,
То ба гардун сухани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Бӯи Наврӯз расад аз ҳама дар,
Рӯи Наврӯз расад аз ҳама дар,
Ҳама дар пираҳани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Ном Наврӯзу насаб Наврӯз аст,
Исми ҳар бахтталаб Наврӯз аст,
Фасли армоншикани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Сабзгун пуштаву саҳрои ватан,
Сабзпӯш аст ҳама ҷои ватан,
Сабз ҷон дар бадани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Ба муродаш ҳама дилдода расад,
Ба ҳама бахти худодода расад,
Ҳама ҷо анҷумани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

## ПАЙКИ НАВРӮЗ

Пазмонии мо ҳам гузашт,
Айёми сармо ҳам гузашт,
Ин файз бар мо ҳам гузашт,
Наврӯзи хушпайк омада.

Аз меҳр пур шуд синаҳо,
Нақше намонд аз кинаҳо,
Шуд беғубор оинаҳо,
Наврӯзи хушпайк омада.

Дорад ба тан боғу чаман
Ҳар пораи хоки ватан
Аз сабзаву гул пираҳан,
Наврӯзи хушпайк омада.

Пурнуртар шуд офтоб,
Шуд сози ҷӯ гӯё зи об,
Бедор олам шуд зи хоб,
Наврӯзи хушпайк омада.

Хуб аст асар бигзоштан,
Дони умеде коштан,
Домони ҳастӣ доштан,
Наврӯзи хушпайк омада.

## САНГТӮДА

Сангтӯда, рӯзгори тӯдасангият гузашт,
Мавҷи нурӣ, тӯдаҳои шамъҳоӣ баъд аз ин.
Тории шомат зи нури субҳи ваҳдат нест гашт,
Маскани созандаву сарҷамъҳоӣ баъд аз ин.

Нурҷӯе дар ҷаҳон аз ворисӣ Зардушт нест,
Аз ҳама ӯ пештар рӯ сӯи нур оварда буд.
Он ки ин оташ пайи дилсардии мо кушт, нест,
Дар танӯри сина ин оташ Худо парварда буд.

Нури Наврӯзи Аҷам мерос аз Ҷамшед монд,
Ин матои нур ҷои чодари абрӣ гирифт.
Баҳри мардони басабрат маскани хуршед монд,
Ҳар куҷо халқи дигар манзил зи бесабрӣ гирифт.

Аз азал тоҷик нури меҳр дар дил парварад,
Бесабаб фарзанди худро ӯ нахонад нури чашм.
Тӯтиё не, баҳри чашмаш нури донишро харад,
Оташи осудагӣ ҷӯяд ба рағми нори хашм.

Кард нури ақлу адлу дини ӯ нуронияш,
Хонаи торики дунёро зиёбахшанда аст.
Нури оламгир шуд дар давраи Сомонияш,
Аз ҳамон дам шамъҳои дар ҷаҳон рахшанда аст.

Нурҷӯӣ оқибат аҷдоди ман машҳур кард,
Нурбор аз оташи дилҳои сӯзон гашт Шарқ.
Ворисӣ равшандилаш аз об ҳосил нур кард,
Як нишони нури мақсуд аст ӯро нури барқ.

Аҷнабӣ то бехато ёбад ҳисоби аскараш,
Дод фармон: - Санг ин ҷо афканад ҳар нангдор.
Сангтӯда кам нашуд баъди шикасти лашкараш,
Баст дар ҷо санг тифли орзуи сангдор.

Лашкари нур аст номуси далерони ватан,
Аҷнабиро лашкари зулмот бар ёд оварад.
Пеш гирад хасми мо роҳи фирори хештан,
Тирагиро нури барқи ту ба фарёд оварад…

Сангтӯда нури хушбахтию нури ханда аст,
Партави фахру умеду нури фаҳми миллат аст.
Нури чашми дурбини сарвари арзанда аст,
Нури нангу шӯълаҳои иқтидори давлат аст…

## СУРУДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛӢ

Пайки рӯзи нек дорад субҳгоҳи маърифат,
Мебарад бар кӯи мақсад шоҳроҳи маърифат.
Барнахезад аз қадамҷои бузургонаш ғубор,
То абад рӯяд аз ин гулшан гиёҳи маърифат.
Мешавад пайдо нишони аввалу анҷоми нек
Дар ҳамин даргоҳи илму зодгоҳи маърифат.

Нақарот

Раҳбалад дар роҳи дури ҳикмат аст,
Парчами фатҳу ливои нусрат аст.
Давлати иқболи соҳибдавлат аст,
Шаҳсутуни кохи илми миллат аст.

Бахти андак нест, дорад номи миллатро ба худ,
Ин макони олимон, ин боргоҳи маърифат.
Дидагони ҳар зиёӣ меҳру моҳи кишвар аст,
Партави ҷовид бошад дар нигоҳи маърифат.
Умрҳо дарси ватандорӣ дар ин ҷо бигзаранд,
Рӯи мағлубӣ намебинад сипоҳи маърифат.

Нақарот

Раҳбалад дар роҳи дури ҳикмат аст,
Парчами фатҳу ливои нусрат аст.
Давлати иқболи соҳибдавлат аст,
Шаҳсутуни кохи илми миллат аст.

## ХУДОДОД

Ба дарёи дилам дурри сухан дорам,
Ба ин ганҷ обрӯ дар анҷуман дорам.

Тани урён агарчи омадам бар даҳр,
На дарвешам, амирам, пираҳан дорам.

Гули армону нахли орзуям сабз,
Ба дунё ҷовидон боғу чаман дорам.

Сафедиҳои мӯ нақши тараддудҳост,
Барои рӯзи марги худ кафан дорам.

Тамоми умр ҷон кандам, ҳазорон шукр,
Кунун ҳам ҷони ширин дар бадан дорам.

Худододам, ки баҳри зиндагиву марг
Умеди аввалу охир ватан дорам.

## ФАРЁДИ МАҶРӮҲ

Хоҳам, ки бинам беғубор оинаро, оинаро,
Хоҳони меҳри оламам, дидан нахоҳам кинаро.
Айёми хуби умри ман бигзашт дар майдони ҷанг,
Воҳасрато, гум кардаам тиллои ин ганҷинаро.

Ҷонам ба ҷисмам дар набард, аз дасти дард, аз зӯри дард,
Чандин баҳор омад, вале чун тирамоҳам рангзард.
Як тан бимонд он ҳам манам, як умр шуд ҷон меканам,
Ҳам бори худро мебарам, ҳам бори садҳо ҳамнабард.

Маҷрӯҳаму тӯфонасар бинам ғубори ҷангро,
Равған аз оташ дар гурез, оҳан нахоҳад зангро.
Шуд неш аз он дам нӯши ман, балки аз он дам гӯши ман
Пиндорад овози камон ширинтарин оҳангро.

Дилчокаму ғалбертан, ояд фиғон аз хоки ман,
Шодӣ ҳам охир ҳаст ғам баҳри дили ғамноки ман.
Пур аз ҷароҳат ҷисми ман, як зиндадаргӯр исми ман,
Тан чӯби нақшин аст агар, бошад адӯ ҳаккоки ман.

Бар дидагони нармдил хок аст олам, санг нест,
Баҳри ҳама ҷо мерасад, майдони дунё танг нест.
Маънии ҳастӣ ваҳдат аст, инсонпарсатӣ ваҳдат аст,
Аз баҳри сулҳ аст одамӣ, одам барои ҷанг нест…

## ВОХӮРӢ

– Маро ту мешиносӣ?
– Не.
– Ба ёд ор.
– Куҷое дидамат, кардам фаромӯш.
Чӣ мехоҳӣ, бигӯ, дорӣ агар кор,
Ба сад камфурсатӣ бар ту диҳам гӯш.

– Чӣ мехоҳад фидоӣ аз фирорӣ?
Зи хотир рафт даври ҳамнабардӣ?
– Ба фикрам аз парешонрӯзгорӣ
Маро ту бар касе монанд кардӣ.

– Ба ёд овар дами вазнинии ҷанг,
Зи майдон гум шудӣ ту ногаҳонӣ.
Туро ман мешиносам дар ҳама ранг,
Ҳамон майдонғарибӣ ту, ҳамонӣ.

Ниҳонҷо баҳри ҳифзи ҷони ширин
Ту кардӣ интихоб ахлотравро.
Ба мо бигзоштӣ майдони хунин,
Надонӣ қадри ҷони дар гаравро.

Ҳанӯз аз ҷисми ту бӯи бад ояд,
Ҳанӯз аз захми ҷисми ман равад хун.
Зи дасти ноҳақӣ ҷонам брояд,
Ба пастон мерасад шаҳҷоми гардун…

## ИСКАНДАР

Роҳ ях баста,то миён барф аст,
Аз дараш саг бурун намеояд.
Оби яхкарда хуфта дар зарф аст,
Аз сарангушт хун намеояд.

Бар тани чун ниҳолат аз сардӣ
Ҷони ларзанда сурати барг аст.
Ҳаст душвор бар ту раҳгардӣ,
Ҳар қадам дарду ҳар қадам марг аст.

Ҳавр не, аз даҳон барояд дуд,
Дар танӯри дил оташи дард аст.
Барф нақши паят кунад нобуд,
Хатзани номи мард номард аст.

Ҷома чун сарпаноҳ бар сардист,
Баҳри нам ҳаст хона попӯшат.
Ғайри сармо дигар ба олам нест
Васлҷӯе, ки гирад оғӯшат.

Дасти имдод агар диҳад иқбол,
Баъди як ағба мерасӣ бар деҳ.
Марг гирад савораро дунбол,
Аз савора пиёда рафтан беҳ.

Чашми хурду калон ба роҳат чор,
Дер кардӣ, ҳама парешонанд.
Интизорони маскани дидор
Олами ҳаҷрро чи медонанд.

То миён барф, роҳ ях баста,
Нони соли падар дар ин рӯз аст.
Нанг бахшад мадор бар хаста,
Меҳр оташ барои дилсӯз аст.

Дасти қисмат гирифт аз гӯшат,
Ҳалқае канда гашт аз пайванд.
Бехабар зиндагонӣ бар дӯшат
Бори як хонаводаро афканд.

Дар нишебу фарози роҳи умр
Хурд аз ҷумла раҳнавардонӣ.
Дар нигоҳи набардгоҳи умр
Кӯдаке байни ҳамнабардонӣ.

Дар гулӯ сулфа, ларза дар пайкар,
Ағбаро мурда-мурда бигзаштӣ.
Устухонат напухта, Искандар,
Устуни хонаи падар гаштӣ…

## ЁДИ ПАДАР

Ҳама дам ба ёд ой, наравӣ зи пеши рӯям,
Ҳама шаҳд заҳр гардад зи ғами ту дар гулӯям.

Ба раҳи ту чашми чорам, шабу рӯз интизорам,
Ба ҳазор дида ҷӯям қадами туро зи кӯям.

Дили бар ту меҳрбаста ба сарои ғам нишаста,
Гули зард гардад охир гули сурхи орзуям.

Ту ба доми кӣ фитодӣ, таги боми кӣ фитодӣ,
Хабарат расад, худат не, аламам ба кӣ бигӯям?

Зи гуруснагӣ намирам, ки Худост дастгирам,
Диҳад ӯ насибаи ман, ту магӯй ризқҷӯям.

Ту ба хоби ман дарой,зи дари ватан дарой,
Чу даме зи хоб хезам, накунӣ ту майл сӯям.

Ту наёр ҳеҷ чизам, туӣ аз ҳама азизам,
Ба Худо, агар наой, зи ҳаёт даст шӯям.

Ту макун дигар баҳона, ту биё-биё ба хона,
Кафи меҳри туст шона, ба сарам, ба мушкмӯям.

Агар аз сафар наой, равам аз ғами ҷудой,
Нарасад дигар ба гӯшат на садо, на гуфтугӯям.

## АШКИ ОҲОЛУДА

*Барои Масрур*

Хоб дида, набераам гиряд,
Гиряаш гиряи аламдор аст.
Гӯиё ки ба дӯши ин кӯдак
Бори тақдири марди солор аст.

Хоб дида, набераам гиряд,
Ҳаст ашкаш ба оҳ олуда.
Гарди осудагӣ ба дунё нест,
Нест вақте ки тифл осуда.

Хоб дида, набераам гиряд,
Меши раҳмаш бузург мегардад.
Бехабар, ки ба гирдаш аз хурдӣ
Зиндагӣ ҳамчу гург мегардад…

## ТАЗОД

Дар он хилват, дар он торикии дур
Харобони зи меҳнат хаста хобанд.
Дар ин хилват, дар ин сарманзили нур
Шикамдорони равғанбаста хобанд.

Дар он хилват накӯбад шишаро бод,
Набошад дар гулӯи ҷӯй овоз.
Дар ин хилват хамӯшӣ ҳаст фарёд,
Дари пӯшида худ аз худ шавад боз.

Дар он манзил, дар он маъвои хокӣ
Нишоне аз ғуборолудаҳо нест.
Вале дар манзили бе ҷои хокӣ
Нишоне аз ғуборосудаҳо нест.

Дар он манзил ҳама деворҳо паст,
Дару дарвозаҳо бе қуфлу занҷир.
Касе он ҷо надорад бар бадӣ даст,
Худотарсанд, доранд он ҳама пир.

Дар ин манзил ҳама девори Чин аст,
Ба ҳар дарвоза чандин қуфл бошад.
Хиёнатпешаро қисмат ҳамин аст,
Бало аз сояи худ метарошад.

Дар он манзил пайи ризқи ҳалоланд,
Фаровонӣ ба ҳар як дона бинанд.
Ба сад ранҷу азоби худ наноланд,
Нигини шукр дар ангуштаринанд.

Дар ин манзил тамаъҷӯ беҳисоб аст,
Зи амволи ҷаҳон серӣ надоранд.
Аз ин амвоҷ дар ҳайрат ҳубоб аст,
Ки оташро ба ҷангал ёд оранд.

Бубинӣ сурати худро дар обаш,
Дар он манзил ҳаво ҳам тоза бошад.
Рақам аз тозагӣ дорад ҳисобаш,
Дар он ҷое, ки одам тоза бошад.

Дар ин манзил вале гардад нафас танг,
Ҳаво дорад асар аз талхии дуд.
Аз ин олудагӣ гирад ҳама ранг,
Шавад покизааш ҳам гардолуд.

Дар он манзил ватан меҳр аст дар дил,
Дар ин манзил ватан ҳарфи забон аст.
Дар ин ду олами бо ҳам муқобил
Вафою бевафоӣ ҳукмрон аст…

## БАНДӢ

Ман дар ин баҳр нотавон астам,
Мавҷ мор, аждар аст тӯфонаш.
Теғ бар каф ҳазору як қотил
Сар бароранд аз гиребонаш.

Аз ҳубобаш мапурс ҳоламро,
Хешгумкарда чашми ҳайрон аст.
Соҳил аз қисматам хабар дорад,
Воқиф аз зарбаҳои тӯфон аст.

Банд мебуд агарки он мораш,
Зуд аз банди марг мерастам.
Аждараш заврақам намегардад,
Ман дар ин баҳр нотавон астам…

## ОФТОБИ МЕҲР

*Барои Абдураҳмони Абдуманнон*

Дар чашмаи умрат оби меҳр аст,
Бар рағми ҳама сароби меҳр аст.

Дар бахри ҳаёт мавҷи меҳрӣ,
Ҳайратзадаат ҳубоби меҳр аст.

Мижгони тамоми шабнишинон
Бедоргарони хоби меҳр аст.

Чашми ту нишони ҳарфи раҳме,
Чини ту хати китоби меҳр аст.

Бемеҳрӣ агар суол бошад,
Омода туро ҷавоби меҳр аст.

Норехта хун, шавад зафарёб,
Бетирзан инқилоби меҳр аст.

Мастии ту пастие надорад,
Он хӯрдаи ту шароби меҳр аст.

Ҳарчанд ки бегунаҳ касе нест,
Бисёр туро савоби меҳр аст.

Беҳтар зи ҳазор сабри бемеҳр
Як лаҳза туро шитоби меҳр аст.

Аз сӯхтан аст пухтагиҳо,
Ибратасарат кабоби меҳр аст.

Осоишу роҳати ҷаҳон ҳам
Аз кайфияти азоби меҳр аст.

Пурҷабр ба ҷони худ ту ҳастӣ,
Ин машқ барои тоби меҳр аст.

То даҳр ситамгар асту бемеҳр,
Дар оҳи ту изтироби меҳр аст.

Гармӣ диҳаду насӯзад асло
Нуре, ки дар офтоби меҳр аст.

Хушбахттарин касӣ, ки номат
Дар ҷадвали сарҳисоби меҳр аст.

## ХУДОГОҲ

*Ба Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ*

Дар сукуташ ҳазору як роз аст,
Ашки ӯ пур зи оҳу овоз аст.

Дар фазои худогаҳӣ як умр
Мурғи андешааш ба парвоз аст.

Шӯҳрати ӯ зи ҷуръаташ бошад,
Дар дабистони ҷуръат устоз аст.

Шоми ӯро зи субҳ фарқе нест,
Чашми соҳибхирад фақат боз аст.

Ҳам Самарқанду ҳам Бухоро рафт,
Нафрати ӯ ба турки Шероз аст.

Дар баландии осмони нанг
Дорад ӯ ҷойгоҳ, шаҳбоз аст.

Ворисӣ лашкари бузург аст ӯ,
Сарҳадаш дуртар аз Аҳвоз аст.

Фахр аз он мекунад, қадамҷояш
Шому Марву Ҳироту Дарвоз аст.

Ҳаст гардандароз як олам,
Лек кам мисли ӯ сарафроз аст…

## ХУНИ СИЁВӮШ

*Барои Сайидқул Билол*

Банди саду як фикрем, аз хеш фаромӯшем,
Аз кина ҷудо ҳастем,бо меҳр ҳамоғӯшем.

Сӯзему зиё бахшем, хуршедсифат рахшем,
Баҳри фараҳи мардум ғамбодаи дил нӯшем.

Оҳем, наво дорем, дардем, даво дорем,
Дар анҷумани ёрон ҳарчанд, ки хомӯшем.

Мо ҷавшани номусем, пироҳани номусем,
То ҳаст нафас боқӣ, ин гуна қабо пӯшем.

Аз хотири осоиш, ҷӯем раҳи созиш,
То хоб кунад дида,афсонашунав гӯшем.

Мо чашмаи ҷӯшонем, дарёи хурӯшонем,
Фарёди ҳама бар лаб, бори ҳама бар дӯшем.

Дар роҳи ҷавонмардӣ, дар ҷодаи ҳамдардӣ,
Ибратасари даҳрем, аз хуни Сиёвӯшем.

## ЗАБОНИ ВАТАН

*Ба Ҳамрохон Зарифӣ*

Осуда наӣ, мудом овора туӣ,
Аз ханҷари фикрҳо ҷигарпора туӣ.
Гоҳе ба қатора, гаҳ ба тайёра туӣ,
Роҳӣ ба ҳама кишвари сайёра туӣ.

Умри ту ба ҷодаи сафар мегузарад,
Аз сарҳади сад ранг хатар мегузарад.
Аз бори сиёсат ба ҷаҳон нест гарон,
Аз душ ҷароҳаташ ба сар мегузарад.

Ҳамсӯҳбати хубу ҳамраҳи хуб туӣ,
Ду дидаи пур аз нигаҳи хуб туӣ.
Аз фитнаи давр огаҳӣ осон нест,
Аз рози хамӯш огаҳи хуб туӣ.

Фахрам, ки ба дунё ту забони ватанӣ,
Ҳарфи нигаҳӣ, ту тарҷумони ватанӣ.
Аз мӯи сафедат, ки чу кӯҳи ватан аст,
Донам, ки ба ҳар мулк нишони ватанӣ…

## ПАЁМ

Шаб дар сиёҳкоғази қисмат паём дошт,
Аз баҳри килку ханҷари тезаш наём дошт.

Донандаи бузург кунад интихоби хуб,
Аз нур подшоҳу зи зулмат ғулом дошт.

Марде ба чашм айнаку хам рӯи коғазе,
Меофарид ҳарфу умеди калом дошт.

Марди дигар ба чашми камонранги тирдор
Аз баҳри сайд донаи макре ба дом дошт.

Дар зери боми хилваташ осуда пухтафикр,
Дар бим буд, он ки ба сар фикри хом дошт.

Дар лаб яке табассуми ширину рӯҳбахш,
Дигар ғубори маргасари интиқом дошт.

Дар оҳи пири ғамзада оҳанги марг буд,
Ҳастӣ ба нозгиряи кӯдак давом дошт.

Ҳар кас ба қадри фаҳм дар ин кӯҳнаборгоҳ,
Дар сар ҳавои орзу, дар дил маром дошт.

Он сози дилфиреб, ки ҳастем ошиқаш,
Дар пардаи сукут ҳазорон мақом дошт.

Шаб дар сиёҳкоғази қисмат паём дошт,
Ин нома и ҳар банда ном дошт.

## АТРИ НОУМЕДӢ

Дар хонаи хаёлам рахшанда як чароғ аст,
Саршори нур ҳавлӣ, дар соя ғарқ боғ аст.

Аз ҳусни навбаҳорон дигар нишон намондаст,
Аз аҳди лолазорон танҳо нишона доғ аст.

Аз қиблагоҳу модар, аз ҳамсару бародар
Нақши қадам наёбам, холӣ раҳи суроғ аст.

Ҳоким дар он қаламрав ҷои куҳан бувад нав,
Гунҷишк боғдору полездор зоғ аст.

Дил шуд зи теғи ғам реш,шуд нуши зиндагӣ неш,
Аз атри ноумедӣ зеро ки пур димоғ аст…

## ГИРЕҲ

Зи ҳушёрӣ агар мастӣ зиёд аст,
Гираҳ дар риштаи ҳастӣ зиёд аст.

Баландии мақоматро нигаҳ дор,
Ба роҳи зиндагӣ пастӣ зиёд аст.

Аз он хор аст инсон, хордастӣ
Дар ин дунё зи гулдастӣ зиёд аст.

## ДАРДИ УМР

– Мекунам ёд кӯдаконамро,
Шираи мағзи устухонамро.
Омад овози оҳолудаш,
Рехт ашкам зи талхии дудаш.

Гуфтам ин дарди умр бар ман бас,
Баччаи роҳдурам аз ин пас
Қадри чашми ба роҳро донад,
Маънии қиблагоҳро донад…

## РАСМИ ЗАМОН

Фарёд, даво ба дард хомӯш накард,
Ҳифз аз хатари неш маро нӯш накард.

Як бор фараҳ ёд наовард маро,
Як умр маро ғусса фаромӯш накард.

Як дида маро надиду як дасти мадад
Аз бори гарон сабук маро дӯш накард.

Оғӯш кушодаму дареғо, ки маро
Гумкардамуҳаббати ман оғӯш накард.

Дер омадӣ, эй марг, бимурдам барвақт,
Аз он ки ягон зинда маро гӯш накард…

## НОСИПОСӢ

Заҳмати роҳ фаромӯш шавад,
Хидмати чоҳ фаромӯш шавад.

Аз кафи хирман агар дона равад,
Тӯдаи коҳ фаромӯш шавад.

Мӯҳри шабро, ки супурданд ба рӯз,
Партави моҳ фаромӯш шавад.

Ба фалак нағмаи ҷашни саҳар аст,
Базми бегоҳ фаромӯш шавад.

Токи бехӯша натобад ба назар,
Дасткӯтоҳ фаромӯш шавад.

Баъди доро шудани қавми гадо
Мадади шоҳ фаромӯш шавад.

Даври ҳукми дили ноогоҳ аст,
Дили огоҳ фаромӯш шавад.

Зиндагӣ дар ҳаваси даргаҳи нав,
Кӯҳнадаргоҳ фаромӯш шавад…

## МАҶМӮИ ҒУБОР

Онҳо, ки вазифа муфт мегиранд,
Маҷмӯи ғубори роҳи тақдиранд.
Доғи сияҳе ба хилъати испед,
Мӯянд, ки дар хамиру дар ширанд.

Онҳо, ки вазифа муфт мегиранд,
Бар хоби муроди хеш тадбиранд.
Марганд барои зиндагихоҳон,
Чашмони камоннигоҳи пуртиранд.

Онҳо, ки вазифа муфт мегиранд,
Чун кӯҳнагадои чашмносеранд.
Гар зиндаанд, аз барои худ зинда,
Миранд агар, барои худ миранд.

Онҳо, ки вазифа муфт мегиранд,
Дур аз амали насиҳати пиранд.
Чоҳанд ба роҳи раҳравони дур,
Бар пои равони халқ занҷиранд.

Онҳо, ки вазифа муфт мегиранд,
Аз беҳунарони мулки тасвиранд.
Чун номаи пурхатои даври хеш
Маҳрум зи лутфи килки таҳриранд.

Онҳо, ки вазифа муфт мегиранд,
Бар фарқи сари диёр шамшеранд.
Бар шаҳд чу гарди заҳр омезанд,
Симобсифат дарозтаъсиранд…

## БАХШИШТАЛАБ

Дурам аз дилозорӣ,
Дар бари дилозорам.
Дурам аз сияҳкорӣ,
Шоҳиди сияҳкорам.

Эй Худо, умедам бахш,
Ҷодаи сафедам бахш.

Неки ҳамнишини бад
Дар ҳисоби бадном аст,
Субҳи козиби мақсад
Аз қаламрави шом аст.

Эй Худо, умедам бахш,
Ҷодаи сафедам бахш.

Ғайбати дигарҳоро
Кардам аз хато тасдиқ,
Пеши ту диҳам фардо
Ҳар ҷавоби бетаҳқиқ.

Эй Худо, умедам бахш,
Ҷодаи сафедам бахш!

## ДЕВОНА

Ҳам дару девор тар, ҳам хона тар,
Шиша тар, фонус тар, парвона тар.

Аз ғизои хушк низ осор нест,
Нон ба дастархон, ба халта дона тар.

По шавад тар аз палоси тар агар,
Аз тарии ҷома гардад шона тар.

Маст чашмаш аз шароби ашки меҳр,
Бе мае ӯро бувад паймона тар.

Мебарояд бегунаҳ хушк аз тарӣ,
Кист то гӯяд варо мардона тар?

Дӯст дорандаш ҳама, зеро ки нест
Баҳри ӯ аз хештан бегонатар...

## ҲАСРАТИ ИНТИЗОР

Дуо дорад ба каф ӯ, зар надорад,
Ба ҷуз ашки вафо гавҳар надорад.

Зи ҳар як парварида мекунад фахр,
Аз ин беҳтар ватанпарвар надорад.

Шавад рӯҳаш баланд аз бурди шогирд.
Хаёли бурди худ дар сар надорад.

Набинад рӯ ба рӯ шогирдро лек,
Ба чарху гардишаш бовар надорад…

## ДАРКИ ХАТАР

Баҳор рафт, дигар турнаҳо намеоянд,
Ба роҳ об шавад чашми мо,намеоянд.

Замин камони пур аз тири дидаро монад,
Зи дарки бонги хатар аз само намеоянд.

Тамоми донафишонӣ ба хотири дом аст,
Ба хирмани пур аз фанду фано намеоянд.

Зи бими лашкари бегонахоҳи ғофилмарг
Ба кӯи ҳампари дерошно намеоянд.

Барои ҳифзи мақоми баландпарвозӣ
Ба ҷашни соли нави пастҳо намеоянд.

Зи кина доштани розҳо хабар доранд,
Кунӣ ҳазор дари меҳр во, намеоянд.

«Забони сурх сари сабзро диҳад барбод,»
Дигар мадеҳ савол, ки «чаро намеоянд» ?

## ДАР БАЗМИ ЗАФАР НОЗИМ

Устоди раҳи ҳунар ту ҳастӣ,
Байни ҳама мӯътабар ту ҳастӣ.

Машҳур шудӣ ба «Сорбон»-ат,
Огаҳ зи раҳи сафар ту ҳастӣ.

Аз «Сурху сафед » -и ту ҳувайдост,
Дилдодаи номвар ту ҳастӣ.

Мардона «нарӯ-нарӯ» бигӯӣ,
Бо лаҳни хушат дигар ту ҳастӣ.

Пирона агарчи сар кашидӣ,
То ҳол ҷавонписар ту ҳастӣ.

Рафтӣ ҳама дам ба ҷустуҷӯяш,
Шамсе зи пайи қамар ту ҳастӣ.

То бинӣ ту боз рӯи хуршед,
Шаб банди ғами саҳар ту ҳастӣ.

Алқисса, ба корзори ҳастӣ
Соҳибзафарӣ,Зафар ту ҳастӣ.

## РОБИА

Хеши дурам суроғи ман омад,
Хеши дурам шуд аз ҳама наздик.
Тирамоҳ ӯ ба боғи ман омад,
Бар хазонаш чӣ сон кунам табрик?

Навбаҳораш ба ёд овардам,
Буд ҳулбӯ, сиёҳгӯш ӯ буд.
Чашм пӯшида гиряҳо кардам,
Сабзаи рустаи лаби ҷӯ буд.

Рӯзгоре, ки ман ҷавон будам,
Ӯ қадам бар ҷаҳони ҳастӣ монд.
Аз пояш дидаи равон будам,
Ёди пур аз дароздастӣ монд.

Ду бародар буданду як хоҳар,
Нозбардори ӯ ҳама буданд.
Буд Робиа аз дигар модар,
Баҳраш афсонагӯ ҳама буданд.

Монд афсона дар ҳамон айём,
Зиндагонӣ ҳақиқати ҳол аст.
Комдораш шавад гаҳе ноком,
Гоҳ тӯтизабони ӯ лол аст.

Хандааш гиря, ростияш фанд,
Зери бори гарони тақдир аст.
Хона ҳам дар нигоҳи бефарзанд
Тира аз гӯр ҳаст, дилгир аст…

## ХОМӮШТАР ЗИ АБР

Марде даруни хаймаи шаб гиря мекунад,
Бар ҳоли зори ному насаб гиря мекунад.

Марг аст зиндагонии қавмаш ба фаҳми ӯ,
Бадро, ки дид некталаб, гиря мекунад.

Сӯзад дилаш ба қисмати фардои кишвараш,
Аз сӯз гиря мекунад, на зи таб гиря мекунад.

Ларзад вуҷуди мо ҳама фарёд агар кунад,
Хомӯштар зи абр, ба лаб гиря мекунад.

Ангушти сад хаёли навоҷӯи бенаво
Нохун занад ба тори асаб, гиря мекунад.

Аз дур савти базму навои тараб расад,
Андӯҳгин ба базму тараб гиря мекунад.

Хун мехӯрад якеву дигар мехӯрад гулоб,
Аз лолии сипоҳи ғазаб гиря мекунад.

Дар ғуссаи шабаш асари рӯзи шодӣ аст,
Пайдост аз чӣ аҳли адаб гиря мекунад.

Марде даруни хаймаи шаб гиря мекунад,
Дорад барои гиря сабаб, гиря мекунад…

## ПУШАЙМОНӢ

Моро ҳунари дошта душман гардад,
Ҳар зарра зари дошта душман гардад.

Рӯзе хабар аз ганҷи ниҳонаш бирасад,
Бар хона дари дошта душман гардад.

Эй нахл, ҳама навдаву шохат шиканад,
Бори самари дошта душман гардад.

Аз пашшаву занбӯр кашӣ ранҷи зиёд,
Шаҳду шакари дошта душман гардад.

Ҳарфе ба ҷуз аз каломи ҳақ комил нест,
Ҷамъи назари дошта душман гардад.

Ман душмани хешам, гила аз ғайр чӣ суд?
Ҳар як асари дошта душман гардад.

## ТАЪКИД

Рӯҳи падари туро ба хобам дидам,
Берун шуда хашмгин зи як кӯҳналаҳад.
Аз ҳарфу ишора мақсадаш фаҳмидам:
Поро писарам бурун гузорад аз ҳад.

Баргӯй ба ҷустуҷӯяш овора манам,
Ҳам хеш варо кобаду ҳам бегона.
То кай ба миёни шаҳру деҳ тор танам,
Дорад ба ҳама гӯшаи кишвар хона.

Фаҳмон, надиҳад ош ба номам ҳама ҷо,
Хайр ӯ зи ҳисоби ғорати худ накунад.
Хайраш нашавад ба дарди аъмол даво,
Аз хоки дигар иморати худ накунад.

Охирсуханаш намеравад аз ёдам,
«Таъкид бикун, аз пайи тадбир шавад.
Аз мансаб агар варо нагирад одам,
Шодӣ накунад, яқин худогир шавад»…

## САГИ ПИР

Ашк ях бастаст дар чашмаш магар?
Дар нигоҳаш гарм ҳам сард аст,сард.
Устухон не, мехӯрад хуни ҷигар,
Гаштааст аз фикри беқадрӣ бадард.

Хоб хоҳад, даври бедорӣ гузашт,
Тиратар мебинад аз шаб рӯзро.
Бо ҳазорон дида ҳам дар ҷои гашт
Ӯ намебинад ягон дилсӯзро…

Бар машомаш мерасад бӯи кабоб,
Ояд ин бӯ аз куҷо, дорад хабар.
Гаҳ ба ранҷи гушнагӣ оварда тоб,
Рӯ намеорад ба даргоҳи дигар.

Афкананд аз ноилоҷӣ сӯи ӯ
Гаҳ нигоҳи зӯракии эътибор.
Баски сӯзу нолиши як фошгӯ
Мекунад рози замонро ошкор.

Сар ба рӯи по ба ҷо биншастааст,
Мушкил аст аз ҷой ҳар дам хестан.
Гӯӣ безанҷир дар ҷо баста аст,
По набардорад аз ин пас бори тан.

Огаҳ аст аз ҳар гуселу пешвоз,
Он ҳама дар пеши чашмаш бигзарад.
Соҳибаш дар дил шабу рӯзи дароз
Фикри аз дар рондanaшро парварад…

## ТИРАМОҲ

Аспи сияҳи абр бурун аз гала рафт,
Хуршед хӯрад хун, ки зи каф машъала рафт.

Дар боғ зи сабзрангӣ осор намонд,
Хушкид ҳама, зи хок ҳам ҳавсала рафт.

Дарё ба лабаш вожаи ҳасрат дорад,
Айёми хурӯшу давраи валвала рафт.

Ҷуз ҳамлаи гурги бод бар раммаи барг
Аз хотири дузд ҳам хаёли тала рафт.

Дармонда ҳисоб асту дар андеша рақам,
Аз дасти қалам даври ҳали масъала рафт.

Пайҳо зи раҳи суроғҳо канда шаванд,
Зеро ҳама чиз аз бисоти пала рафт.

## ҲАЙРАТ

– Ин роҳ куҷо барад, надонам,
Музтар ба саволам истгоҳ аст.
Аз ҳарфи пайи навишта хонам,
Аз марг гарон як иштибоҳ аст.

Бар раҳбаладаш надорам ихлос,
Аз ҳар қадамаш ғубор хезад.
Ин роҳ агар аст роҳи мерос,
Аз дида зи гардаш об резад.

Ночор ба ҳукми ӯ равонам,
Ҳам роҳу ҳам истгоҳ аз ӯст.
Ин роҳ куҷо барад,надонам,
Ин ҷодаи пур зи чоҳ аз ӯст…

## МАРГИ БАРМАҲАЛ

Хабар омад: – Фалонӣ даргузаштаст.
Расид овоз: – Кӣ донад раҳашро?
– Раҳаш бар кӯи мақсад буд маълум,
Намедонем роҳи даргаҳашро.

– Дигарҳо ҳам намедонанд кӯяш,
Касеро ӯ ба даргоҳаш набурдаст.
– Сари гӯри куҳан рафтан чӣ ҳоҷат,
Намурдаст ӯ кунун, барвақт мурдаст…

## ПОСУХ

Дигар маро мапурс,
Аз ман ту гап магир.
Дар сафҳаи замон
Ҳолам навиштаанд:
Шуд дар ҷавониаш
Аз нанг гандапир…

## БУЗУРГӢ

Миёни тирагии шаб
Ду чашми шамърангаш пур бувад аз нури бедорӣ,
Зи як сарбози хурди нур тарсад лашкари торӣ…

## ҲАСРАТ

Дар роҳи висол аз интизорӣ мурдам,
Зӯрӣ, ки надоштам, зи зорӣ мурдам.

## МУНОҶОТ

Сарват кунад аз ёр ҷудо ёронро,
Бар ёр макун зор Худо , ёронро.

## ТАЪСИР

Дигар даво ба дарди мани решдил маҷӯ,
Тири замон ба пайкари ҷонам асар кунад,
Мири хазон ба боғи уммедам қадам занад,
Абри сияҳ фурӯ барад амвоҷи нурро…

## ТАНОБИ САНГ

Дар ин замина надорад асар касе то ҳол,
Ки сода зистан аз ифтихор маҳрум аст.
Ба ҷодае, ки равонӣ, нигар, фақат чанде
Таноби санг ба чанги итоати мум аст…

## НАЗОРАТ

Таҳ ба таҳ бошад суханҳояш дурӯғи маҳз,
Он кӣ мегӯяд дар ин кишвар назорат нест.
Баҳри тасдиқи сухан дорам далели беш,
Дар мазори нафс бар гӯрам иҷозат нест…

## ҚИСМАТ

Агар як бор созам шиква аз умр,
Кунад сад шиква аз ман зиндагонӣ.
Аҷал занг аст, пешаш н-оварад тоб
Агар бошад аз оҳан зиндагонӣ.

## ЭҲТИЁТ

Дар замони покияш мешуст дасташро ба об,
Гар ғизояш буд нони хушк ё нуқлу кабоб.
Ин замон тарсида аз нопокияш,
Нагзарад то дарди нопокиш бар покизагон,
Шӯяд ӯ дастони худро бо шароб…

## ШИОР

Нанг оядам аз бохтан, умеди бурдан мекунам,
Мӯҳру ливои бахтро ҳифз аз супурдан мекунам.
Ҷӯям ҳаёти ҷовидон аз олами фонинишон,
Тай шоҳроҳи умрро то рӯзи мурдан мекунам…

## ПАСИ ПАРДА

Ба каф мепӯшад ӯ чашмони уммед,
Ба ҷои тут бинад боғи пурбед.
Паси абри сиёҳи давр монда,
Итоат мекунад бар соя хуршед.

## МАРГИ НУР

Зулматистон аст имшаб, барқ нест,
Гӯиё маҳтоб ҳам дар шарқ нест.
Ҳаст холӣ шамъи чашм аз мавҷи нур,
Байни нобинову бино фарқ нест.

## БАҲО

Ту бо теғи забон моро бикуштӣ,
Туӣ ғолиб ба майдони дуруштӣ.

## ДАР КАВИР

Ду мард дар каviранд,
Барно ва ё ки пиранд.
Бандaнд бо ғами хеш,
Худро фақат пазиранд.

Гум кардаанд раҳро,
Ёрони худ-сипаҳро.
Дар фаҳм агарчи ҳар ду
Мардони беназиранд.

Дар кӯза об доранд,
Ҳар ду азоб доранд.
Донанд худ баробар
Дарвеш ё амиранд.

Роҳи наҷот ҷӯянд,
Ҳар ду ҳаёт ҷӯянд.
Ҳастанд мурғи бепар,
Дар банди марг асиранд.

Ҷонҳо ба лаб расида,
Пурашк ҳар ду дида.
Аз баҳри об охир
Аз дасти ҳам бимиранд.

Ду мард дар кавиранд,
Худро фақат пазиранд.
Даҳр аст кӯза дар чашм,
Гӯё дар обгиранд.

## ШАМЪИ ИШҚ

Ба сӯзи ишқ кун бовар,
Макун ин шамъро хомӯш.
Дар ин бозист як довар,
Макун бар ҳарфи мардум гӯш.

Ба роҳи кӯи ишқи ман
Пайи гарди фиребе нест.
Надорад заррае оҳан,
Дили хунгашта себе нест.

Агар аз ман ҷудо гардӣ,
Шавам аз худ ҷудо ман ҳам.
Надонам ноҷавонмардӣ,
Битарсам аз Худо ман ҳам.

## БЕ ТУ

Нахоҳам бе ту як дамро,
На ҳастиро, на оламро,
На шодӣ гаштани ғамро,
На афзун дидани камро,
Нахоҳам бе ту як дамро.

Ту бошӣ, ҳар камам беш аст,
Даво пайдо ба ҳар реш аст,
Баробар шоҳу дарвеш аст,
Набошӣ, нӯши ман неш аст,
Нахоҳам бе ту як дамро.

Туро гаҳ хоб мебинам,
Ба шаб маҳтоб мебинам,
Ба хушкӣ об мебинам,
Табамро тоб мебинам.
Нахоҳам бе ту як дамро.

Гули райҳони ман ҳастӣ,
Гули армони ман ҳастӣ,
Баҳори ҷони ман ҳастӣ,
Баҳористони ман ҳастӣ,
Нахоҳам бе ту як дамро.

Нахоҳам бе ту як дамро,
На ҳастиро, на оламро,
На шодӣ гаштани ғамро,
На афзун дидани камро,
Нахоҳам бе ту як дамро.

## ДАЪВАТ

Биё, ки аз ҳаваси ишқи ту бимирам ман,
Биё, ки бе нафаси ишқи ту бимирам ман.
Ман оташам, ки надорам ниёз бар гавҳар,
Вале барои хаси ишқи ту бимирам ман.

Биё, биё, ки маро бе ту ашк ҳам оҳ аст,
Биё, ки бе ту ба роҳам ҳазору як чоҳ аст.
Биё, биё, ки дар ин шаҳр хонаи гармам,
Ки бе ту сарду ғамовар зи ҷумла даргоҳ аст.

Биё, ки бе ту ҳаётам ҳаёти маҷбурист,
Биё, ки зиндагиям бе ту зиндадаргӯрист.
Биё , ки бо ту ҳама умри талх ширин аст,
Биё, ки аз ҳама душвор ранҷи раҳдурист…

Биё, ки аз ҳаваси ишқи ту бимирам ман,
Биё, ки бе нафаси ишқи ту бимирам ман.
Ман оташам, ки надорам ниёз бар гавҳар,
Вале барои хаси ишқи ту бимирам ман.

## МЕҲРГУМКАРДА

Ба чашмат ашки ғаму дар гулӯят оҳе нест,
Ба кӯи меҳр ба бемеҳр ҳеҷ роҳе нест.
Ба ҳоли ошиқи дилсӯхта накардӣ раҳм,
Гузашт аз ту гуноҳе, маро гуноҳе нест.

Наёфтам сухани дил зи номаи розат,
Навои гиря нарезад зи пардаи созат.
Агарчи буд зи тори вафо, набигрифтӣ
Матои ишқи маро ту ба гавҳари нозат.

Ба мушкилоти ту бегона ҳаст осонӣ,
Нишони ҷамъ наёбад кас аз парешонӣ.
Зи мулки ҳасрати худ ту маро маҷӯ дигар,
Макун умеди самар аз гули пушаймонӣ.

## ТАЪХИР

Омадӣ дер ту,ҷоят банд аст,
Дили ман-кӯи вафоят банд аст.
Ашки ту укдаи ғам бошад агар,
Чӣ кунам, укдакушоят банд аст.
Бандаму растани ман душвор аст,
Ба ту дил бастани ман душвор аст.

Бахт овард ба ман пеш аз ту,
Меҳр дорад ба ман ӯ беш аз ту.
Рӯйи сурхи ман аз он хунҷигар аст,
Ман нахоҳам, ки хӯрад неш аз ту.
Аҳд бишкастани ман душвор аст,
Ба ту дил бастани ман душвор аст.

Қувва бахшад ба дилам, хаста манам,
Такягоҳ аст, чу биншаста манам.
Ба ҳамон силсилаи меҳру вафо
Сахт чун ҳалқаи пайваста манам.
Ба ту пайвастани ман душвор аст,
Ба ту дил бастани ман душвор аст.

## ҒАМИ ВИДО

*Дар сӯгвории додарам Саид Ғоиб*

Ҳар лаҳза ба теғи ғусса афлок
Созад дили чокам аз дигар чок.

Парвои фиғони ман надорад,
Раҳме накунад ба Кова Заҳҳок.

Дузд асту ду дидааш ба зар банд,
Бигзашта равад зи пеши хошок.

Парҳезгаре ба чашмаш афтод,
Хуш кард зи ҷумла покҳо пок.

Донои забон забонгирифта,
Берун бувад ин зи фаҳму идрок.

Аз доғ дари дил аст пурнақш,
Кард ӯ амали ҳазор ҳаккок.

Носер зи хони умр рафтӣ
Бар хонаи охират ту чолок.

Ғамҳои тамоми умр ҳеҷанд
Дар пеши ғами видо ба ғамнок.

Фулх аст ҷигар, яқин гузаштаст
Аз мӯҳлати пухтани худ ин нок.

Гар ҷамъ кунанд ашкҳоям
Бисёр шавад зи рӯди Элок.

Бе поя, ба сад ҳазор хӯша
Маҳруми хамӣ намешавад ток.

Ин хишт, ки зиндагист номаш
Будаст зи ибтидош ковок.

Баъди ту дигар надорам аз марг
Як зарра ҳаросу қадри мӯ бок.

Бигзор, ки бе ту заҳр гардад
Дар коми мани намурда тарёк.

Инсофи бародарӣ намондаст,
Ман обу ту меҳӯрӣ кунун хок…

## ТОРИ КАНДА

Ту дигар аз сари роҳам набарой, додар,
Ба ман аз меҳр бағал ҳам накушой, додар.

Баски пайдо нашавӣ дар дами бедории ман,
Мекунам хоб, ки дар хоб дарой, додар.

Ду нашуд бо ҳама ранҷе ки кашидӣ, яки ту,
Баъд аз ин он яки ғамро ду намой, додар.

Мо ба якҷоягии хеш, ки сад ғам дорем,
Ту чӣ сон тоб биорӣ ба ҷудой, додар?

Тори умри ту шуд аз ҳалқаи ҳастӣ канда,
Сози хобидаи маҳруми навой, додар.

Ҳама ҷамъияти мо ҷои туро пур накунад,
Донаи рехта аз хӯшаи мой, додар.

Ба раҳи рафтаат аз омадан осоре нест,
Пеши ту меравам охир, ту наой, додар.

## МАЗОРИ ҒАМ

Заҳркомам, шакар намеёбам,
Сардҷонам, шарар намеёбам.
Дар шикастам, зафар намеёбам,
Додарамро дигар намеёбам.

Аз хаёлаш намебарад хобам,
Аз ҳама дардманд пуртобам.
Хушкӣ аз чашми тар намеёбам,
Додарамро дигар намеёбам.

Хонааш бедар асту беравзан,
Нест роҳе ба он дароям ман.
Ғайри худ хонахар намеёбам,
Додарамро дигар намеёбам.

Дуриаш кард аз ҳама дурам,
Рафтанаш кард зиндадаргӯрам.
Бар сарам хок, сар намеёбам,
Додарамро дигар намёбам.

Аз ғамаш дил мазори ғам гаштаст,
Доғу хун лолазори ғам гаштаст.
Ранги худ хунҷигар намеёбам,
Додарамро дигар намёбам.

Бе бародар ҳаёт ҳам марг аст,
Нахли бемева ҳасту бебарг аст.
Сад биҷӯям, самар намеёбам,
Додарамро дигар намеёбам.

Додари номдори ман бигзашт,
Шодию ифтихори ман бигзашт.
Аз ҳамон давр асар намеёбам,
Додарамро дигар намеёбам.

Ғайри гумгаштаам ҳама пайдост,
Ғайри бигзаштаам ҳама пайдост.
Шодии ғуссабар намеёбам,
Додарамро дигар намеёбам.

## БӮИ ҒАМ

Додарам бар ёд меояд, дилам гум мезанад,
Аз дилам фарёд меояд, дилам гум мезанад.

Аз замини шеъри бо оби ҷигар парвардааш
Накҳати эҷод меояд, дилам гум мезанад.

Аз ғазалҳои дилангезу муҳаббатпарвараш
Бонги истеъдод меояд, дилам гум мезанад.

Дар ҳамон водӣ баланд аз ӯ забондоне набуд,
Пеши рӯ устод меояд, дилам гум мезанад.

Кохи навбунёди мақсудаш тамомиро надид,
Нола аз бунёд меояд, дилам гум мезанад.

Ҷашнаш аз беэътиноӣ гашт бар мотам бадал,
Ғам муборакбод меояд, дилам гум мезанад.

Ҷои он овози ширинаш ба гӯшам ҳар замон
Аз мазораш бод меояд, дилам гум мезанад.

Рафт ғамдор аз ҷаҳон аз базми дилноогаҳон,
Ёд он ношод меояд, дилам гум мезанад.

Баҳри ҷӯи умр хӯрд ӯ фанди Ширини замон,
Оҳи он Фарҳод меояд, дилам гум мезанад.

Қадри имкон буд сӯяш дасти имдодам дароз,
Навбати имдод меояд, дилам гум мезанад.

Сад тасалло ҳам диҳам худро Муҳаммад, бӯи ғам
Аз фараҳобод меояд, дилам гум мезанад.

## СОҲИБИ ВАТАН

Додарам рафт, рафт, ман мондам,
Мурдам аз ғусса, шод рӯҳаш бод.
Хасми ҷонро зи мулки тан рондам,
То нагардад ғуломи яъс озод.
Додарам рафт, рафт, ман мондам,
Зинда чун соҳиби ватан мондам…

## ДАРДИ ГАРОН

*Барои Солеҳа*

Ҷуфти ту тоқ шуд,
Васлат фироқ шуд.
Сабти никоҳи ту
Хатти талоқ шуд.

Ҳамбистарат гузашт,
Зуд аз барат гузашт.
Тири камони умр
Аз пайкарат гузашт.

Мор аст зиндагӣ,
Душвор бандагӣ.
Море намекунад
Тарки газандагӣ.

Мекардӣ ифтихор
Аз ҷуфти номдор.
Пӯшида аз камӣ
Чашмони эътибор.

Кам буду ғам набуд,
Ғам баҳри кам набуд.
Аз бахти худ туро
Як шиква ҳам набуд.

Буд оҳи ту хамӯш,
Даргоҳи ту хамӯш.
Ҳаргиз намерасид
Овози ту ба гӯш.

Мегуфт марду зан
Аз лолият сухан.
Ғофил, ки оҳи туст
Фарёди анҷуман.

Дар марги ҳамсарат,
Гӯё баробарат
Бонги садо расид
Аз хонаву дарат.

Оҳу фиғон шудӣ,
Дарди гарон шудӣ.
Будӣ ту хонадор,
Як хонабон шудӣ…

Ҷуфти ту тоқ шуд,
Васлат фироқ шуд.
Сабти никоҳи ту
Хатти талоқ шуд…

## НАВҲА

Аз меҳрпарварӣ
Ду дидаи тарӣ.
Аввал агар Худост,
Дуввум ту, модарӣ.

Модар, ягонаӣ,
Сарпӯши хонаӣ.

Вақте падар гузашт,
Якбуда ним гашт,
Аммо касе нагуфт,
Тифлат ятим гашт.

Баъди гузашти ту,
Аз ҷои гашти ту
Ояд садои бим,
Оҳу ғами ятим.

Шуд бе ту нӯш неш,
Шуд ҷамъи мо пареш.
Бе ту ками камем,
Боҳам чу беҳамем.

Бар сарварон сарӣ,
Бар хонаҳо дарӣ.
Аввал агар Худост,
Дуввум ту, модарӣ.

## ДАР РОҲИ ДЕҲА

Нигоҳи обӣ аз чашми тарам мерафту меомад,
Ҳазор андешаи умр аз сарам мерафту меомад,
Дили ғамдор гӯё аз барам мерафту меомад,
Аз ин роҳи камодам додарам мерафту меомад.

Зи ӯ хунгаштаву дилпоратарро ман надорам ёд,
Аз он сон чорагар бечоратарро ман надорам ёд,
Ба кӯи орзу оворатарро ман надорам ёд,
Ба решаш ҷуста марҳам, додарам мерафту меомад.

Аз ин раҳ як қадам берун намонда, рӯи олам дид,
Ба ҷои гарди хурсандӣ ғубори умри пурғам дид,
Надид осудагӣ ҳаргиз, пайи ҳар ид мотам дид,
Ду чашмони пур аз нам додарам мерафту меомад.

Ба дарди коҳиши илми замони худ давоӣ буд,
Ба майдони набарди касби душвораш фидоӣ буд,
Ба ҳар ноошно ҳам мақсади ӯ ошноӣ буд,
Пайи ин ганҷи олам додарам мерафту меомад.

Ба ҳар сӯ дигарон рафтанд, холӣ чанд меҳан буд,
Миёни мондагон як посбонаш додари ман буд.
Ба рағми тирадилҳои замон як фикрравшан буд,
Миёнро баста маҳкам, додарам мерафту меомад.

Аз ин пас дар ҳамин раҳ он мусофирро намебинам,
Ба роҳи сафҳаранг осори шоирро намебинам.
Чӣ дар даст, ин ки пеши дида ҳозирро намебинам,
Пайи таълими одам додарам мерафту меомад.

Бичӯям аз ҳамин роҳи кӯҳан накши қадамҳояш,
Таҳи хоки ватан бошад ниҳон дони аламҳояш,
Барои шодии фардоиён буданд ғамҳояш,
Зи бори фикр сархам додарам мерафту меомад.

Аҷал аз шарбати ҳастӣ агарчи кард нокомаш,
Баландиҷӯ асар аз зина дорад бар лаби бомаш.
Дар он роҳе,ки нангаш кард охир соҳиби номаш,
Кунам фарёд ҳар дам, додарам мерафту меомад.

## ҲУШДОР

Ҳубобро пас аз ин чашми об мебинам,
Ҳазор баҳр ба ҷои сароб мебинам.
Ба ҳар нафас асари изтироб мебинам,
Ба ҳар савол нишони хитоб мебинам,
Тамоми гумшудаҳоро ба хоб мебинам.

Падар гузашту зи дарди фироқ модар рафт,
Ба ҳукми бекасӣ афтод сар, чу ҳамсар рафт.
Ба бар намонд мадори дилам, бародар рафт,
Ҷигар ба оташи ҳастӣ кабоб мебинам,
Тамоми гумшудаҳоро ба хоб мебинам.

Шиносҳои куҳан аз пайи дигар рафтанд,
Қатори ҳамлашикан аз пайи дигар рафтанд,
Фидоиёни ватан аз пайи дигар рафтанд,
Нишони сабр надида, шитоб мебинам,
Тамоми гумшудаҳоро ба хоб мебинам.

Хазон баҳори маро низ аз пай афтодаст,
Ту гӯӣ бар дари зиндони марг озод аст,
Ғубори хуфтаи хомӯш ҳам ба фарёд аст,
Нишаста бар лаби бом офтоб мебинам,
Тамоми гумшудаҳоро ба хоб мебинам.

Ҳазор бор кунам фикр, пас қадам монам,
Қадам ба роҳи пур аз гарди дарду ғам монам,
Чу ҷадвал аст агар даҳр, бар рақам монам,
Бақои умр ҳама дар ҳисоб мебинам,
Тамоми гумшудаҳоро ба хоб мебинам.

Равам агарчи аз ин даҳр, номи ман монад,
Нишастҷой ба толори анҷуман монад.
Таронаҳои пур аз қисмати ватан монад,
Ба нолаҳои хамӯш инқилоб мебинам,
Тамоми гумшудаҳоро ба хоб мебинам.

## ҚАЛАМРАВИ ХАЁЛ

Дар роҳу қаламрави хаёли ман,
Дар хотираҳои дерсоли ман
Ҳар рафта нишони омадан дорад,
Пайванд шавад шикастаболи ман.

Ҳезум шиканад падар паси девор,
Омода шавад ба нонпазӣ модар.
Додар, ки муаллим аст, мехонад
Дар мактабу хона аз ҳама пуртар.

Тарҳи дами наврасии худ бинам
Бонигари токзору полез аст.
Хунташнаи зоғу майнаву гунҷишк,
Дар пуштаи хокаш атромез аст.

Саҳрои кушоду роҳу пайроҳаш
Ҷои давутоз буд баҳри ман.
Вақте ки аз он диёр бастам кӯч,
Шуд шаҳди ҷаҳон ба ком заҳри ман.

Дар хонаи адлу мактаби инсоф
Бигзашт замони кӯдакии ман.
Доданд дуо ба ҷои сад андарз
Ҳар пири диёр-Рӯдакии ман.

Аз ҳар пайи ҳарфгун гирифтам ёд
Як умр дуруст по ниҳоданро.
Аз риштаи печдори хоси умр
Бо нохуни худ гираҳ кушоданро.

Хунинҷигарони рӯйсурхи ман
Як умр ғуборхӯрдаи поканд.
Дар ҷои замин бимон дилам ларзад,
Зеро ҳама хоб дар таҳи хоканд.

Дар роҳу қаламрави хаёли ман,
Дар хотираҳои дерсоли ман
Ҳар рафта нишони омадан дорад,
Пайванд шавад шикастаболи ман…

## МАРСИЯ

*Дар сӯгвории Шамсуллои Шариф*

Шамси бахт аз осмони хона рафт,
Дид ин рӯзи сияҳ, парвона рафт.

Ошно дар мотамаш беҳӯш гашт,
Ашк ҳам аз дидаи бегона рафт.

Мерасад девона ҳам бар қадри нек,
То сари гӯри ту як девона рафт.

Бар сари мо дасти ту чун шона буд,
Чун навозишгар, ки рафт, он шона рафт.

Файз, мегӯянд, дар як дона ҳаст,
Ё магар ҳамроҳи ту он дона рафт?

Буд моро ҳастии афсонавӣ,
Марг вақте қисса гуфт, афсона рафт.

## ФАРОТАР АЗ МАРГ

Тарки ҷон гардад ба тан наздиктар,
Марг ҳам гардад ба ман наздиктар.

Лашкари сӯзандаи боди хазон
Гардад акнун бар чаман наздиктар.

Баъд аз ин гӯям сияҳро ҳам сафед,
Баски гардам бар кафан наздиктар.

Одамӣ хокӣ, ки мебошад, ба хок
Мешавад аз нав бадан наздиктар.

Гӯр ҳам бошад камингоҳи дигар,
Мешавам ман бар ватан наздиктар.

Мекунад бемеҳрии ёрони нав
Бар рафиқони куҳан наздиктар.

Оқибат хилватнишинро ҳам аҷал
Мекунад бар анҷуман наздиктар.

Ёд меорад мани хомӯшро
Он кӣ бошад бар сухан наздиктар.

## МАРСИЯ БАРОИ ХУД

Рӯзи маргам кӯча тангӣ мекунад,
Пур шавад аз нақши по роҳи мазор,
То сари гӯрам равад чандин ҳазор,
Рӯзи маргам кӯча тангӣ мекунад.

Зиндагиям бо ватан гуфтан гузашт,
Ҳамчу рӯзам ҳар шабам равшан гузашт,
Хуфтанам бо хондани хуфтан гузашт,
Рӯзи маргам кӯча тангӣ мекунад.

Қисса аз боби муҳаббат гуфтаам
Баҳри таскинбахшии дилдодаҳо,
То ба по хезанд, додам бо умед
Дасти меҳри хеш бар афтодаҳо.

То раҳанд аз бандҳои макру фанд,
Кардам огаҳ аз мураккаб содаҳо.
Он ҳама оянд рӯзи марги ман,
Мардуми соҳибдилу соҳибватан,
Рӯзи маргам кӯча тангӣ мекунад.

Рӯзи маргам ашкҳо борон шаванд,
Абрҳои ёдҳо гирён шаванд,
Хомушӣ овозҳо пайдо кунад,
Олами фарёдҳо гирён шаванд,
Рӯзи маргам кӯча тангӣ мекунад.

Ҷони ман аз ранҷҳо омад ба лаб,
Тоби ман аз лавҳи ёдам бурд таб,
Хишту оҳан чидам аз партобҷо
Субҳу шому гоҳ дар маҳтобшаб.

Сад намуди хиштро дорад нишон
Аз биноҳои куҳан девори ман.
Чун китоби халқ бошад ҳар яке
То абад сарчашмаи ашъори ман.

Лек умре бо ҳама дарду алам
Дур аз доми сиёсатҳо будам,
Дур аз найрангу нафратҳо будам,
Хӯрдаам нӯшина аз нӯги қалам.

Рӯзи марги ман ҳақиқатгӯ шавад
Ошиқи деринаи афсона ҳам,
Ман шудам девона аз фикри ватан,
То сари гӯрам равад девона ҳам.
Рӯзи маргам кӯча тангӣ мекунад.

Рӯзи марги ман наояд тӯдае,
Тӯдаи дилтиратар аз дудае.
Рӯзи ман торик онҳо кардаанд,
Рӯзи маргам кӯча тангӣ мекунад.

Марги ман наздик онҳо кардаанд.
Он ҳама тарсанд аз ин анҷуман,
Он ҳама тарсанд аз арвоҳи ман,
Рӯзи маргам кӯча тангӣ мекунад.

Ман барои рӯзи мурдан зистам,
Баҳри осон ҷон супурдан зистам,
Баҳри номи нек бурдан зистам,
Рӯзи маргам кӯча тангӣ мекунад.

## ҒАЗАЛҲО

Пайи фаҳми ҳар мусофир нарасад ба ҷодаи мо,
Ба хаёли раҳ нагунҷад қадами ниҳодаи мо.

Гули нӯши мо зи неш аст, ками мо фузун зи беш аст,
Зи ҳама савора пеш аст, ба худо, пиёдаи мо.

Ба назар агарчи хобем, ба амал ба печутобем,
Нафитода ҳам хӯрад гаҳ ҳасади фитодаи мо.

Нигаҳи алам, ки дорем, нигаҳи қалам, ки дорем,
Фикананд чашми ҳайрат ҳама бар ифодаи мо.

Зи ду ҳарфи дидаи мо саду як рисола пайдост,
Ба мураккабе бигӯед сабақе зи содаи мо.

Хати тобдори ришта хабар аст аз навишта,
Ки дароз тор созад гираҳи кушодаи мо.

Ба диёри дури мақсад бибарад раҳи Муҳаммад,
Сипаре наоварад тоб ба дами иродаи мо.

* * *

Ҳарфи чашми ман сурх аст, хунҷигар фақат хонад,
Ин хати гаронхонро хатшинос медонад.

Оташи муҳаббатро ҳеҷ кас намебинад,
Инчунин надиданҳо абргиряро монад.

Он диле, ки ман дорам ишқ раҳмгин кардаст,
Тифли душмани худро аз дараш намеронад.

Ман замини бесангам, оби тоза аз рангам,
Ранҷи ман наранҷонад, зӯри ман наафтонад.

Ҷонфидо бурун гардад аз раҳи ғами ҷонаш,
Рӯ ба мардум оварда, рӯ зи хеш гардонад.

Аз вафо сухан гӯям, рӯзу шаб Ватан гӯям,
То зи ҷо ягон пуркин санги ӯ наҷунбонад.

То даме ки армон аст, дард маҳви дармон аст,
Аз Муҳаммад ин сарват ҳеҷ кас набистонад.

* * *

Майли навмедии дилро ишқ барҳам мезанад,
Каҳ шавад мӯҳр, аз шикасте гил агар дам мезанад.

Сарбаландиро ба як ҷав ҳам нагирад эътиқод,
Қомати таъзимгар бе бор ҳам хам мезанад.

Коми ҷаҳл аз нашъаи осудагӣ бебаҳра аст,
Ҳадяҳои ҷашни ӯро дузди мотам мезанад.

Бом донад эътимоди ҷовидон деворро,
Сахт ҳам бошад, ба нармӣ хиштро нам мезанад.

Шодии дурӯза маҳрум аз нишоти зиндагист,
Он кӣ донад ин мусибат, бодаи ғам мезанад.

Аз қафас созад ба ҳар сӯ дасти нурашро дароз,
Чашм агар мижгон шавад, олам ба олам мезанад.

Ҳар қадар аз имтиҳон афтем, донотар шавем ,
Мо нанолем, он кӣ моро аз худаш кам мезанад.

* * *

Шамъи бедорам, худафрӯзам, ҳаводорам шавед,
Дар дили шаб партави рӯзам, ҳаводорам шавед.

Қудрати меҳри Ватан зӯри дигар бахшад маро,
Дар набарди нанг пирӯзам, ҳаводорам шавед.

Оташи миннат нахоҳам, рағми сардии ҳаёт
Шӯълаҳо мерӯяд аз сӯзам, ҳаводорам шавед.

То дами ҷон доданам бо меҳр сӯи меҳанам
Дидаи носер медӯзам, ҳаводорам шавед.

Дар ҳамин фурсат, ки бошад сайри олам номи ӯ
Зиндагии ибратомӯзам, ҳаводорам шавед.

* * *

Рақам намонд, хато дар раҳи шумурдан нест,
Нишони сабзшавӣ баъди ин фусурдан нест.

Тамоми умр кашидам барои номе ранҷ,
Маро ба ҷуз асари бори нанг бурдан нест.

Анорвор дил аз дасти зиндагӣ хун аст,
Хазон маё, ки маро ҳоҷати фишурдан нест.

Зи имтиҳони бузурги ҳаёт бигзаштам,
Ягон баҳо баландтар аз ин супурдан нест.

Ба ғайри фурқати ту, к-аз висол маҳрум аст,
Баҳонае ба Муҳаммад барои мурдан нест.

* * *

Биё,ки дар сари як масъала қарор кунем,
Хаёли хеш бас, андешаи диёр кунем.

Мусофирони балабҷонрасида бисёранд,
Пиёдаҳои раҳи дурро савор кунем.

Хамӯш то нараванд аз ҷаҳони пурфарёд,
Мадад ба лолҳои ба  лаб оҳдор кунем.

Саволдода чаро посухаш намегирад,
Чӣ сон уммед аз ин аҳду эътибор кунем.

Ба дидаҳои камонранги ин ҷаҳон тир аст,
Биё, ки эҳтиёт ҳама аз силоҳдор кунем.

Мураккабӣ, ки гирифтаст рӯи оламро,
Ҳанӯз ҳам ба сода будан ифтихор кунем.

Агар ки пеш нагирем роҳи дигарро,
Ҳама зи ғайру зи худ низ мо фирор кунем.

* * *

Ғамхориям аз ҳад гузашт, рӯ бар рақамҳоям кунед,
Маҷмӯи шодии маро ҳосил зи ғамҳоям кунед.

Печидаҳоям во шавад, тарҳи раҳам пайдо шавад,
Пайванд агар бар ҳамдигар ҷамъи қадамҳоям кунед.

Аз худ гузаштанҳои ман, аз об гаштанҳои ман
Воқиф шудан хоҳед агар, ташхис намҳоям кунед.

Хомед агарчи мепазед, ангушти ҳайрат мегазед,
Боре ба дӯши дил агар бори аламҳоям кунед.

Сарҷамъ то гардад пареш, ҷӯё шудам нӯшам зи неш,
Ҳаргиз накардам фикри хеш, бисёр камҳоям кунед.

Меҳру вафо парвардаам, як умр некӣ кардаам,
Бонги фаромӯшӣ расад, ҳарф аз ситамҳоям кунед.

Сар мешавад дарди сухан аз меҳру номуси Ватан,
Дилро қалам кардам, ки фарқ аз беқаламҳоям кунед.

* * *

Зиндагӣ ҳама фарёд, зиндагист хомӯшӣ,
Ҳам дар он баёдорист, ҳам дар он фаромӯшӣ.

Аз пайи дами васлаш ашки ҳаҷри якумрист,
Тифли ҳасраташ бошад зодаи ҳамоғӯшӣ.

Мастӣ оварад пастӣ, ҳаст марг ин ҳастӣ,
Ғайри машқи мурдан нест дарсҳои мадҳӯшӣ.

Ҳар ишора ҷон дорад, тир дар камон дорад,
Ширхора мегияд аз ғами кафанпӯшӣ.

Дар баҳои овоза кард дигар овозам
Сурмаи қалам хӯрдан, бодаи аламнӯшӣ.

Оташи худовандӣ покро намесӯзад,
Қиссаи ҷавонмардист ибрати Сиёвӯшӣ.

Ҳӯши ман, Муҳаммад, рафт аз пайи ватандорӣ,
Мондааст асар аз он дарди сахти беҳӯшӣ.

* * *

Сад ҷони ширин кандаам, пайдо нашуд як қанд ҳам,
Ҳосил муроди ман нагашт аз гуфтани сад панд ҳам.

Зоҳирнишон бологузар, ботинасар дар пушти дар,
Сад ҳақталабро метавон барҳам занад як фанд ҳам.

Хоки вафо гардидааст олудаи гарди ҷафо,
Аз ғам шикоят мекунад дар даври мо хурсанд ҳам.

Бар даст бигрифтаст занг акнун сари занҷири нанг,
Мустаҳкамӣ гум мешавад аз ҳалқаи пайванд ҳам.

Дарди ниҳони корагар аз сар ба сар созад гузар,
Ақли падарро мехӯрад беақлии фарзанд ҳам.

Дар рӯзи бад тири шикаст аввал расад бар зӯрдаст,
Дар хашми бедавлат фитад ночор давлатманд ҳам.

Дардошноӣ ҳам намонд, дуди давоӣ ҳам намонд,
Аз оташи тези замон бедуд гашт испанд ҳам.

Тарсам Муҳаммад шармро бандӣ кунад, шармандагӣ,
Бандам ба фикри зиндагӣ, фарсуда ҳаст ин банд ҳам.

* * *

Ба Худо замони ман нест, асаре зи худ наёбам,
Ба паси сиёҳабраш ба мисоли офтобам.

Дили санг тар нагардад, зи ғамам хабар нагардад,
Ба миёни санглохе мани уфтода обам.

Ба сарои базми ҳастӣ ҳама банди худпарастӣ,
Чи кунам, ба чашми мастӣ мани хуб зишт тобам.

Ҳама ҷо гапи дурушт аст, сухани дурушт мушт аст,
Ба куҷо равам надонам, ба ҳамин раҳи азобам.

Сари худ ниҳам ба соқам, кӣ раҳонад аз фироқам,
Ба уммеди васл дидан шабу рӯзи худ ҳисобам.

Ҳама ҷамъу ман парешам, ҳама мезананд нешам,
Дилу ҷони пур зи решам, набарад зи дард хобам.

Ба аломати саволе асар аст аз заволе,
Раҳи нуқта пеш гирам, биканам дил аз хитобам.

Зи ҳадаш гузашт агар ҷабр, гузарад зи сабрияш сабр,
Дили пур зи раҳми ман лек накашад ба инқилобам.

На раҳи зи худ фироре, на мадори тоборӣ,
Ба мисоли расми ҳайрон ба дами фишори қобам.

Каси роздони ман нест, асар аз ҷаҳони ман нест,
Ба Худо замони ман нест, накунад мадад китобам.

* * *

Нест азбаски ғуборе зи раҳи кин моро,
Хати афсӯс нагардад ба ҷабин чин моро.

Аз дари меҳр, ки бар аҳли башар менигарем,
Сабз тобад мижа дар дидаи раҳмин моро.

Ҷамъи ҳарфи дил агар ҳаст суханҳои забон,
Талхгӯист туро, гуфтаи ширин моро.

Бори ҳастии ду-серӯза миёнро шиканад,
Тоб гардест зи як мазраи тамкин моро.

Дӯш кардем ба як наъли зи раҳ ёфта шукр,
Асп дорем, набошад талаби зин моро.

Аз дари хона бароем, дуо мегирем,
Аз хатар ҳифз кунад ҳар қадам омин моро.

Ҷондиҳӣ дарди зи доираи ақл аст бурун,
Метавон кард даво сураи Ёсин моро.

Он чи гӯем ба ҳар давр, зи Қурон ёбем,
Хираду ақли ду дунёст ба як дин моро.

Мо бубинем, Муҳаммад, ба ҷуз аз хеш ҳама,
Баски додаст Худо чашми ҷаҳонбин моро.

* * *

Мушкгумкардаро суман хонем,
Пуштаи хушкро чаман хонем.

Обрӯ аз хирад намеҷӯем,
Обрӯро зи пираҳан хонем.

Он пизишкем, баҳри нафъи хеш
Дардро ҷониби бадан хонем.

Ҷои он хокфаҳми пеши чашм
Аз раҳи дур гӯркан хонем.

То нагӯянд фош айби мо,
Лолҳоро ба анҷуман хонем.

Бурда бегонагон дили моро,
Хасмро ёри хештан хонем.

Ҷои мулки ҳамешасабзи худ
Қиссаи сурхии Яман хонем.

* * *

Мулоимтинатам, оҳан набошам,
Ба нармӣ риштаам, сӯзан набошам.

Манам осуда аз гарди ҳаводис,
Гиребонсуратам, доман набошам.

Баду некам зи ҳарфи дида хоност,
Хати маъношнoравшан набошам.

Ба ҳавзи хашм ҳам ман оби чашмам,
Дили саршори меҳрам, тан набошам.

Ба ман бегонаҳо ҳам ошноянд,
Саропо дӯстам, душман набошам.

Ба ман гӯӣ, Муҳаммад, мисли ман бош,
Агар мисли ту бошам, ман набошам.

* * *

Зикри ҳар анҷуман шавад номам,
Ёдоварди ман шавад номам.

Як ғарибі диёри эҷодам,
Аз даҳан бар даҳан шавад номам,

Сарфи заҳмат, ки шуд ҳама умрам,
Ҷонфидои Ватан шавад номам.

Мирам охир ба корзори сухан,
Қаҳрамони сухан шавад номам.

Мӯи худро сафед аз он кардам,
Сабт то дар кафан шавад номам.

Аз Муҳаммад агар навин розист,
Ифтихори куҳан шавад номам.

* * *

Зи роҳаш нафси бад берун нагардад,
Ғизои комҷӯён хун нагардад.

Зи қолаб тан агар берун бароядд,
Дигар чун асли худ мавзун нагардад.

Гираҳ вақте ки шуд сарсахту саркаш
Зафар дар сарҳади нохун нагардад.

Насим аз гард доман пур насозад,
Ғами покизагон афзун нагардад.

Ба ҳусни зиндагонии саробӣ
Дили пуроби ман мафтун нагардад.

Ба боми мақсади марди суханвар
Қалам ҳам баъд аз ин устун нагардад.

Муҳаммад, қуввати сарчашма дигар,
Ки чандин сел як Ҷайҳун нагардад.

* * *

Хуршедро ба доман ҳаргиз касе напӯшад,
Худро занад ба оташ, моро касе фурӯшад.

Мо кабк не, уқобем, аз дида дур тобем,
Сайёд бодаи ғам дар ин шикор нӯшад.

Бар гарди суръати нур афтодаи зи мо дур
Наздик ҳам нагардад, ҳарчанд агар бикӯшад.

Бар пухтагӣ расидан номумкин аст барвақт,
Дар мӯҳлати муайян дар зарф об ҷӯшад.

Маҳруми табъ бо мо беҳуда меситезад,
Соҳил ба зону афтад, дарё агар хурӯшад.

Гови ҳунар Муҳаммад осон намедиҳад шир,
Мӯро чу шир созад, онро касе, ки дӯшад.

* * *

Бар зӯрҳо бигӯед занҷирҳо кушоянд,
Дарвозаҳои банди тадбирҳо кушоянд.

Бар ақлҳо расонед, гар дасташон тавоност,
Як сафҳа аз китоби тақдирҳо кушоянд.

Зар хешро нахонед, оҳантабиатонед,
Як рӯз ин муаммо иксирҳо кушоянд.

Навмедтар зи дил нест, ин ноумедӣ аз чист?
Роҳе ба кӯи дилҳо дилгирҳо кушоянд.

Дунёи ашку оҳанд,аз зиндагӣ чӣ хоҳанд,
Рози қаламкашонро тасвирҳо кушоянд.

Дар нохуни хирадшон дандони дигаре ҳаст,
Накшудаи ҷавонон ин пирҳо кушоянд.

Аз даҳри хомҷӯем, аз пухтагӣ чӣ гӯем,
Асрори хомии мо худ ширҳо кушоянд.

Сарбози мулки хешем, нӯше ба коми нешем,
То сӯи мо камонҳо кам тирҳо кушоянд.

Оянд бар дари мо, аз чӣ пас аз сари мо,
Сарномаҳои моро кай мирҳо кушоянд?

Бандем чун Муҳаммад роҳи забони ҳар бад,
Нанги сипарниҳодон шамшерҳо кушоянд.

* * *

Дар мағзи сиришк оҳ дорам,
Хун дар ҷигари нигоҳ дорам.

Дар шарбати шодии савобам
Олудағами гуноҳ дорам.

Дар ҷодаи ман ғубор чашм аст,
Дар чашми ғубор роҳ дорам.

Ҳар як қадами ниҳода пайкест,
Ман нома зи хайрхоҳ дорам.

То дорад асар зи ҷунбиш обам,
Даъво накунам, ки чоҳ дорам.

То мурғи гурусна ҳаст айём,
Дон зери қабои коҳ дорам.

Шодиву ғамам кӯҳанрафиқанд,
Дарвеш ба базми шоҳ дорам.

Бедард матои ман нагирад,
Моли ҳама дардгоҳ дорам.

Бар коми ғуруб рафт хуршед,
Сад шукр, ки нури моҳ дорам.

Навмед намешавам Муҳаммад,
То сарвару сарпаноҳ дорам.

* * *

Дар дафтари дил ҳарфи ҷигарсӯз надорем,
Он дарс, ки бошад хирадомӯз, надорем.

Ёде зи хазонем,ки ҷуз гиря надорад,
Таҳмондаи гулхандаи наврӯз надорем.

Ҳамчун шаби ялдо ба таҳи чодари қисмат
Пинҳон санами хушнигаҳи рӯз надорем.

Чун тир ба сӯи ҳадафи умри ғанимат
Як дидаи пурмеҳри нигаҳдӯз надорем.

Аз марг чӣ гӯем, гурезад аҷал аз мо,
Мардона баҳо додани пирӯз надорем.

Шабтоб худафрӯзтар аз мост, Муҳаммад,
Гард аз раҳи ёрони худафрӯз надорем.

* * *

Марди раҳи азоби ҳунар ёри мо шавад,
Ҷӯяндаи зи заҳр шакар ёри мо шавад.

Дар шӯразори ҷону кавири вуҷуди хеш
Дорад касе, ки гӯшаи тар, ёри мо шавад.

Аз тарзи як нигоҳ шиносем неку бад,
Дардошнои аҳли назар ёри мо шавад.

Бегона баҳри мо ҳама шамшертинатон,
Аз ҷилва дур ҳамчу сипар ёри мо шавад.

Дар хилвати сиёҳи шаб эҷоди рӯшанист,
Бедори интизори саҳар ёри мо шавад.

Мо мардуми диловари роҳи муҳаббатем,
Дар инқилоби ишқ зафар ёри мо шавад.

* * *

Сароби умр ба чашми муҳаббатам об аст,
Ғубор низ дидаи бози ҷодаи хоб аст.

Баҳо диҳад ба ҳама сӯзу қудрати дардаш
Ҷаҳон маризи абад дар нигоҳи нотоб аст.

Зи шарҳи ҳоли нур бипурсам, ки медонам,
Гурези лашкари шаб аз ҳароси маҳтоб аст.

Зи ёфтан муроди ҳама мешавад ҳосил,
Чӣ лозим аст агар умр ганҷи ноёб аст.

Паёми марг расад аз сафедкорӣ ҳам,
Варақ матои ба чашми ҳама кафанбоб аст.

Ба ёд панди падар оварад Муҳаммад боз,
Ки оби сабзгари боғи умр одоб аст.

* * *

Дигар чӣ метавон кард, аз кор кор бигзашт,
Поиз мири давр аст, аҳди баҳор бигзашт.

То осмон ғубор аст, олуда пешкор аст,
Ин гуна хокпошӣ беш аз шумор бигзашт.

Дар коми хоки бедон захр аст шаҳди борон,
Айёми сабзиши мо зору низор бигзашт.

Зори суроғ гаштем, аз ҳаҷр доғ гаштем,
Гӯё ки аҳдбандӣ дар лолазор бигзашт.

Бар дардҳо даво нест, осори мумиё нест,
Хокистаре фақат монд, оинадор бигзашт.

Сайёд пир гашта, бар худ асир гашта,
Завқи шикор монда, вақти шикор бигзашт.

Кард об дида дар роҳ, фарёди ӯ бишуд оҳ,
То мужда омад аз васл чашминтизор бигзашт.

Беҳуда мезанӣ зӯр, бингар Муҳаммад аз дур,
Дигар чӣ метавон кард, аз кор кор бигзашт.

* * *

Ҳазорон сурат аз девори ҳастӣ бенишон гардад,
Худоро мепарастам, бутпарастӣ бенишон гардад.

Нагардад кӯҳ пеши тундбоде як сари мӯ хам,
Баландиҳои аслӣ монда, пастӣ бенишон гардад.

Наметобад агарчи дар назар нақши хаёли мо,
Бимонад ранҷи зеҳнӣ, кори дастӣ бенишон гардад.

Намегирад ягон девона даргоҳи вафоро гарм,
Биёвар рӯ ба ҳушёрӣ, ки мастӣ бенишон гардад.

Барояд гап агар аз гап, кунад сад шубҳа хап аз хап,
Ниҳондории роз аз ҳамнишастӣ бенишон гардад.

Нагардад аз пайи ҳар бохта ғолиб Муҳаммад ҳам,
Шикасти мо зи дасти бешикастӣ бенишон гардад.

* * *

Дур афкан нигоҳи худро, дур,
Шер ҳеҷ аст пеши ҷамъи мӯр.

Хунҷигаргашта хунбаҳо гирад,
Зӯр гардад дами ғазаб нозӯр.

Мекунад фарқ кӯр низ аз ҳам
Суръати мавҷи торикиву нур.

Сози ҳастиву нестӣ бо ҳам
Бо ҳазорон ҳунар нагардад ҷӯр.

Нест аз баҳри лой хокистар,
Ҷо нагирад ба дидаҳо манфур.

Ҳаст пурзӯр иқтидори халқ,
Мех чӯб аст бар дами анбур.

Оби зам-зам намекунад ширин
Меваи нахли умри бахташ шӯр.

Бори ҳар фаҳмро набардорад
Риштаи нозуки асаб маҷбур.

Ҳарфи беҷо магӯ аз озодӣ,
Зиндагӣ чоҳу марг дорад гӯр.

* * *

Бархез, нишастан асари обила дорад,
Аз бастагӣ осор ҳамин қофила дорад.

Бе гарди ғазаб роҳи аламдоштагон нест,
Доно зи худу аз ҳама нодон гила дорад.

Сад нолаи хомӯш зи барканданаш ӯрост,
Як ҳалқа зи навмедӣ агар силсила дорад.

Бояд надиҳад мард зи каф домани номус,
Ҳарчанд умеде ҳама аз оқила дорад.

Ҳастӣ асари ҳосили он чор амал нест,
Дунёи ҳисобаш рақам аз ҳосила дорад.

Одам нашавад, он кӣ дар ин олами тадқиқ
Як пай ба раҳи худ агар аз роҳила дорад.

То қавми зихудрафта, Муҳаммад, ба худ ояд,
Дар сина фалак барқу замин зилзила дорад.

* * *

Майли мо бар дароздастӣ нест,
Ин баландӣ ҷудо зи пастӣ нест.

Васфи ғайр аз тамаъ асар дорад,
Беҳ дар ин раҳ зи худпарастӣ нест.

Зиндагӣ ҳӯшёрӣ мехоҳад,
Фарқ дар байни маргу ҳастӣ нест.

Хондам аз қиссаи зафармандон
Ҷовидон умри бешикастӣ нест.

Зери абр аст гоҳ хуршедаш,
Беғубор осмони ҳастӣ нест.

Боми қисмат агарки паст афтад
Роҳи аз нав зиҷойҷастӣ нест.

Гар ба ғайбат забон шавад наздик,
Лаҳзае бад зи ҳамнишастӣ нест.

Сабт гашта ба номаи аъмол,
Чораи азгуноҳрастӣ нест.

* * *

Сар хам қадам ниҳодан, на кам аз дароздастист,
Ки барои нотавон ҳам раҳи марг роҳи ҳастист.

Зи мусофире набинад ба раҳаш пае баландӣ,
Пас аз ин магар ки майли ҳама бар нишебу пастист?

Ҳама хеш зӯр донад,ҳама худ бузург хонад,
Ба Худо ҳақиқат аст ин, ҳама банди худпарастист.

Ба баҳор нақши барф аст, зи ҳама китоб ҳарф аст,
Ки ҳазор макру фитна ба ҷаҳони ҳамнишастист.

Сипар аст ҳӯшёрӣ паи ҳифзи мо, Муҳаммад,
Ҳама тохтан зи биму ҳама бохтан зи мастист.

* * *

Аз ҳарфҳо расанд фиғони китобҳо,
Гиранд дарси сӯхтан аз мо кабобҳо.

Бедорҳо қаламрави ҳастии худ кунед
Ҳифз аз ҳуҷуми лашкари номарди хобҳо.

Бар ҷон зада зи хомушӣ, эҷод мекунанд
Ночор бонги ҳасрати худ изтиробҳо.

Шероза гар ба сурати девори саҳфаҳост,
Кӣ медиҳад хати раҳо аз ҳабси қобҳо?

Бошад агар чу ришта хати номаи умед,
Мо мӯҳраем, мӯҳра ба ҳукми танобҳо.

Гӯянд марги аз ҳама талх интизорӣ аст,
Резад сиришки ҳаҷр зи чашми ҳисобҳо.

Мистар ба ёд оварад осори ҷӯйро,
Дар ҷӯи мистарем ҳама қатраобҳо.

Аз тоқи чашми даври худ ашки фитодаем,
Дар ҷоми роҳат аст шароби азобҳо.

То майли нури шамъи нигаҳ сӯи зулмат аст,
Бонги суол мерасад аз ин ҷавобҳо.

Дар корзори умр ҳама тирхӯрдаем,
Ҳаст ин нишони ҷангу ҳам аз иқилобҳо.

* * *

Чашме назар надорад бар дасти холии мо,
Дигар надорад арзиш ганҷи хаёлии мо.

Гуфтем дур гардем, шояд ба нур гардем.
Дидем кас надорад ғам аз малолии мо.

Моро ғами сипар нест, шамшер дар ҷигар нест,
Осудагӣ ба мо шуд ёр аз ҳалолии мо.

Тан дода бар хамӯшӣ, кардем пардапӯшӣ,
Шуд садри базми ҳастӣ нодон зи лолии мо.

Ёрони манфиатҷӯ ҳаргиз наянд якрӯ,
Нақши завол ҷӯянд аз безаволии мо.

Хонанд ранҷкашҳо нафрат ба ганҷкашҳо,
Ин кирмакон хӯранд об аз пушти шолии мо.

Захми замон Муҳаммад то марҳамаш наёбад,
Мушкил умед бастан бар некҳолии мо.

* * *

Зи ашки дида рӯям об дорад,
Ба худ ин сози ман мизроб дорад.

Ба дил сӯзу ғамам оҳанг бахшад,
Ҳунар дасти навозишбоб дорад.

Шаби равшандилон кам аз саҳар нест,
Ҳазорон ахтару маҳтоб дорад.

Матои меҳр бар дил ҷома созам,
Муҳаббат риштаи пуртоб дорад.

Нахоҳам додан аз каф гарди ҷунбиш,
Ҳама хамёза нақши хоб дорад.

Бақодор аз бузургӣ умр бошад,
Баландӣ кай ғами селоб дорад.

Гузашт аз кӯзаи фикр оби ҳарфат,
Муҳаммад, бодаи ту ноб дорад.

* * *

Баҳори ҳусни ту осор аз хазон дорад,
Дар ин китоб гули зард достон дорад.

Шамоли сард зи кӯи муҳаббатат ояд,
Магар, ки чашми пур аз об ях ба ҷон дорад?

Фалак танӯри сиёҳу занӣ намакобаш,
Ба ранги гирдаи маҳ дар бисот нон дорад.

Шафақ либосу саҳоб аст ҳамчу рӯмолат,
Тамоми хубсифат аз ту як нишон дорад.

Маёр ёд дигар он чӣ аз миён бигзашт,
Фироқдида ба оҳ ашки ноаён дорад.

Ба чашми захми бадилмонда аз хаданги ишқ,
Нигоҳи раҳмсиришк аз ҳама камон дорад.

Ба мулки бахт бидӯзӣ ду дидаи ҳасрат,
Ниёз бомбаро ҳам ба нардбон дорад.

Чиҳо кунам, ки назар дӯхтӣ, нафаҳмидӣ
Замин ба хоки баланди худ осмон дорад.

Ба дарди ҳасрати дилбохта давое нест,
Муҳаммад ин сухани талх бар забон дорад.

* * *

Зи бӯи васли ту садсола хоб аз хоб мехезад,
Ҳазорон дард агар дорад, зи ҷо нотоб мехезад.

Диҳад аз шӯри ишқ оромӣ аз даст обрӯяшро,
Ба ҳар баҳре, ки тӯфон по гузорад, об мехезад.

Ба хоки ишқ чун об аст лозим нармрафторӣ,
Ки ин ҷо гард ҳам аз мазраи одоб мехезад.

Ҳама андозаи неруву зӯрашро кунад эҳсос,
Таб аз даргоҳи тан охир зи бими тоб мехезад.

Барои ҳифзи шаъну обрӯи шабдурахшияш
Зи базми рӯзи равшан бехабар маҳтоб мехезад.

Мазан худро ба он ҷое, ки танг аз баҳри ҷавлон аст,
Навоҳои шикасти шишаат аз қоб мехезад.

Ба худ ҳар вожаи эҷоди ман овозҳо дорад,
Муҳаммадро садои табъ аз ҳар боб мехезад.

## РУБОИЁТ

Оҳам, ба гузаргоҳи худам меҳмонам,
Ашкам, ба назаргоҳи худам меҳмонам.
Меҳмони ман аз боби ғарибӣ ту манол,
Ман низ ба даргоҳи худам меҳмонам.

Аз хок агар канда шавад сабза, хас аст,
Парвона ба шамъ рӯ наорад, магас аст.
Бе ҷонканӣ обрӯ муяссар нашавад,
Ишқе, ки надорад оҳ ашкаш,ҳавас аст.

Осуда зи осудагии банда манам,
Ҷамъовари ёрони пароканда манам.
Бо ин ҳама хислатам фурӯшанд маро,
Ин низ бувад бахт, ки арзанда манам.

Имрӯз худ одам шумарад зочаи мо,
Хат мезанад аз китоб дебочаи мо.
Ҳарчанд ки ҷони худ ба ҷонаш монем,
Боз ӯ чу саги ганда газад почаи мо.

Камнур шуд офтоб, хонанд маҳаш,
Камдона, ки гашт хӯша, номанд каҳаш.
Сад айбу гунаҳ дорад агар доранда,
Чашми тамаи замон набинад гунаҳаш.

Аз дуди дилам дидаи ҷон мегиряд,
Аз ҳаври вуҷудам осмон мегиряд.
Пинҳон ба кадом раҳ кунам сели сиришк,
Бисёр шуд об, хокдон мегиряд.

Хоке, ки ба санг ёр шуд, санг шавад,
Бар оҳан агар об фитад, занг шавад.
Бо хасми дуруштхӯ кунад нарм салом,
Майдони фарохи дӯстӣ танг шавад.

Меҳре, ки забонияст, аз сина чӣ суд?
Боме, ки хаёлӣ аст, аз зина чӣ суд?
Он ҷо, ки ғубор ҳукмрон аст агар,
Ҳарфе задан аз ҷилои оина чӣ суд?

Аз гулшани умр барги фандам доданд,
Ку мева? Нишон шохи баландам доданд.
Даъвои маро шунида, пандам доданд,
То талх нагӯям, ҳама қандам доданд.

Айш аст ду-серӯза, фаромӯш макун,
Холӣ шавад ин кӯза, фаромӯш макун,
Бар хотири роҳати ту ранҷе нарасад,
Ид аст пас аз рӯза, фаромӯш макун.

Бар шамъ шуо зи об пайдо кардем,
Нури хирад аз китоб пайдо кардем.
Бар марг нишони зиндагӣ бахшидем,
Рағми таби хеш тоб пайдо кардем.

Ҷӯяндаи хасмиҷоз зоти шарар аст,
Гӯяндаи наът низ хоҳони зар аст.
Маънии китоби умр будаст ҳамин,
Чанде зи пайи фиреби чанди дигар аст.

Ин ишқ натиҷа нест, ҷамъи сабаб аст,
Сарманзили эътиқоду роҳи адаб аст.
Сӯзи шарари дил аст, не оҳи шаб аст,
Дар ғуссаи он хуфта нишони тараб аст.

Бегона ба панду ошноӣ ту ба фанд,
Наздик ба оташиву дурӣ зи сипанд.
Медоштӣ, эй зиндагӣ, инсоф агар,
Бар паст намерасид унвони баланд.

Мехостӣ аз ту душманӣ омӯзам,
Сайёдиву домафканӣ омӯзам.
Осон ба ту дил бастани ман мушкил шуд,
Акнун раҳи аз ту дилканӣ омӯзам.

Аз ҳам кунӣ якҷояи бисёр ҷудо,
Созӣ ҳамаро ба ёру ағёр ҷудо,
Хокат ба сар, эй зиндагӣ, аз манфиатат
Аз ёри азизи худ шавад ёр ҷудо.

Ҷуз ёд аз он фасли тарабнок намонд,
Миқроз бимонду навдаи ток намонд.
Дарёи ғами ишқ ҳама кард хароб,
Эй сел, маё, дар ин замин хок намонд.

Дар оҳи ман ашку дар нигоҳам ашк аст,
Дар панҷаи мижгони сиёҳам ашк аст.
Бе нам набувад хоки замини дили нарм,
Дарёсифатам, ғубори роҳам ашк аст.

Хоки ту тар аст, бехтан натвонам,
Чоҳ аст раҳат, гурехтан натвонам.
Бе сеҳри ту аз дидаи оташасарам
Як қатра сиришк рехтан натвонам.

Субҳе, ки турост, шом аз он хубтар аст,
Торикии бардавом аз он хубтар аст.
Он май, ки дар ӯ кайфияти нанге нест,
Холӣ будани ҷом аз он хубтар аст.

Соҳибҳунари ишқ ба ҷое нарасад,
Бар дард расида, бар давое нарасад.
Бегона ба ошиқ аст ҳарҷогардӣ,
Бар ёди саре хаёли пое нарасад.

Аз ҳаҷри висолгашта ҳастӣ мирад,
Ширин, ки шавад шароб, мастӣ мирад.
Бемораму тоби ман аз он аст, ки ишқ
Дардест, ки аз давопарастӣ мирад.

Беақл ҳам аз омаданаш шод шавад,
Бо он ҳама нуқси баданаш шод шавад.
Оҳанги хуш аст оҳи афтода ба сел,
Девона зи оташ заданаш шод шавад.

Дар фасли хазон муждаи борон додӣ,
Дарди ду ҷаҳон ба ҷои дармон додӣ.
Ин мӯи сафедам асари ҳиммати туст,
Аз косаи ишқ шири ҳиҷрон додӣ.

Аз ғуссаи тифли хештан метарсам,
Аз шодии душмани ватан метарсам.
Осуда, ки нестам, зи марге, ки марост
Осудатар аз ҳаёт, ман метарсам.

Холӣ зи хати сахо кафи афсӯс аст,
Як айб нишони доғи сад номус аст.
Дар рӯзи ҷазо диҳад гувоҳӣ зи амал,
Ҳар узви бадан ба соҳибаш ҷосус аст.

Як лаҳза шавам аз ту ҷудо, мемирам,
Аз заҳри ҷудоӣ, ба худо, мемирам.
Аз баҳри зудудани ҳамон ғам, ки марост,
Оранд ҳазор ғамзудо, мемирам.

Аз дасти хасисчашмҳо гӯш шудем,
Аз дидани бемағзсарон дӯш шудем.
Рӯсурхии равғанталабон хунасар аст,
Аз беталабӣ оташи хомӯш шудем.

Он пир, ки сармои баҳорон дида,
Мегуфт ба дард ашки ёрон дида.
Гар меш ба хасми хеш таслим шавад,
Чӯпон чи кунад ба гурги борондида.

То сахтгапони сустгирем ҳама,
Ду дида ба мӯи дар хамирем ҳама.
Дар оташи кундсӯз ҳам хуфта балост,
Аз бехабарӣ рехташирем ҳама.

Аз рӯз шабам бануртар мегузарад,
Заҳрам ба давоӣ аз шакар мегузарад.
Аз марг чӣ тарсам, ки пас аз рафтани ман
Рӯсурхиям аз хуни ҷигар мегузарад.

Дар оташи меҳри халқи олам дуд аст,
Дар гиряи ӯ хандаи заҳролуд аст.
Ин аст, ки пеши пашшаи хурди аҷал
Оҷиз ба ҳама бузургияш Намруд аст.

Ҳарчанд ки гӯяндаи панд аст одам,
Бовар ту макун,ҷаҳони фанд аст одам.
Гӯяд, ки ба фикри халқу кишвар бандам,
Бинӣ, ки ба фикри хеш банд аст одам.

Гарди кафи бод аст,-ҳикоят ин аст,
Дар панҷаи марг аст,-шикоят ин аст.
Озод агар аст, даҳр зиндон созад,
Дар бобати феъли банда оят ин аст.

То ханҷари марг бар раги ҷон нарасад,
Дарде, ки ту дорӣ, он ба дармон нарасад.
Ҳайрон шавад аз хурӯҷи нафси ту наҳанг,
Дарранда ба хунмакӣ ба инсон нарасад.

Гӯянд ҳазор панд, дигар нашавад,
Афтодаи доми фанд, дигар нашавад.
Оне асар аз талхзабонӣ дорад,
Як умр диҳанд қанд, дигар нашавад.

Бар даҳр ба роҳи нафси бад омадаем,
Бар маскани фонӣ аз абад омадаем.
Раҳгумзада бар манзили мақсад нарасад,
Як раҳрави бероҳбалад омадаем.

Доро зи хаёли матлабаш бехоб аст,
Бемор зи оташи табаш бехоб аст.
Ин шоҳиди он бошаду он шоҳиди ин,
Гардун зи фурӯғи кавкабаш бехоб аст.

Аз хирмани доғи мо надорӣ хабаре,
Аз меваи боғи мо надорӣ хабаре.
Хобида надонад самари бедорӣ,
Аз сӯзи чароғи мо надорӣ хабаре.

Ёрон, ки муҳит баҳри худ сохтаанд,
Аз боиси як бурд ҳама бохтаанд.
Худро зи дурӯягӣ, ки пинҳонасар аст,
Дар оинаи шикаста бишнохтаанд.

Ту мегузарию кохи ту мемонад,
Боғу чамани фарохи ту мемонад.
Дар пайкари мо зи гови нафси ту,вале
Захми абадии шохи ту мемонад.

Рӯбоҳ агар мушовири шер шавад,
Дарранда ҳам аз неъмати ҷон сер шавад.
Пеши раҳи морро нагиранд агар,
Аждар, ки шавад, раҳиданат дер шавад.

Аз боби вафо магӯ сухан, метаркам,
Гӯяд дигаре дурӯғ, ман метаркам.
Теъдоди гуноҳат зи савоб аст зиёд,
Гӯ ҳарфи дигар, магӯ ватан, метаркам.

Аз дӯстию бародарӣ дур шудӣ,
Дар дидани бурди дигарон кӯр шудӣ.
Мақсуди ту гӯр сӯзаду ҷӯшад дег,
Дар ҷодаи нафс аз ҳама машҳур шудӣ.

Бегонаи моро, ки ту бинвохтаӣ,
Маълум, ки ёри хеш нашнохтаӣ.
Аз роҳи суроғи мо набигрифтани ту
Мо бурд намекунем, худ бохтаӣ.

Дар зери шиори фанд по мемонӣ,
Дар роҳи фиреб чанд по мемонӣ?
Пастии ту ошкор гардад рӯзе,
Ҳарчанд ниҳон баланд по мемонӣ.

Бар ҷашни аду мотами худро надиҳам,
Бар шодии ғайр ғами худро надиҳам.
Бар сели фараҳ, ки ғусса аз пай дорад,
Оромравии нами худро надиҳам.

Бар рост анис ҳеҷ гаҳе каҷ нашавад,
Нопок қатори пок дар ҳаҷ нашавад.
Тоқӣ ту ба роҳи фанди мардум, ки ба тоқ
Тақсими дуруст ҷуфти махраҷ нашавад.

Гирӣ ту мадори нав зи дору хӯрдан,
Бахшад ба ту зӯр шаҳди ору хӯрдан.
Сарсабзият аз пушти ҳароми дигар аст,
Сарсабзии хок аст зи порӯ хӯрдан.

Чанде зи ҳаққи хеш бидузданд имрӯз,
Марҳам зи дили реш бидузданд имрӯз.
Чун гардиши фаввора бувад гардишашон,
Аз ҳалқаи худ беш бидузданд имрӯз.

Сабзад зи дигар, агар бисӯзад беша,
Сад навда ба ҷайб хуфта дорад реша.
Дар қисмати хоки одам ин сабзиш нест,
Бояд сари ҳар қадам кунем андеша.

Дигар магӯ афсона, ки хобам набарад,
Мавҷам, ба раҳи сабр ҳубобам набарад.
Аз ҳалқаи гирдоби замон бигзаштам,
Дорам зи Худо умед, обам набарад.

Эй теғ, ту шамшер нагардӣ ҳаргиз,
Эй кӯҳнагадо, сер нагардӣ ҳаргиз.
Як умр агар ниҳон ба найзор шавӣ,
Рӯбоҳ туӣ, шер нагардӣ ҳаргиз.

Эй хеши азиз, майли бегона макун,
Эй ҳақталабам, талаб ту афсона макун.
Хоҳӣ, ки насибат бишавад ҳури биҳишт,
Эй сокини Каъба, рӯ ба бутхона макун.

Гар пургунаҳам, Худо худаш медонад,
Раҳ ё ки чаҳам, Худо худаш медонад.
Бар ман ту баҳо мадеҳ, ки дар хирмани умр
Дон ё ки каҳам, Худо худаш медонад.

Осоиши ҷон баҳои дунё бошад,
Як луқмаи нон баҳои дунё бошад.
Азбаски аз ин ҷаҳон тиҳидаст равем,
Як пораи сон баҳои дунё бошад.

То ҷой ба ту расад, даводав кардӣ,
Дар муддати кам либоси худ нав кардӣ.
Пошида ба дида хок, бо роҳи фиреб
Бар хирмани гандум ту иваз ҷав кардӣ.

Воқиф ту нагаштӣ аз нигоҳи дили ман,
Пай нест зи пойи ту ба роҳи дили ман.
Гирад самари оқибати кишта ҳама,
Як рӯз туро бигирад оҳи дили ман.

Чашмат ба висол зор гардад рӯзе,
Дидори ту интизор гардад рӯзе.
Азбаски бувад майли ту бар сангдилон,
Борони ту ашкзор гардад рӯзе.

Дар ҷодаи ту гарди хиёнат хоб аст,
Сарриштаи макр пур зи печутоб аст.
Эй сеҳргари бузург, дар чашми замон
Бешубҳа, сароби ҳастии ту об аст.

Беҳуда қадам ниҳодаам ҳамраҳи ту,
Дорам ба танам доғ зи гарди раҳи ту.
Як рӯз ҳама хирмани донат сӯзад
Аз оташи оҳам, ки расад бар каҳи ту.

Дар нисбати побаҷояш афтода манам,
Дар пеши мураккабасараш сода манам.
Аз ҷабри бадаш ба нек парво накунад,
Аз беғамии замона ғамбода манам.

Як умр Камол оҳ ба Табрез бигуфт,
Иқбол ҳам «Аз хоби гарон хез» бигуфт.
То донӣ ту қадри ватану озодӣ,
Ин ҳарф яке талху дигар тез бигуфт.

Фарёдрасе куҷо, ба фарёд расад,
Имдодгаре куҷо, ба имдод расад.
Аз дидани як тӯдаи бегонапараст
Тақдири гузашта боз бар ёд расад.

Мо дона ба шӯрахок киштем, дареғ,
Маълум, ки ғофил аз сириштем, дареғ.
Хунмаст назар накард бар коғази мо,
Бо хуни ҷигар нома навиштем, дареғ.

Гаштем бараҳнапой, ғамгин нашудем,
Додем зи даст ҷой, ғамгин нашудем.
Дар мулки дигар ба як дам аз ғам мурдем,
Умре ба ватансарой ғамгин нашудем.

Мо довталаб, туӣ ба майдон довар,
Бар бозии ҷонфидо надорӣ бовар.
Таъсири хиёнат аз вабо сахттар аст,
Марг аст беҳ аз зиндагии дардовар.

Дар маъракаҳо сухан нигоҳам дорад,
Муштоқии анҷуман нигоҳам дорад.
Хоҳам равам аз ҷаҳон гаҳи навмедӣ,
Аммо нигаҳи Ватан нигоҳам дорад.

Аз фикри сиёсати замон хаста шудам,
Ҷунбида зи ҷо намешавад, баста шудам.
Ёрони куҳан шуданд бегонапараст,
Бар ҳалқаканон магар ки пайваста шудам?

Худ бандааму надорам аз банда умед,
Дорам фақат аз баоламоранда умед.
Дарёфтам обрӯ зи оби рӯям,
Гирёни маро набошад аз ханда умед.

Аз хуни ҷигар кабоб эҷод кунем,
Аз оташи сина об эҷод кунем.
Баҳрем, ки дар бисот тӯфон дорем,
Мавҷем, ки инқилоб эҷод кунем.

Имрӯз дил аз дасти замон нола кунад,
Мисли ҳадаф аз тири камон нола кунад.
Хомӯшаму таҳ ба таҳ вале соҳили ман
Аз кӯфтани баҳри дамон нола кунад.

Ҳоли мани бедор ту аз хоб мапурс,
Кайфияти ҷовид аз майи ноб мапурс.
То захми куҳан тоза нагардад зи дигар,
Аз соҳили ҳастӣ асари об мапурс.

Ҷуз фикри бадӣ нест хаёле ба сарат,
Аз теғ пай аст хати килки ҳунарат.
Дар аспи мурод агарчи ҳастӣ ту савор,
Гӯянд баҳодиҳандагон лек харат.

Рози дили моро ту надонӣ, беҳтар,
Ин қиссаи ҷонсӯз нахонӣ, беҳтар.
Гар марди мусофири раҳи умр туӣ,
Дар ҷодаи худ қафо намонӣ, беҳтар.

Оташасарему дударо меҷӯем,
Пур кардани роҳи рӯдаро меҷӯем.
Пайдо нашавад ҳақиқат аз афсона,
Умре асари набударо меҷӯем.

Обем, ки аз чашми алам рехтаем,
Хокем, ба ғалбери ситам бехтаем.
Наспурда намонд имтиҳони дигаре,
Аз мактаби фанди давр бигрехтаем.

Рӯ мезанад аз дарди ту дармон моро,
Васли ту расад зи кӯи ҳиҷрон моро.
Резем ба ёди ту агар қатраи ашк,
Пайдо шавад об аз биёбон моро.

Дар ишқи ту осон нашавад мушкили ман,
Дорад пайи оби рафтаро соҳили ман.
Ранги рухат омехта бо хуни дил аст,
Аз дида равӣ ҳам, наравӣ аз дили ман.

Пок аз пайи ишқ роҳи ошиқ нашавад,
Бе сурби сиришк оҳи ошиқ нашавад.
Аз чеҳраи пур зи нури маъшуқаи худ
Сер оинаи нигоҳи ошиқ нашавад.

Додам ба қалам васфи ту, гуфтӣ:-ҳарф аст,
Мӯ гашт зи ғам сафед, гуфтӣ:-барф аст.
Дил аз ҳама бебаҳост, аммо афсӯс
Дилро ба ту додаам, ту гуфтӣ:-зарф аст.

Аз ҷабри ту ҳар лаҳза ба фарёд манам,
Олам ҳама шоду лек ношод манам.
Не пои равон дораму не дасти дароз,
Чун маҳбасӣ интизори имдод манам.

Нодор зи имдодгараш шиква кунад,
Ғамдор ҳам аз шодгараш шиква кунад.
Аз поси намак дигар чӣ гӯям, охир
Вайрона зи ободгараш шиква кунад.

Мо дар сафи нанг пеш ҳастем, бас аст,
Дар ҳавсала низ беш ҳастем, бас аст.
Дар гардани мо адои қарзи Ватан аст,
Фарзанди замони хеш ҳастем, бас аст.

Дар олами нурҳо сиёҳӣ чӣ кунад?
Дар оби ба таг алоб моҳӣ чӣ кунад?
Аз баҳри қаландарсифати роҳи вафо
Фармони вазиру ҳукми шоҳӣ чӣ кунад?

Бемева шавӣ, майл ба боғат накунанд,
Бенур шавӣ, рӯ ба чароғат накунанд.
Аз дидаи манфиатталабҳои замон
Як лаҳза шавӣ дур, суроғат накунанд.

Дар ҷодаи зиндагӣ хато афтодем,
Бо ҳамсафарони бевафо афтодем.
Мондем миёни раҳ зи хотир дидан,
Бархестаанд он ҳама, мо афтодем.

Аз некии ту бадии ту бештар аст,
Нӯшинаи додаат ба ман нештар аст.
Тифли фараҳ аз теғи ғамат гашт ҳалок,
Бегона барои ман зи ту хештар аст.

Эй дузд, ту ашъори навамро бурдӣ,
Аз шамъи хаёл партавамро бурдӣ.
Аз хонаи эҷод равамро бурдӣ,
Сармояи ҷондаргаравамро бурдӣ.

Зинҳор мулоим нашавӣ,санг туӣ,
Дар олами беканор дилтанг туӣ.
Дар саҳнаи базми зиндагӣ ҷои ту нест,
Зеро ки ба сози худ ҳамоҳанг туӣ.

Ҳастем ҳанӯз сари як масъала лол,
Дорад ба ҷавоби ёфта боз савол.
Аз дӯсти пайки хоборанда ризо,
Аз душмани бедоргар астем малол.

Пайдо ҳама нестӣ зи ҳасти ту шавад,
Безор зи васл ҳамнишасти ту шавад.
Аз афвгараш хати ҷазояш талабад,
Зиндонӣ агарки зердасти ту шавад.

Аз хоки Ватан ба ман расад гард, бас аст,
Аз боғи гулаш маро гули зард бас аст.
Осуда ватандор набошад ҳаргиз,
Як умр даво ҷустан аз ин дард, бас аст.

Аз дафтари ёдҳои пур аз варақам,
Шуд канда саду як вараќи пурсабақам.
Онҳо ҳама ёрони забонӣ буданд,
Рафтанду зи ғам хуни ҷигар чун шафақам.

Бо чашми тамаъ назар ба мардум накунам,
Дарёфтаи ҳалоли худ гум накунам.
То ронда нагардам аз биҳишти ҳастӣ,
Дони ҷави худ иваз ба гандум накунам.

Бебаҳра ту аз панди Ғазолӣ ҳастӣ,
Бегона зи «Ахлоқи Ҷалолӣ» ҳастӣ.
Аз ганҷи саодат нарасад бар писарат,
Вақте ки худат кӯзаи холӣ ҳастӣ.

Ҳарчанд ки аз илми навӣ бахра барем,
Бо рӯҳу матонати қавӣ бахра барем,
Дар тарбияи маънавии кӯдаки хеш
Бояд ки ҳама зи «Маснавӣ» баҳра барем.

Бо бешу ками хеш қаноат дорем,
Даргоҳ ба маскани саодат дорем.
Санҷида гузорем қадам дар раҳи умр,
Аз Воизи Кошифӣ насиҳат дорем.

Гармиасарӣ зи ҷома омӯхтаем,
Таҳриргарӣ зи хома омӯхтаем.
Мо дарси шуҷоату далерӣ ҳама умр
Аз ҳар хати «Шоҳнома» омӯхтаем.

Бетарбияро ҷон ҳама дам дар рамақ аст,
Дигаршавии ҳастии мо аз сабақ аст.
Бӯи гули умр чист? Саъдӣ гуфтаст,
Ҳар ҳарфи «Гулистон » чамане дар варақ аст.

Аз ҳар амали падар писар огоҳ аст,
Ҳар як қадами падар барояш роҳ аст.
Нек аст агар падар, писар хоҳад нек,
Бад бошад агар падар, писар бадхоҳ аст.

Пӯшад ҳама айби тани моро ҷома,
Таҳрир кунад забони моро хома.
Аз гуфти падар бурун намонад қадаме,
Хонад писаре агарки «Қобуснома».

Фарзанд зи неку бади мо бохабар аст,
Аз тарзи ҳали абҷади мо бохабар аст.
Ҳар чиз, ки корем, ҳамонро даравем,
Аз дону каҳи мақсади мо бохабар аст.

Дар аҳди ҷавонӣ оҳи пирам доданд,
Озод будам, хатти асирам доданд.
Тарбияти фарзанд, ки ҷон бохтан аст,
То тоб биорам,думи шерам доданд.

Овози ӯ оҳанги хуши манзили мост,
Ҷои қадамаш ҷодаи чашму дили мост.
Сад бор бигӯяд ӯ сухан бенавбат,
Дорандаи имтиёз дар маҳфили мост.

Гулбодаи фанди умрро нӯш макун,
Гулчеҳраи дилхунгараш оғӯш макун.
Дорад ба бисоти хеш ҳар оташ дуд,
Тарбияти фарзанд фаромӯш макун.

## ДУБАЙТИҲО

Биё, роҳи дигарро пеш гирем,
Қафо чанд аз рақибон хеш гирем?
Ба дунёе, ки гургонаш зиёданд,
Намебояд, ки худро меш гирем.

Фалаксайри замингирам,чӣ созам?
Дар оғӯши камон тирам,чӣ созам?
Ба ширихомхӯрда пухтагӣ нест,
Ба ин подоши тақдирам чӣ созам?

Сухан гӯям, вале суд аз сухан нест,
Нигоҳи дидае бар ҳарфи ман нест.
Бигӯяд аз ватандорӣ ҳамоне,
Ки дар бунёдаш осори ватан нест.

Дил аз ҳарфи дилозоре бадард аст,
Сар аз ғавғои сардоре бадард аст.
Ҳама аз ҷабри як тоифа ноланд,
Зи бемеҳрон вафодоре бадард аст.

Ба фаҳмат мавҷи дарёям ҳубоб аст,
Дили пурхун ба чашми ту кабоб аст.
Далел оварда як хамёзаамро
Мани бедорро гӯӣ, ки хоб аст.

Аз ин пас чашмҳо ҳам мисли гӯшанд,
Зи ҷоми ҳарфчинӣ бода нӯшанд.
Дар он ҷое харидор аст ҳоким,
Рафиқон ҳамдигарро мефурӯшанд.

Магӯ аз тири рафта аз камон ҳарф,
Чӣ ҳоҷат гуфтан аз умри равон ҳарф.
Чу медонӣ,ки рафта барнагардад,
Мазан аз қисмати ин корвон ҳарф.

Занад аз даври пирӣ навҷавон ҳарф,
Зи мақсад дур гаштан ҳаст аз он ҳарф.
Ниҳон то монад асрораш, замингир
Фақат гӯяд зи боби осмон ҳарф.

Забонаш пур, сараш аз ақл холист,
Ба мулки бадкунӣ як умр волист.
Чаро осудаҳол ӯро тарафдор?
Хабаркаш душмани осудаҳолист.

Тиҳидаст обрӯ ҳаргиз нагирад,
Яки ӯ ҷои ду ҳаргиз нагирад.
Надорад об агар дар синаи хеш,
Забоне номи ҷӯ ҳаргиз нагирад.

Дилам чок аст, гандумро бимонам,
Пур аз ғамбодаам, хумро бимонам.
Ҳама рӯзам шаби чун гӯр тор аст,
Мусофирҳои раҳгумро бимонам.

Зи дасти порагирон пора гардем,
Ба мулки дигаре овора гардем.
Аҷал бечорагонро зуд гирад,
Мадад, эй чорагар, бечора гардем.

Маҷӯ гармӣ, ки ҷуз сардӣ намондаст,
Магӯ аз дард, ҳамдардӣ намондаст.
Бародарро бародар мефурӯшад,
Нишоне аз ҷавонмардӣ намондаст.

Ба ту бахшанд агар чархи замонро,
Диҳӣ бо тарзи дигар тоб онро.
Алафро пеши сагҳо мегузорӣ,
Гузорӣ пеши аспон устухонро.

Барои дарди мо дармон надорӣ,
Барои ҷонфидоён ҷон надорӣ.
Дили ту арсаи ҷангу гулӯят
Камоне ҳаст,ҷуз пайкон надорӣ.

Намедонам дар ин майдон чӣ бозист,
Гумонам бадтар аз сад турктозист.
Ҳаводорон ҳаворо интизоранд,
Чӣ сон ҳамроҳи эшон метавон зист.

Шавад аз ғафлати меҳанпарастон
Диёри дил аз они танпарастон.
Ба ҷашну даъвати айём гарданд
Баландон обгири дасти пастон.

Ба дил дарду ба ҷонам сӯз дорам,
Дабистони ҳаётомӯз дорам.
Ту дар рӯзат шабон дорӣ, вале ман
Ба шабҳоям нишони рӯз дорам.

Набинам аз хиҷолат то аракро,
Гирифтам пеш танҳо роҳи ҳақро.
Сияҳкорӣ накардам, лек кардам
Сияҳ баҳри сафедӣ ҳар варақро.

Ба чашми сурхгашта об ранг аст,
Барои тирхӯрда баҳс ҷанг аст.
Пас аз марги бародар дар нигоҳам
Ҷаҳони бекарон ҳам гӯри танг аст.

Зи ғамхорӣ ба ғамдорӣ расидам,
Зи бедорӣ ба беморӣ расидам.
Пас аз сад имтиҳони ҷонканиҳо
Ба маънии ватандорӣ расидам.

Дили пурро тиҳӣ пеши ту кардам,
Амире буд, дарвеши ту кардам.
Надидам лек аз ту ошноӣ,
Магар бегонаро хеши ту кардам?

Дигар аз ҷодаам берун нагардам,
Ба фоли лофзан афсун нагардам.
Ба шодияш ҳазорон ғусса дорад,
Ба ҳусни зиндагӣ мафтун нагардам.

Туро ғамгин бубинад, шод гардад,
Сараш аз фикри бад озод гардад.
Магар обӣ, ки дорӣ сабза аз пай,
Қадам ҳар ҷо ниҳӣ, обод гардад.

Ба мо гуфтанд:-Рав, рафтем хомӯш,
Гумон карданд, кардем он ҳама гӯш.
Нишон ҳар сода дорад аз мураккаб,
Асар дорад зи ҳастӣ низ беҳӯш.

Туро бошад дигар матлаб, аён аст,
Чӣ меҳоҳӣ, зи ҳарфи лаб аён аст.
Нагардӣ берун аз қолаб, аён аст,
Бимирӣ дар раҳи мансаб, аён аст.

Ҳазорон ҷон канам, қадрам надонанд,
Бисӯзам рӯзу шаб бадрам надонанд.
Ба маҳфилҳо ниҳон то монам аз чашм,
Муносиб ҳеҷ бар садрам надонанд.

Ман аз сӯзи дарунам дар гирифтам,
Аз ин хокистарам озар гирифтам.
Аз он хоки сияҳ, ки зиндагонист,
Дилам зардоб карда, зар гирифтам.

Гузашт айёми ман, ҷоям бигиред,
Тиҳӣ шуд ҷоми ман, ҷоям бигиред.
Шуморо ҷонканӣ аз баҳри ҷой аст,
Маро бас номи ман, ҷоям бигиред.

# ҲИКОЯҲО

# ДУНЁИ ҚАФАСӢ

Ноумедӣ орзуи деринаи аз қафас озод шудану дар замин гардиш ва дар фазои кушод парвоз кардани кабкро барбод дод. Акнун мехост, ки қисмати пешина такрор шавад. Аз нав ба тухм табдил ёбаду вуҷуд доштани дунёи равшани қафасмонандро надонад. Аммо чӣ кунад, ки роҳи тақдир бебозгашт аст.

Гармии меҳри модар тухмро- қафаси нахустинашро об ва мушкилоти ба олами ҳастӣ омаданашро осон кард. Меболид ҷӯҷаи бехабар аз озодии муваққатӣ. Хоҳарчааш ҳам ба имдоди модар аз маҳбасча озод шуд. Модар шиками ҷӯҷаҳояшро сер карда, ба нарина ва модинааш дарси зираkиву парвоз омӯхт. Онҳо мустақил шуда, бо расидани фасли сармо кӯч баста ба кишварҳои гарм рафтанд. Дар нимаи роҳ монеаи эҷодкардаи инсони худбин ба сарашон бало овард. Роҳу ҷои нишасти пешинаро наёфта, аз болои дарёи паҳну нопайдоканор гузашта натавонистанд. Теппачаҳо дар зери оби дарёи аз соҳил болошуда монда буданд. Модару хоҳар ва ҳамҷинсонаш аз беқудратӣ ба баҳри нави нопайдоканор афтода, бенишон гардиданд. Ӯ худро бо азобу машаққат ба рӯи завраке партофта, сари танҳо монд. Қатори ҳамҷинсон мемурд, беҳтар буд. Заврақдорон сайди муфтро дида, аз шодӣ дар курта нагунҷиданд. Онро ба хона оварда, муддате аз рӯи ҳавову ҳавас обу дон дода, дигар ғамашро нахӯрданд. Кабк аз беэътибории онҳо гоҳ ранҷи гӯшнагӣ мекашиду гоҳо азоби ташнагӣ. Соҳибхоназан бепарвоии фарзандонашро дида, тақдири мурғакро ба писархондаш ҳавола кард. Дар хонаи нав ҳоли кабк андак беҳ шуд, вале ин ҳам ба муроди дилаш набуд. Шаҳд дар комаш заҳр мегашт. Ҳар дона дар гулӯяш тирро мемонд. Саҳрои кушоди хушкро аз қафаси пур аз дон авлотар медонист. Агар панҷаи зӯри қафасшикан медошт, чӯбчаҳо ва тахтаи ба он васлшударо шикаста, берун мебаромад ва аз бом ба бом, аз дарахт ба дарахт парида, худро дар ҷои чашмпаноҳ мегирифт.

Панҷаи қафасшикан, ки надошт, ночор аз пушти хоначаи саропо чашмакдори дар шохи дарахти тут овезон ба атроф нигоҳ мекард. Ҳар қадами гузошта ва ҳар бори аз ҷо бардошта, ба чӣ кор машғул будани хурду бузурги хонавода ва мардуми ба ҳавлӣ воридшавандаро медид. Дидани дидорҳои шиносу ношинос ба ин мурғаки беозор таъсири гуногун мекард ва ҳар хел қанотак мезад. Ин ҳама маънии рамузфаҳмӣ ва аз ҳамдигар фарқ кардани неку бадро дошт. Аз миёни садҳо кас соҳибашро, ки чеҳраи гандумгун ва чашмони фурӯнишаста дошт, ба осонӣ мешинохт. Зеро ҳамин мард дар соати муайян обу донаш медод, гоҳо ғизои дӯстдоштааш- мошу алафи шири харак ёфта меовард. Вобаста ба дигар шудани вазъи обу ҳаво қафасашро ин сӯву он сӯ бурда, аз таъсири офтоби сӯзону кора карданi сардии борон ҳифзаш мекард.

Кабк бо вуҷуди ҳама сардию гармӣ, тангии қафас ва маҳрумӣ аз гардишу парвози озодона аз дидани дидори соҳибаш ҳаловат бурда, беқарор мегашт. Баробари пайдо шудани ӯ ба химчаҳо бисёртар нӯл зада, мехост онҳоро шиканад ва роҳе ёфта, ба китфи соҳибаш нишинад. Гоҳо бозикунон болотар ҷаҳида, сарашро ба шифти гунбазмонанди қафас мерасонд ва ба ин васила садоқаташро изҳор мекард.

Аслан соҳибаш аз ҷаҳони мурғпарварон фарсаҳо дур буд, ба ин шуғл на рағбат дошту на фурсат. Ҳатто дар кадомин гӯшаи шаҳр ҷойгир будани бозори кабкону қафасфурӯшонро намедонист. Фаррошзани идора он марди раҳмдилро мурғпарвар ва муқими оламi бераҳмон кард. Ба ӯ кабкеро, ки аз беътибории фарзандонаш лоғару бемадор гашта буд, тақдим намуд.

Гумон мекардӣ, ки умри ин мурғак ҳамин дам ва ё чанд лаҳза пас ба охир мерасад. Агар бимирад, бори зоминӣ ба гардани қабулкарда меафтад. Вале ғубори хотири ихлосманде шудан аз бори зоминӣ ҳам гаронтар аст. Фаррошзан ба ӯ эҳтирому эътиқоди махсус дошт, ӯро аз ҷигарбандонаш кам намедонист. Аз ин рӯ пешниҳоди он модари меҳрубонро рад карда натавонист.

«Дар хона як қафаси зебо дорам, хоҳӣ меорам»,- гуфтани сардори хоҷагии коргоҳ низ масъалаи ёфтану харидани қафасро аз байн бурд. Фикри поси намак соҳиби кабкро водор кард, ки хӯрдагириро раво надида, сухани бемантиқи сардори хоҷагиро дар хилвати худ шарҳ диҳад. «Қафас тилоӣ ҳам бошад, қафас аст, ҳимоятгари ҷабру зулм аст, ифодагари бераҳмист, маънии аз озодӣ маҳрум карданро дорад, ҳаргиз лоиқи ситоиш нест, зебо ҳам шуда наметавонад»...

Рӯзи дигар бо дили нохоҳам кабкро дар қафас ҷо кард. Қафас аз химчаи пӯстканда ва тахтаи тунук устокорона сохта шуда буд. Андозаи сӯрохиҳояш ҳам якхела, ҷои кӯтоҳу дароз ё ки андак фарох надошт. Қуттичаҳои обу донхурӣ ва ҷои сар бароварданаш низ ҳаҷман баробар ва ба ҳам монанд буданд.

Дар умри нимасрааш бори нахуст барои аз озодӣ маҳрум кардани мурғаке даст зад. Илоҷи дигар надошт, дарди сар шуда буд ин мурғак. Дар ҳавлии деворҳои печонидаи атрофаш ҷо-ҷо сӯрохдор, ки гурбаҳои гушна пайти муносиб ёфта, даробаро мекарданд, кабкро озод нигоҳ доштан ҳеҷ мумкин набуд. Маҷбур шуд, ки мурғаки озодро қафасӣ намояд.

То чашм ба ҳам зад, ки аз миён панҷ сол гузашт. Дар ин муддат мурғаки лоғар ҷон гирифт, фарбеҳ шуд, овоз баровард, вале аз шарбати озодӣ баҳраманд нагашт. Фикри даво надоштани ин дарди ҷонгудоз соҳибашро азоб медод. Медонист, ки сабаби он ҳама некияш гуноҳи дар қафас нигоҳ доштанро ҷуброн карда наметавонад.

Мехост кабкро аз қафас озод карда, худро аз кашидани бори ташвиши беҳуда раҳонад. Бигузор мурғакаш тӯъмаи гурбае ё саге шавад, вале зоминӣ ба гардани ӯ нaафтад. Боз дудила шуда, аз райъаш мегашт. Сабаби дар байни чорроҳаи андешаҳои бесару нуг мондан дунёро дар шакли қафас диданаш буд. Байни замину осмон, ки дар оғӯшаш ҳамаро ҷо додааст, қафаси бузургро мемонад. Дар чор унсури азал ҳам баробари нишонаи зиндагӣ асари маргро мебинад. Ба ақидаи ӯ инсон аз нияташ дар ин қафас ва дар байни обу оташ ва боду хок афтода, аз дидани рӯи осудагӣ маҳрум мегардад. Як умр роҳаш аз

қафас ба қафас аст. Аз қафаси пушти падар ба батни модар, аз батн ба олами қафасмонанд, аз он ҷо ба лаҳад, баъд ба қиёмат, давоми роҳашро намедонад, мусофир гашта, рӯи озодиро намебинад.

Аслан, озодӣ шиор аст. Мақсади дар зери ин парчам қадам задан пинҳон кардани макру найрангҳо ва пиёда намудани ҳадафҳои судманди гурӯҳест. Инсон ҷои сарф кардани маблағҳои ба ҳар роҳ пайдокардаашро наёфта, барои соҳиб шудани шӯҳрати дурӯза нақшаҳои пешниҳодкардаи кирмакҳои аз пушти шолӣ обхӯрро нишони башардӯстӣ пиндошта, дастгирӣ менамояд. Бехабар аз он, ки ин тоифа таҳти унвонҳои «Зӯроварӣ», «Хушунати оилавӣ», «Эҳтиёт аз микробҳои таъсиркунанда», «Барҳам задани сатҳи камбизоатӣ» ва дигар дарду балоҳо барномаҳо тартиб дода, ба ин васила қисми зиёди маблағҳои ҷудокардаи сарпарастонро обу лой мекунанд. Ва парвои ҳал шудану нашудани масъалаҳои муҳимтарини ҳаётро надоранд.

Мурғаки бечораи бехабар аз ин рӯсиёиҳо боз аз ин тоифаи худхоҳ озодӣ умедвор аст. Намедонад, ки худи инсон барои тасаллои дилаш умре бонги озодӣ зада, чизи набударо ҷустуҷӯ мекунад. Дар сар, ки хаёли қафассозӣ дорад, аз нияташ меёбад. Агар мақсаду мароми ҷовидониаш қафассозию домафканӣ набошад, чӣ хел ақлаш мерасад, ки даррандагони хашмгинро ром кунад ва ҷонварони азимҷуссаро осонакак аз по афтонда, кушад. Барои ба ҷисми гови тезшохи хунхӯр найзаҳо задану қурбон кардан матои сурхро ба кор мебарад. Аз пӯсти баррачаи ҷингиламӯи серӯза телпак медӯзад. Ҳатто шиками гӯсфанди зиндаи бордорро чок карда, баррачаи дунёнадидаашро пӯст меканад ва барои пӯшондаи як сари хомхаёли худ ду ҷонварро беҷон мекунад. Камон сохтан, қапқон гузоштан, рӯи чоҳи кандаро хаспӯш кардан, обро лой карда, моҳӣ гирифтан мақсади сайдафкании худи инсон аст,ки боз онро ба кори шайтон нисбат дода, худро мӯсичаи бегуноҳ мегирад. Хаёл мекунам, ки ҳама ҷонзоди олам макру найрангро аз одам омӯхтааст. Агар одам шох медошт, қиёматро дар ҳамин дунё барпо мекард.

Дар ҳақиқат шакли дунё ба қафаси бузург шабоҳат

дорад ва одам дар ин маҳкама зиста, дар ҳамин ҷо мемирад. Барои ҳамқисмат пайдо кардан дом афкандаву қафас сохта, қасди тақдирашро аз дигар мавҷудот мегирад. «Алами Исоро аз Мӯсо гирифтан хуб нест»-хулоса баровард соҳиби раҳмдилаш ва дар қафас будани худашро кифоя шумурда, хост кабкро аз қафас озод намояд. Вале ба ёдаш расид, ки кабки солҳо дар қафас бударо дарҳол ба майдони кушод сар додан мумкин нест, болҳояш мешикананд. Аввал парҳояшро қайчӣ зада, сабук кардан лозим, баъд…

Кабкро аз қафас озод карда, қанотҳояшро қайчӣ зад. Бо ин амал мурғаки бечораро аз имтиёзи озодона парвоз кардан маҳрум намуд. Бо вуҷуди ин кабк хушҳол буд. Аз зинаҳо оҳиста-оҳиста фуромада, дар замини ҳавлии хокаш нарм хоклӯтак мекард. Ҳангоми донадиҳӣ баробари мурғон давида, ҳаққашро соҳиб мешуд. Фақат аз хурӯси сурх метарсид.

Рӯзҳои аввал хурӯс кабкро ба мокиёнҳо наздик шудан намемонд. Ин корро шояд аз рашк мекард ва он бечораи дар ғами озодиро аз бари ҳамқисматонаш дур меронд. Баргашта майдонро холӣ дида, аз кардааш пушаймон мешуд. Зеро аз хӯрдани дон бебаҳра мемонд. Маҳз ҳамин ҷиҳат маҷбураш кард, ки дигар ба кабк кордор нашавад. Вале аз ин миён чӣ гузашт, намедонам, кабки унсгирифта якбора аз доираи марғон дур шуд. Танҳоиро ихтиёр карда, аксар дар таҳхонаю болохона маскан мегирифт. Соҳибаш гоҳо мурғаки гумшудаашро аз сари девору лаби бому тори дарахтони ҳамсояҳо пайдо мекард.

Рӯзе ҳангоми дондиҳӣ кабкашро ба зудӣ наёфта, сахт асабонӣ шуд. Ҳама ҷоро кофт. На пеши хона монду на паси хона, на ҷои худӣ монду на аз бегона. Ба ҳар сӯе, ки нигоҳаш афтод, фақат мурғони хонагӣ ва чанд майнаву мӯсичаро дид. Баъд чизеро пай бурдагӣ барин, ба болохона, ба ҷои хӯрдану хуфтани устоҳое, ки дар хонааш кор мекарданд, баромад. Тирезаҳоро баста дид. Кушода ҳам, ки мебуданд, кабк ҳанӯз қудрати аз баландӣ ба поён паридан надошт. Агар ба зинаҳо поён мефуромад, бо ӯ рӯ ба рӯ мешуд. «Ба ҳеҷ куҷо нарафтааст, дар ҳамин болохона пинҳон аст»-аз дил гузаронд ва қолину курпаҳоро тагурӯ

кард. Оқибат кабкашро аз таги бастаи сабуки гарминигоҳдорӣ ёфт. Кошки намеёфт. Ҳолашро намедиду намесӯхт. Рӯи по истода наметавонист кабк, як тарафи баданаш шах шуда буд. Чашмакони маҳзунаш базӯр кушодаву пӯшида мешуданд. Дар зери бори баста ҳам, ки мемонд, бояд ба ин андоза беҳол намешуд. Парҳои хунолудашро ҳилол карда, аз таги қаноти чапаш пораи сангчаи нӯгтезро кашида гирифт. Баданаш аз зарбаи сахт сӯрох гашта буд. «Ин кори устоҳост. Кабкро ҳангоми дар рӯи ҷойхоб гаштан ё ба дастархон по мондан ва ё ахлот кардан зада, барои ошкор нашудани сир ба зери баста пинҳон намудаанд»,-хулоса баровард соҳибаш. Аз парҳои хуни ҳанӯз лаълнабаста маълум буд, ки ин ҳолат чанд лаҳза пеш рух додааст. Устоҳо ҳам навакак аз сари дастархон хеста буданд.

Бори охир ба чашмакони ба андозаи пулушки сӯзан кушодаи кабки миранда нигарист. Мурғак гӯё бо забони чашмони пур аз нигоҳи ҳасрат мегуфт: «Дар ҳар як қадами ин дунё дому қафасе будааст. Дидаву дониста чаро маро дар қафаси дигаре нигоҳ доштӣ, барвақттар озодам мекардӣ, намешуд? Чаро ба қисматам зомин шудӣ? Интизориҳои шабонаву рӯзонаи маро бо чӣ ҷуброн мекунӣ ?..»

Баъди лаҳзае кабк чашмонашро тамоман пӯшид, дигар баданаш намеҷунбид. Аз чашмони соҳибаш ашки ҳасрат мерехт. Ва бо нигоҳи ашколуд аз пушти шишаи он баландӣ медид, ки дар саҳни ҳавлӣ устои хиҷолатманде хоки андоваро не, гӯё хоки қисмати худро мебехт…

## ГАРДИШИ АЙЁМ

Шавкат Азизии ҳаштодупанҷсола, ки шаст соли умраш ба умеди кушодани гиреҳҳои риштаи илми интихобкардааш сарф шуда буд ва ҳанӯз ҳам нохуни баланди фаҳмаш имкон медод, ки уқдахои вонагаштаро во кунад, бори ҷисми пиронаашро ба пушт, ба рӯи кати дукасаи назди мизи кориаш партофта, чашмонашро тамоми рӯз ва то як ҳиссаи шаб аз шифти хона намеканд. Ба як

нуқтаи номаълум, ки асрорашро Худо медонисту худаш, нигоҳи андешаомез медӯхт ва дар ин миён гоҳ-гоҳ лаҳзае хобаш мебурд. Баъди бедор шудан боз нури нигоҳашро ба шифт фиристода, мехост на танҳо ҷои сояафтодаи шифтро, балки фарш, дару девор ва хонаву ҳавлиро равшан кунад. Алқисса мехост, ки тамоми қаламрави диёрашро нуристон бубинад. Вале ба тани орзуяш ҷомаи амал пӯшонда наметавонист. Фақат дар як гӯшаи дури диёр охирин дастаи рӯшаниро медид, ки гӯё аз нурҳои офтоби майл ба ғуруб нишонае дошт.Ва дар ин миён беихтиёр зодгоҳаш ва ҷиянаш Ҷовид ба ёдаш меомад.Суффаи таги дарахти рӯи ҳавлиаш аз ин кати ҳоло хобидааш мулоимтар метофт.

Кати кӯҳнаи дукаса барои як кас роҳати ҷон буд. Хобанда метавонист озодона тоб хӯрад, ба ҳар паҳлӯе, ки хоҳад осуда бихобад. Вале ҳангоми тоб хӯрдан, ки гоҳ-гоҳ рух медод ва мурватҳои хӯрдашудаи кат, ки мустаҳкамии чӯбҳояшро таъмин карда наметавонист, бо ғиҷир- ғиҷири гӯшхарошаш табъро хира мекард. Маҳз бо ҳамин сабаб мӯйсафед аз баҳри кайфияти паҳлугардӣ гузашта, ба пушт хобидану наҷунбиданро авлотар медонист. Ростӣ, худаш ҳам қуввати бисёр ҷунбидан надошт. Гоҳо як ҳиссаи шаб маҷбур шуда, андак меҷунбид ва барои кампиракаш Ҳалима-хола, ки аз кори рӯзона беҳад хаста мегашт ва худро дар паҳлӯи ӯ гирифтан мехост, ҷо холӣ мекард. Дар кати яккаса ҳам барои хӯгирифтааш ҷо ёфта метавонист. Зеро ҷисми одаткардааш бе соиши тани ҷони ширинаш лаззати осоишро намедонист.

– Ҳа, беинсоф, ҳоло ҳам аз ҳамин мани нотавон, ки поям ба лаби гӯр расидааст, умед дорӣ?

– Пир ҳам, ки шудӣ, ҳеҷ аз шӯхиҳоят намондӣ.

– Куҷо шӯхӣ, ҷиддӣ мегӯям. Мехоҳӣ, ки лаҷоми саманди ҳастии ҳамин ҷонбалабрасидаро то нафаси охирин сар надиҳӣ? Не, шикорат барор намегирад. Сайёди ҳақиқӣ ба сайди дар пеши пояш афтода кордор намешавад.

– Ёфтӣ сайёдатро, сайёде, ки дар роҳи ҳамвор мадори раҳгардӣ надорад. Ва гурги аҷал аз паяш қадам мегузорад.

– Ба ҳар ҳол таъкид кардан хуб аст…

Ва овозҳо оҳиста-оҳиста пасттар шуда, суоли яке бечавоб мемонад. Фазои хомӯши хонаро ба ҷои ин овозҳо садои нафаскшии нолишдори пирона мегирад. Фақат аз як ҳуҷраи хонаи чорҳуҷрадор охирин бӯи дардолуди зиндагӣ мерасад. Ва аз рӯи ин кати дукаса рӯзе яке ва баъдтар дигаре меафтад. Баъд аз он фарзанди дурафтодаашон соҳиби ин даргоҳ мешавад. Агар беҳавсалагӣ ва беномусӣ карда хонаро фурӯшад, дар қадамҷояшон нишони қадаме ҳам намемонад ва пайи арвоҳашон низ аз ин манзил канда мегардад. Меххои бари деворҳо бесурат, рӯи миз беқаламу коғаз гашта, айнаки рӯи дидааш таги по мешавад ва дигар нишонаҳои хотиравии муаррифгараш, ки бозгӯи роҳи қисматанд, ба нобудӣ мерасанд. Аллакай ҷевонҳое, ки як замон аз китобу маҷалла ва дастхатҳо пур буданд, холӣ шудаанд ва аз ин хона дигар накҳати маърифат намерасад. Кати холишуда ҳам, ки умре вазифаи курсиро низ адо мекард, алҳол танҳо як ҷойхоби шалақро мемонад ва чашми партобҷову дидаи танӯр дар роҳаш интизор аст. Пештар, ҳине ки мадору ғайрат дошт, дар тарафи ба миз наздики ин кат нишаста, то рӯз китобу дастхат мехонд, мавод ҷамъ мекард, менавишту хат мезад, хат мезаду менавишт. Дар паси пушташ, дар қисми холимондаи кат кампираш дароз мекашид. Ҳалима-хола низ муаллимаи бо донишмандияш маъруф аст, вале мисли ӯ сермаҳсул нест. Эҳтиёҷи зиндагӣ имкон намедиҳад, ки мисли шавҳараш фидоӣ гардад. Намегузорад, ки шабу рӯз нишаста, мутолиа намояд, маҷбураш мекунад бештар ба корҳои рӯзгордорӣ машғул шавад. Дар бозии шатранҷи ҳаёт, ки дурангӣ хосаш нест, бояд яке ғолибу дигар мағлуб гардад. Барои ғолиб омадани сарвари хона кампираш сар ба домани меҳрубонӣ фурӯ бурда, як умр ақибнишинӣ кард ва ба ҳамсараш роҳ кушод. Бори заҳмати хона ва тарбияи кӯдаконро ба дӯши худ гирифт. Нагузошт, ки шавҳараш ба ҳар кори беҳуда андармон шавад. Ҳоло ҳам бо вуҷуди бардоштани бори гарони пирӣ аз субҳ то шом ҷунбуҷӯл мекунад, хӯрок мепазад, чой мемонад, либос мешӯяд, рӯбучин менамояд ва боз даҳҳо корҳои майда-чуйдаро ба ҷо меоварад. Доро, ки мебуданд, дастёр мегирифтанд. Пулашон агар базӯр ба хӯрок расад, ба харидани пӯшок кифоягӣ намекунад.

Бедастёрӣ кампири Ҳалимаро маҷбур мекунад, ки аз ҷо хеста, барои идома ёфтани зиндагӣ шароит фароҳам оварад. Қуввати ба бозор рафтану харид карданро надорад. Духтари ҳамисоя, Худо умри пурбаракаташ диҳад, бозорӣ карда, мушкилашро осон менамояд. Агар ягон бачаи муҷаррад медошт, ӯро ҳатман келин мекард. Бачаи хонадораш пул мефиристад, вале омада дар паҳлуяшон истода наметавонад. Рӯзҳое,ки бо ҳам буданд, бо ҳама камбизоатӣ хонаашон пур метофт. Келину наберaҳо мадад мерасонданд. Вале аз ҷои кор наёфтан фарзандаш маҷбур шуд, ки ба хориҷа равад. Кампир ҳоло ҳам домани кореро медорад ва мӯсафедашро дур аз дидаи эътибор намегузорад. Мехоҳад, ки шавҳараш ҳам бори ноумедиро аз дӯши дил афканда, аз ҷо хезад, аз вартаи шабу рӯз дароз кашидану ба як нуқтаи номаълум чашм дӯхтан раҳад.Вале ӯро аз ин варта раҳонида наметавонад. Шояд ҳамқисматаш дар бораи гардиши айём андеша карда, гузаштаву имрӯзаро ба ҳам муқоиса намояд ва ба ҳамин сабаб кунҷи хилвати хонаро осоишгоҳ шумурда, аз дар берун набарояд. Дар майдони махсуси назди бино ҷамъомадагони имрӯза чи мегӯянд, медонад. Мӯҳтавои сӯҳбаташон пул ёфтан, сарват ҷамъ кардан, хона харидану ба иҷора додан, истироҳатгоҳ сохтан, соҳиби ягон вазифаи даромаднок шудан, хулоса роҳи кӯи шикамро пеш гирифтан аст.Ин одамони аз олами маърифат дур шер будани зиндагиро надониста, бо думаш бозӣ мекунанд.Дастгоҳи фиттанависии дар мошинашон бударо дар назди бино баланд карда, хомӯширо халалдор менамоянд.Завқашон, ки ниҳоят паст аст, сурудҳои сабткардаашон аз дарди ширин ва муҳаббати самимӣ ориянд.

Мӯйсафед ёд меорад ҳамсояҳои пешинаашро. Донишмандони бузург буданд, ҳар суханро донистa мегуфтанд, кӯшиш мекарданд, ки ягон ҳарфашон ба тори хотире боре нашавад. Ҷамъияти хуб доштанд. Сӯҳбаташон аз навигариҳо ва дастовардҳои илмӣ оғоз мегашт.

Пештар ҳам, ҳангоми ҷавонӣ мисли ӯ қуввати то рӯз нишастану мутолиа карданро надошт. Дар ин роҳ хеле қафо монд, вале бо заҳматаш ҳамқисматашро пешсаф кард. Он вақтҳо хонаашон бозори гардон буд. Ҳар лаҳза телефон ва занги дарашон садо медод.

– Муаллима, устод дар хона ҳастанд?

– Ҳастанд, марҳамат дароед, гуфта корафтодаро бо меҳрубонӣ қабул ва гусел мекард.

– Ин хонаи устод Кабирӣ?

– Бале.

– Муаллима, агар мушкил намеафтод, гӯшаки телефонро ба устод медодед.

Муаллима ба ҳама зангҳои пайдарпай баодобона ҷавоб мегардонд, боре ҳам «безор аз ҷон кардед» намегуфт, касеро намеранҷонд. Балки ифтихор ва шукрона мекард, ки шавҳари номдорашро ҳар рӯз суроғ мекунанд. Медид, ки ҳамсараш навиштаҳои дигаронро мехонд, таҳрир мекард, маслиҳатҳо медод. Ба ҷои онҳое, ки акнун вазиранду раисанд ва дар донишгоҳе сарваранд, дил об мекард. Ба сатрҳои парешони эшон мақоми ҷамъ бахшида, китоб мекард. Вале имрӯз дидори он бенамакони харашон аз ҷӯбор гузаштаро дар хоб мебинад. Чи кунад, ки бинои ҳастиро аз гилу хишти бавафоӣ сохтаанд. Ба ҳаминаш ҳам шукр мегӯяд, ки гардҳои аз пай афтода доғе ба доманаш нагаштаанд. Эҳтиёҷи зиндагӣ ва нотавонӣ худашро ҳам маҷбур кардааст, ки аз ёрони қадимиаш дурӣ биҷӯяд, суратошонро набинад. Ба ҳамон ёронаш-қаламу коғаз ва айнакаш,-ки силоҳҳои умедаш буданд, обрӯ ва мартабааш мебахшиданд ва як умр дар шикори сайди маънӣ имдодаш мекарданд, акнун назари эътибор намедӯзад,балки аз онҳо чашмашро мегурезонад. Онҳоро сабабгори камнур гаштани чашмону хароб гаштани хонаи асаб ва нотавон гаштанаш медонад. Дар ҳар ҷунбишу аз ҷо хестан чашмонаш ба онҳо меафтад, вале метарсад ба онҳо наздик шавад. Гумон мекунад, ки он се силоҳи нигаҳдорандаи сирри махфӣ дар назар ҷудоафтода менамоянд, вале дар ҳолати зарурат якҷо шуда, ба ӯ ҳуҷум мекунанд, тифлакони нурҳои боқимондаи дидагонашро гаравгон гирифта, оҷизи мӯҳтоҷи дигаронаш мегардонанд. Метарсад ба онҳо наздик шавад, гумон мекунад, ки ҳавсалааш пир шудааст, мадораш намондааст. Не, хато мекунад, ҳоло ҳам қувват дорад, вале дилаш аз тамошои ҷангали ҳастӣ, ки пур аз рӯбаҳ шудааст ва шеронаш майдонғарибро мемонанд, мондааст. Барои ҳамин аз баҳри шикори ин сайди маккори гӯшташ нодаркор гузашта, на ба силоҳи дасташ, на ба

силоҳи чашмаш ва на ба сипари рӯи мизаш наздик шудан намехоҳад. Силоҳҳояш-қаламу коғаз ва айнак низ дар ҳар кунҷи миз ва дур аз ҳамдигар мехобиданд.Соле пеш бе онҳо ҳастии худро тасаввур карда наметавонист.Даҳони дарандагони чангали ҳастиро бо ҳамин силоҳаш мебаст. Акнун худаш- сайёди пир кунҷи хилватро амонат гирифта, метарсад аз тири нигоҳи замон, метарсад аз тири ноумедиву бемеҳрии одамон.

Даврони пурғайративу дурбинӣ ва сайдафканияш гузаштааст. Дигар тираш ба нишон намерасад.Дар он сармои заҳматҳо, ки фасли барори шикораш буд, шабу рӯз хоб надошт. Аз зарби камони хомааш саҳифаи сафед, ки ба пуштаи барфолуд шабоҳат доштанд, аз ҳарфҳо-аз сайдҳои афкандааш пур мегаштанд ва ғизои маънавии дигарон мешуданд.Дар ин миён сайёдони тарбиягирифтааш-толибилмони донишгоҳро ба ёд меорад.Ҳар сол агар дусад донишҷӯ дар бахшҳои рӯзонаву ғоибона таҳсил карда бошад,дар даҳ сол дуҳазор ва дар шаст сол ин адад ба дувоздаҳ ҳазор мерасад, ки як варзишгоҳи калонро пур мекунанд. Акнун шогирдонашон аз ӯ дида пухтатар шудаанд, соҳиби унвону вазифаи баландтар гардидаанд.Ё ки эҳтиёҷи рӯзгор ба ҳар сӯ бурдааст ва ё носипосии замон ишонро ба чоҳе афкандааст, ки дидорашонро дида наметавонад. Шояд ҳоли шогирдони донишмандаш аз ҳоли устодашон бадтар аст? Вале шогирдони кундзеҳнаш имрӯз машҳуртаранд, вазиранд,раисанд, роҳбари донишгоҳанд.Бе ихтирое соҳиби ҳама унвонҳо гаштанашонро шунида, зоҳиран шоду ботинан ғамгин мегардад ва дар лабонаш хандаи оҳолудае пайдо мешавад.

Рӯзҳои вазнини ҷанги шаҳрвандӣ , ки аз дуру наздик садои тир ба гӯш мерасид ва боре тири хаторафтае ба тирезаи ҳуҷраи кориаш бархӯрд ва фарши хона аз шишареза пур шуд, парво накарда, навиштану ҳонданашро идома медод.Ӯ ҳам бо мақсади шаҳид нагаштани қаҳрамонони умеду орзуяш бо худ меҷангид, барои ғолиб шудану охирин нишона мондан мубориза мебурд. Дар он рӯзҳои мудҳиш аз хона берун набаромада, чандин китоби тадқиқотӣ навишт, дар саҳрои маърифат донаи фаҳму

дониши худро кишт. Вале имрӯз дар муҳити сулҳу оромӣ на китоберо ба даст мегирад ва на ба хомаву айнаку варақҳояш наздик мешавад. Балки онҳоро-дӯстони шаст сол ҳамқисматашро душмани ҷони худ мепиндорад. Даст ба сӯяшон дароз намекунад, шояд ғами охирин лаҳзаҳои ҳастии худро мехӯрад. Гоҳ-гоҳ ҳамсараш ҳангоми рӯбучин қаламу айнак ва коғазҳои хобидаро аз рӯи миз бардошта, баъди тоза кардан ба ҷояш мегузорад.

Вақтҳои охир шавҳараш ҳатто гӯшаки телефони дар паҳлӯяш бударо бардоштан намехоҳад. Кӣ телефон мекунад, чӣ мехоҳад дигар барояш аҳамият надорад. Беҳуда садо доданашонро медонад. Медонад, ки дар ин садоҳо садои ошно нест, сипосгузорию вафо нест. Аксари зангҳо зангҳои хатоафтодагонанд. Рақами шиносашонро аниқ надониста, дигаронро овора мекунанд.Танҳо ба хотири ба гӯш нарасидани ин садоҳо ба ҳамсараш ишора мекунад, ки гӯшакро бардорад ва ё дарро кушояд. Тугмаи занги пушти дарро ҳам онҳое зер мекунанд, ки аз дунёи дигаранд, бо ӯ ягон муносибату наздикие надоранд. Аксарашон дорандагони хонахаранд.

«Хонаатонро фурӯшед, барои пиру кампир хонаи якхуҷрагӣ кифоя.Розӣ шавед, хонаро бегона накунед, пули хуб медиҳем » гуфта худро чун пайванди онҳо мешуморанд.Сари чандин ҳамсояашонро, ки камбизоат шуда буданд, гаранг карда, хонаҳояшонро хариданд ва онҳоро ба гӯшаи дури шаҳр фиристоданд. Ба он гӯшае,ки дар он ҷо хонаҳо аз надоштани шароити хуб арзонтаранд.Хабар меояд, ки он фиребхӯрдаҳо ҳоли бад доранд, он ҷо таъмини обу барқу газ хуб нест.Ин дорандаҳо мехоҳанд, ки охирин намояндагони хонаҳои дар замонаш махсусро фиреб дода, сарсону саргардон намоянд. Не, дар ин бозӣ ҳаводор намеёбанд.Нақшаи кашидаашон барбод меравад. Хонаашро намефурӯшад. Бача дорад,ин хонаро мерос мегузорад.Бигузор баъди сараш ворисаш ин чор деворро фурӯшад.Ганҷинаи асосӣ- самари заҳматҳояш,ки аз фикри дар куҷо мондаанаш осудагӣ надошт, ҷои худро ёфт. Хонаи ҷиянаш Ҷовид бойгонии корҳои тадқиқотии тағояш

шуд.Мӯйсафеду кампир аз миёни зангҳо зангҳои телефонии Ҷовидро мешиносанд.Занги дарро ҳам зер карданаш аз дигарон фарқ мекунад.

– Гӯшакро бардор занак, Ҷовид аст, аз роҳи дур занг мезанад. Ғайри Ҷовид ва писарамон, ки садоравонкуниашон махсус аст, дигар ягон роҳдурӣ он тараф, наздиконамон ҳам ба мо фаромушгаштагон дар як сол якду маротиба занг мезананд.

Кампири Ҳалима оҳиста-оҳиста рафта гӯшакро мебардорад.Рост баромадани тахмини шавҳарашро тасдиқ мекунад.Ҷовид занг зада ҳолашонро мепурсад ва аз натиҷаҳои истеҳсолии боғу майдонаш мужда мерасонад.

– Меваи боғ имсол фаровон аст, чашм нарасад себу ангуру шафтолую нокро бо қувваи худӣ ҷамъ овардан ғайри имкон аст. Чормағз ҳам хуб бастааст, мевааш аз баргаш кам нест. Гандумро даравида, дар ҷояш полез кардем. Баъди бардоштани ҳосил дар замини картошка бодирингу помидор парвардем. Имсол соли пиёз будааст, фурӯхтем, анборамонро пур кардем, рӯи ҳавлиамонро низ пиёз пӯшонидааст, рӯзҳои наздик аз ҳамааш ҳаққатонро мефиристам.

Кампир гуфтаҳои Ҷовидро як ба як ба хӯҷаинаш нақл кард ва илова намуд,- ҷиянат марди баномусу қабиладӯст аст, вале дар вақташ ба ӯ эътибори дуруст надодам, аз дастатамон меомад, дасташро нагирифтем, аз таги дилаш бохабар нагаштем. Умед дошт, ки ба ягон донишгоҳ дохилаш мекунем. Саводаш бад набуд, «Ту як бесавод, ту як дунёбехабар» гуфта, ба тори асабаш нохун задем. Бечора бо қувваи худаш имтиҳонҳоро супурда, аз нарасидани як хол донишҷӯ нашуд. Поквиҷдонии туро, ки хуб медонист, малол нашуд. Фаҳмидӣ, ки ғайри ҳамон решапайванд ягон кас парвоямон надорад.

– Коҳи кӯҳнаро ҳам бод кардан хуб нест. Худам ҳам аз хатои ислоҳнашавандаам хиҷолат мекашам. Хайрият, ки Ҷовид он рӯзҳоро ба ёд намеорад. Дили бузург дорад, дурандеш аст, ҷиян ҳам бошад, дар сафи вафодорон аз фарзандамон пеш аст. Баъди дар хонааш дидани чандин нусхаи китобҳои аввалинам, дар вақташ харида ҷилдпеч

карда будааст, беихтиёр гирён шудам. Китобҳо гуё ки навакак аз чоп баромада бошанд, ягон доғ надоранд, батартиб дар ҷевон чида шудаанд.Китобҳои дар худамон бударо эҳтиёҷмандони бемаърифати замон гирифта, ба ҷои нусхабардор кардан, саҳифаҳои лозимиашонро канда гирифтанд. Қариб ягон китоб пурра нест, китобҳои ҳама саҳифаҳояш ҷо ба ҷо ва бе соядасти ман дар хонаи Ҷовид аст. Сад афсӯс, ки дар вақташ ба ҳама бо соядаст китоб додаму ба ҷиянам не. Акнун фаҳмидаам, ки ҷои решапайвандро ҳеҷ кас иваз карда наметавонистааст.Дар ҳуҷрае, ки махсус ба номи ман сохтааст,пур аз навиштаҷотҳои ман аст. Дар як гӯшаи дур аз шаҳр зиста, онҳоро кай ва аз куҷо ҷамъ оварда бошад, ҳайронам.Баъди дидани ин китобхона ӯро ягона нигаҳдорандаи осору нишонаи умрам хондам ва гуфтам, ки дар ин дунё фақат ба ту бовар дорам ва мехоҳам,ки китобу дастхатҳои дар хонаи худам бударо ҳам дар ин ҷо бубинам. Ҷовид ин васиятамро зуд ба ҷо оварда, омада ганҷинаи бебаҳоямро бурд. Гуфта будам- ку, дар рӯзи кушодани осорхонаи ба номи Шавкат Кабирӣ сарварони ноҳия ва дигар маърифатпарварони маҳал ширкат карда, ба ташкилкунандаи ин кори хайр – деҳқони оддӣ, вале решапайванди як олими фаромӯшшуда Ҷовиди Фирӯз аҳсану офарин хонданд ва ба ҳамин хотир ҷашни ҳаштодсолагии бандаро гузарондананд. Ба шумо як хабари дигарро нарасондам.Ғайр аз осорхона Ҷовид дар як кунҷи боғаш барои худамон хона бунёд кардааст, ҳарчанд, ки моро хонаи охират интизор аст. Ба ҳар ҳол як рӯз осудатар зистан давлати бузург аст. Қалам дар тасвири ҷои барои худамон интихобкардааш оҷиз мемонад.Аз пеши хона об мегузарад, дар як кунҷи боғ чашма аст. Дарахтони гуногун ва бӯи гулу гиёҳҳои атроф ба ҷон ҳаловат мебахшад. Агар ҳамроҳам ба ҷашн рафта, ҳамон манзараро бо чашмони худ медидӣ, дигар ба шаҳр барнамегаштӣ ва аз ҳамин муҳити ғавғо ва мардумони аз ҳоли ҳамдигар бехабар мегузаштӣ.Мегӯянд, ки бузургон дар деҳот ба дунё омада, дар шаҳр ҳайкал мешаванд.Рост мегӯянд, мавлудашон ба ёдбуд табдил меёбад. Барои ҳамин Ҷовид ният дорад, ки моро аз шаҳр ба деҳа, ба ҳамон мавзеъи биҳиштмонанд бубарад. Ту чӣ мегӯӣ?

– Мегӯям, ки ҳамон бесаводи мегуфтагият аз худамон дида дурбинтар будааст. Мо мардуми дар ободӣ афтода мақоли «Ганҷ дар вайрона»-ро фаромӯш мекунем. Ҳоло ҳам гуфт, ки шуморо дар паҳлӯям дидан ва кӯдаконамро ба хидмататон супурдан мехоҳам. Меҳрубонию садоқат ва одамгарӣ аз ин зиёд намешавад.

Мӯйсафед дигар ҷавоби ҳамсарашу давоми ҳасратномаашро гуфта натавонист. Дар ҳамин ҷо ба суханаш нукта гузошт ва чашмонашро, ки пур аз нигоҳҳои ашколуд буданд, мисли пештара ба ҳамон нуқтаи номаълуми шифт дӯхт. Кампиракаш низ ба рӯи шавҳари дар пирӣ қадрнодидааш нигоҳ карда, ҳарфе ба лаб оварда натавонист. Ба фикр фурӯ рафта, заҳматҳои кашидаи роҳатнадидаашро бори дигар пеши рӯ овард. Дар шаст соли зиндагии якҷоя бо чи азобҳо гирифтор шудани ҳамқисматашро тасвир кунанд, даҳҳо қиссаи хотирмону ибратбахш мешавад. Кампири Ҳалима баъди лаҳзае ба муҳити хона ҳукми хомӯшӣ бахшидан тоқат накарда:-Чӣ ашки ноумедӣ мерезӣ, чаро ғами беҳуда мехӯрӣ? Наход бевафойи дунёро фаромӯш карда бошӣ? Хусусан дар замони мо ҳоҷати аз касе гила кардан нест. Касе бори нози касеро намебардорад. Зеро чашмони танги манфиат дидори маърифатро дидан намехоҳад. Вале ман то дами нафаси охирин бори нозатро мебардорам ва аз дидорат серӣ надорам. Мард барои зан ватан аст, ба ҳар ҷое, ки хоҳӣ, ҳамроҳат меравам, ҳатто мехоҳам, ки дар гӯр низ ҳамроҳат бошам. Вале то рӯзи рафтан ба он мулки биҳиштмонанду хонаи бо умед сохтаи Ҷовид ту ҳам бори танатро ба пушт напартофта, аз ҷой бархез, қаламу коғазат ва айнакатро бесоҳиб намон.Фаромӯш макун, ки айни ҳол мо дар бинои академикҳо зиндагӣ мекунем.Ба хотири ҳамин номи баланд мехоҳам, ки аз ҳисоби ҳар лаҳзаи боқимондаи умр рӯзҳои рӯ ба даргоҳи илм наовардаатро ҷуброн бикунӣ.

– Худат медонӣ, ки тадқиқот ва навиштани мақолаи илмӣ истифода бурдани иқтибос ва истифодаи маводҳои хазинавиро талаб менамояд.Ҷевонҳои холишудаи мо гувоҳи гардиши айём аст. Пештар ин биноро бинои академикҳо мегуфтанд, ҳоло бошад бинои кулфатзадагон мегӯянд. Маҳалла ҳам бо номи кулфатзада-

гон машҳур аст. Аз ин пас навиштани асару умрро сарфи тадқиқоте кардан бесуд аст. Зеро марсия барои меҳргумкардагон суруд ва ёдбуд рӯзи мавлуд аст …

## ФАЛСАФАИ ЗИНДАГӢ

Қисми зиёди мизҳои чойхонае, ки онро баъдтар ба мақсади афзудани даромад ба ошхона табдил доданд, банд буд. Дар сари ҳар миз ду-се касӣ, гоҳо чортанӣ нишаста, аз ҳар боб, бештар аз хӯрдану хуфтан, умри ғаниматро бо дилхушӣ гузаронидан, ҷону танро ранҷу азоб надодан ҳарф зада, гӯё озмуни меъдаи худро пур кардан доштанд. Мизҳоро шаробу кабоб, помидору бодиринг, кабудӣ, чакка, меваҷот ва дигар хӯришҳо зеб мебахшиданд.

– Бичашед, дар умрам ин хел чаккаи бомаззаро нахӯрда будам.Шаробаш ҳам тозаи тоза, ба фикрам, навбаромад, баъди чанде мефаҳмӣ, ки обаш андак зиёдтар шудааст- ба гӯш расид аз мизи наздиктарини дукаса. Сӯҳбатро марди бурутғафси биникалони лунҷҳояш даму каллааш калон ва китфпаҳн оғоз кард.

– Сад намудашро нӯшидаам, дар ин кор собиқаи зиёд дорам. Ин ҳам тозаи тоза нест, одами тоза ёфт намешаваду арақи тозаро аз куҷо меёбӣ? – илова кард ҳамтабақаш, ки пуштнокӣ нишаста буд ва чеҳрааш наметофт.

– Шуд, шуд, даҳонамро мепӯшам.Як гап гуфта, дар бало мондам. Аввал бигир, нагирифта чи баҳо медиҳӣ?

– Агар хомӯш бимонам, бовар дорам, ки ту бодирингу помидорро ҳам бедору мегӯӣ, ҳол он ки имрӯз бе дору ҷонро дар ҷисм нигоҳ доштан душвор аст.

Гирди дигар мизҳои дуртар низ танпарварон ҳукмдори инони иштиҳо буданду пайи ҳам луқмаҳоро ба даҳон мебурданд, мехӯрданду мехӯрданд. Шояд дар ин лаҳзаҳо аз дил ҳам мегузаронданд: -Худоё, ё ҷонамонро бигир ё шикамамонро бузургтар бикун. Ростӣ,дар ин лаҳзаҳо садои газидани себу бодиринг, қулт кардани шароб ва хоидани устухон садоҳои нафаскаширо мавҳ мекард.

Овози пасти барандаи радиои бари девор, гоҳо ба шунидани ин садоҳо, ки дар маҷмӯъ садои иштиҳо ном мегирифт, халал мерасонд. Агар атрофро ғайри садои ҷунбиши лабону дандонҳо садои дигаре иҳота намекард, оҳанге ширинтару пурмаънотар аз симфонияи хӯрдан, ки ба фаҳми бисёриҳо оҳанги аслии зиндагист, ба гӯш намерасид.

Хусусан ҳамтабақҳои ҳамон мизи аз ҳама наздик менӯшиданду мехӯрданд ва дам ба дам суръати хӯрданро тезтар карда, сағалҳоро бегӯшт ва анору себу нокро ба пучоқ табдил медоданд. Чандин соғари пур аз шаробро ҳам холӣ карданд. Дар ин пойга аз онҳо гузашта, ба марра расидану ғолиб омадан ниҳоят душвор буд. Вақти расидан ба шишаи навбатӣ майли нӯшбодгӯӣ пайдо карданд. Баъд аз ин на танҳо дар корзори хӯрдан, балки дар минбари сухан ҳам ғолиб шудан мехостанд. Дастак задану овоз баланд кардан аз тан надодан ва сар задани ҷанҷолу хархаша гувоҳӣ медод. Вале зуд-зуд омадану рафтани пешхизматон, ки ҷилваҳояшон ҷилваи нарми мавҷи обро мемонд, оташи хашму ғазабашонро то андозае фурӯ менишонд. Пешхизматҳо бо либоси кӯтоҳу чокдори аврупоӣ, ки аз он пеши қафаси синаву бари ронашон метофт, диққати мизоҷонро ҷалб карда, ҳар гуна баҳсу хархашаро барҳам зада метавонистанд. Онҳо бо мӯи кӯтоҳу рӯи пардоздода ғофилонро мафтун карда, дар дили эшон умеди ба даргоҳи васл роҳ ёфтанро мепарвариданд. Баробари пайдо шуданашон чашмҳо дар панҷаи пилкҳо тоб хӯрда, пешвозашон мегирифтанду гуселашон мекарданд...

Дуртар аз он тоифа дар паси мизе, ки дар рӯяш фақат як чойники чою ду пиёла метофт ва ба қисми чойхонаи бино мансуб буд, ду каси дигар менишастанд. Аз тарзи сухангӯию чеҳраи кордида ва қифҳои пурборашон маълум буд, ки зиёиянд. Онҳо ба суханҳои берабти танпарварон аҳамият надода, гапи худро мезаданд. Вале баъзе вожаҳое, ки баландтар садо медоданд, хоҳу нохоҳ ба гӯшашон расида, риштаи хаёлашонро ба сӯи овоз мекашиданд. Пешхизматҳо дидори онҳоро, ки мизро банд карда, суръати бозори даромадро паст мекарданд, хуш надоштананд. Онҳо низ ба танпарварон,

ки сабабгори дар паси пардаи хоб мондани пардаҳои умеду омол мешуданд ва ғайри фикри даромади ҳамонрӯзаи худ дар сар андешаи дигар надоштанд, бо дидаи нафрат менигаристанд. Сари ин миз ҳам сӯҳбат идома дошт, ду зиёӣ табодули назар менамуданд.

– Хомӯшии аз ҳад зиёд ҳам хуб нест. Хомӯшӣ пешаи мурдагон аст, зинда бояд гап занад, фикру ақидаашро иброз намояд, пешниҳодеро тасдиқ ё инкор кунад. Гоҳ-гоҳ забон баровардан ҳам бадӣ надорад…

– Рост. Ман ҳам дар умри нимасраам садҳо китоб хонда, шабҳоро ба бедорию андешаҳои зиёд рӯз карда бошам ҳам,вале маънии зиндагиро ба қадри зарурӣ нафаҳмидаам. Ҳамин қадар фаҳмидаам, ки маънии фалсафаи зиндагӣ якеро фиреб додани дигаре будааст. Масалан ҳунарманд наът мехонад:-

*Луқмони Ҳаким хонааш хору хас аст,*
*Меҳмони равандаро ҳамин кулба бас аст.*

Ё худ:

*Дунёра ба худ вафо надидем, гузашт,*
*Ангушти пушаймонӣ газидем, гузашт.*

Таъкид мекунад, ки молу зар душман аст, ба дунёи фонӣ дил набандед, вале чашмони худаш ба ҷайби маъракадор аст. Мехоҳад, ки пул ҷамъ карда, ҳарчи зудтар сохтмони хонаашро ба охир расонад, мошини тамғаи хориҷӣ бихарад, истироҳатҷояшро ободтар намояд. Вале барои сайқал додани ҳунар ва афзудани теъдоди сурудҳояш кӯшиш намекунад. Ҳамон панҷ-даҳ суруди дар ҷавонӣ азхудкардаашро маърака ба маърака хонда, пул кор мекунад. Аксари муллоҳо низ роҳи осони зиндагиро пеш гирифта, тан ба заҳмат намедиҳанд. Ба ҷуз азёд кардани чанд ояту ҳадис дигар китобҳои ирфониро варақ намезананд ва аз усулҳои нави қироат ғофил мемонанд. Фақат бо роҳи ҷустани ҳаводори кундзеҳну танидани тори фиреб соҳиби амвол мешаванд. Шароити зисти худро беҳтар мекунанду ҳамсари нав мегиранд.

Ҷавоне ҳам барои ба даст овардани дили нозанине худро ошиқи шайдо хонда, «Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро», «Бе ту як лаҳза зистан марг аст.» - мегӯяд, вале боз мебинӣ,ки зинда аст. Гуфтам- ку,

маънии фалсафаи зиндагӣ ҷуз фиреб додани яке дигареро чизи дигаре нест.

– Ман ба гуфтаи шумо сад андар сад розиям. Саҳнаи зиндагӣ аслан аз маводи макру фиреб сохта шудааст. Савдогар аз тарозу ва бофанда аз тору пуд мезанад.

– Бовар бикун, гоҳо аз ноумедӣ ба ҷон расида, «аз донистан надонистан беҳтар» мегӯям. Доно ки шудӣ, ҳама макру фиребро пай мебарӣ, хиёнаткору ҷосусро аз тарзи нигоҳаш мешиносӣ, сар задани фитнаву ошӯбҳоро пешакӣ эҳсос мекунӣ, неку бадро аз ҳамдигар фарқ менамоӣ ва дар ботлоқи андеша афтода, ба марг рӯ ба рӯ мешавӣ ва дилат аз зиндагӣ мемонад.

– Чӣ илоҷ! Сари роҳи макру фиреб ва дурӯғро гирифтан кори осон нест. Ҳама кору кирдори бад эҷоду офаридаи худи инсон аст. Худованд зидди хислатҳои бад аст, мехоҳад, ки бандагонаш фақат ба роҳи ростию покӣ қадам гузоранд, ба додаҳояш-ақли расо, чашми бинову гӯши шунаво, пои равону дасти гиро шукр карда, дар маҷмӯъ ба қадри тани солим бирасанд. Вале ношукрон баъди даст ба ҳаққи мардум задан ва аз ҳисоби ришва гирифтану андак доро шудан худписанд мегарданд, фукро ба осмони ҳафтум бардошта, заминро намебинанд ва кӯҳ дар назарашон тали коҳ метобад. Дар маъракаҳо шиносону қадрдонҳои деринаро нодида мегузаранд, ҳатто решапайвандони худро суроғ намекунанд.

– Халқ рамаро мемонад, ба ҳар тарафе ,ки гӯянд, рафтан мегирад. Асосгузори ҳама рафторҳои номатлуб худи ҳокимонанд. Чиркиниҳо аз онҳо рӯ зада, ҷомеаро иҳота мекунанд. Ба гуфти Саъдии бузург: «Агар ҳоким аз дарахте меваe барканад, раъият шохаву навдаҳоро меканад» . Сиёсати сарвар дар амалаш таҷассум меёбад. Агар гуфтору кирдораш ба ҳам мувофиқ бошад, нуран ало нур мешавад. Мардум ӯро дӯст медоранд, ба қадраш мерасанд.

– Ҳақ ҷониби туст. Инсон дар кадом муҳите, ки умр ба сар мебарад, ҳамон муҳитро медонад ва то дер дар доираву таъсири он мемонад. Ба ҷараёни зиндагиву сиёсати ҳамон давр ва ба шунидаву дидаҳояш баҳо дода метавонад. Аз байни даҳҳо сарваре, ки дар аҳди мо ба сари

қудрат омаданду рафтаанд, фақат номи чанде аз онҳо ба лавҳаи хотирам мондааст. Ман, ки аз ту солортарам ва парвардаи даврони Иттиҳоди шӯравиам, аз рӯи шунидаҳову хондаҳо Сталинро ҳамчун сиёсатмадори бузург ва доҳии ҳақиқӣ эътироф мекунам. Ба гуфтаи Черчил, Сталин Россияро бо ассо қабул карда, бо бомбаи атомӣ боқӣ гузошт. Солҳои дароз як мамлакати бузургро идора карда, дар ҷанги даҳшатбор марзу буми қаламравашро ҳимоя ва ғалабаи артишро таъмин карда тавонист. Вале дар рӯзи марг аз бисоташ попӯши нав пайдо накарданд. Ҷонсахттарин сарвар ва ба номаш мувофиқ будааст Сталин.

– Андропов ҳам, рӯҳаш шод бод, сарвари андак набуд, дар муддати кӯтоҳи ҳокимӣ табаддулот кард, вале дарёдаркашон ба сиёсаташ тоб наоварда, риштаи умрашро бармаҳал барканданд. Бечора, орзуҳояшро ба хок бурд.

– Косигин ҳам одами хуб ва иқтисодчии бузург буд, низоми нархро дар меъёраш нигоҳ дошта метавонист.

– Таърих фаромӯш намешавад. Заминларзаи Арманистону ашкрезии Николай Рижков ҳаргиз аз ёдам намеравад. Дар он рӯзҳои талх, гӯё ҳеҷ ҳодиса рух надода бошад, Михаил Горбачёв парво надошт.

– Медонӣ, сурати шерозаи сиёҳдоштаи собиқ сарвазир Виктор Чернамирдинро дида, барои аз дунё гузаштани як марди оқилу хирадманд ашки ҳасрат рехтам. Владимир Путинро ҳам барои аз вартаи бесарусомонӣ раҳонидани Россия дӯст медорам.

Шояд баъзеҳо бигӯянд, ки агар Иттиҳоди Шӯравӣ абарқудрат мебуд, магар барҳам мехурд? Дигар аз ин ҳаводорию таассуф чӣ фоида? Сад ҷон биканӣ ҳам, оби рехтаро ҷамъ карда нашавад?! Мо худамон соҳибдавлатем, дигар вобастаи он Иттиҳод набошем. Ин нуқтаи назар хатост. Ватандору миллатдӯсти ҳақиқӣ боз башардӯст ҳам мешавад, бузургони кишварҳои бегонаро ҳам эътироф карда, меҳрашонро дар дили худ ҷой медиҳад. Мисли он ки сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон масъалаи «Об барои ҳаёт» -ро ба оламиён пешниҳод кард. Ҳол он ки худи мо аз ҷиҳати таъмини об

ягон ташвиш надорем. «Бани одам аъзои якдигаранд» гуфтан ҳамин маъниро дорад.

– Ҳайфи Саддом Ҳусейн, ки қурбонии фитнаи Ҷорҷ Буш шуд. Диктатураи кӯҳнаи он кас аз демократияи навини Буш садҳо маротиба хубтар буд. Бо сари баланд ба зери дор рафту сар нафуровард. Баъди марги ӯ Ироқ ба харобазору мотамхона табдил ёфт. Ҳар лаҳза таркиш, ҳар қадам таҳдиди марг. Ҳар рӯз риштаи умри даҳҳо нафари бегуноҳ канда мешавад. Агар нишони гирифтаи ҳамон хабарнигори ҷасур ба ҳадаф мерасид ва аз кафши партофтааш ба сари Буш доғе мемонд, доғи сиёсат муаррифӣ мешуд, ки маънои давоми муборизаҳои ҷабрдидагонро дошт. Партофтанаш ҳам партофтани маводи таркандаро мемонд ва дар худ бедор шудани хуфтагонро таҷассум мекард. Буштинатон метавонанд донишмандони бузургро ҳам ба гирдоби гуноҳи кардаи худ бикашанд. Китоби «Ҳаёт, марг ва бемаргӣ», ки аз қисмати Алберт Эйнштейн ҳикоят мекунад, бозгӯи фитнаҳои ин тоифаи манфур аст. Ихтирои ба хотири таъмини осудагӣ кардаи олимро барои пиёда кардани сиёсати ҷангҷӯёнаи худ дар Херосима ва Нагасаки озмуда, ҳаётро дар он мавзеъҳо ба марг табдил доданд. Баъд аз шунидани ин даҳшат олими бузург гирифтори авзои девонагӣ шуда, оқибат гуноҳкорона оламро падруд гуфт.

– Хонаи фитнакорон бисӯзад. Қариб буд,ки кишвари моро ҳам аз харитаи ҷаҳон нест кунанд. Хушбахтона, Худованд ба сари қудрат сарвари ғамхору дурандеш овард.

– Сарварӣ ҳам кори ҳар кас нест. Бояд сарвар баробари доноӣ ва дасту дили пок доштан боз нотарсу далер бошад, аз мушкилот наҳаросад. Гаправ набошад, дар симои дӯст душманро набинад. Зеро дарбор ҷоест, ки ҳар дарборӣ барои мустаҳкам шудани мавқеи худ муборизаи ошкору ниҳон мебарад, дар дили худ нисбат ба оқилону хирадмандон ҳисси бадбинию кина мепаварад, барои аз дарбор дур шудани онҳо роҳ меҷӯяд. Манфиатҷӯён маърифатҷӯёнро сиёҳ мекунанд. Аксари сарварон бехабар аз ғаразҳо ба тоифаи бадкор бовар карда, бегуноҳонро гирифтори азоби алим мегардонанд. Ҳатто Анушервон ба хабаркашон эътимод баста,

вазири донояш Бузургмеҳрро аввал зиндонӣ, баъди узр напурсидан чоҳнишин кард. Ва боз барои узр хостани вазир надимро назди ӯ фиристод. Вазири хирадманд чунин посух дод:

– Ба шоҳ бигӯй, ки ин чоҳи торик аз даргоҳи шоҳ пурнуртар аст. Баъди ин ҷавоб бо фармони шоҳ Бузургмеҳрро дар тануриоҳанини мехдор, ки меҳҳо бар баданаш мехалиданд, ҷой карданд. Вақте ки фурсати дуруст будани пешгӯиҳои вазири доно расид, шоҳ аз карда пушаймон шуда, барои раҳидан аз вартаи мушкилот боз ба Бузургмеҳри рангаш хазону чашмонаш камнур рӯ овард. Бо маслиҳати вазири доно бо қайсари Рум сулҳ баста, на танҳо кишварашро аз ҳуҷуми лашкари турк эмин нигоҳ дошт, балки қаламравашро дар шарқ то марзи Ҳинду Чин, дар ғарб то кишвари Яман васеътар кард. Як қисми замини ниёгонро аз ихтиёри давлати Рум гирифт. Бо ин ҳама бузургӣ пеши рӯ овардани хатоҳои дар ҳаққи Бузургмеҳр содиркардааш, куштани ду писару ду бародар ва дигар хунрезиҳо осудагиашро барҳам мезаданд.

– Рост, сарварӣ кори ниҳоят сангин аст. Ҳоким хоҳу ноҳоҳ ба фитнаҳои атрофиёни хушомадгӯ ва тамаъҷӯ бовар мекунад. Кайфияту лаззати давлатдориро ҳам дар ҳамин заҳри ширин мебинад. Оё мумкин нест, ки баъди омӯзишу санҷишҳо фақат инсонҳои дурандешу худшинос ба дарбор даъват карда шаванд?

– Ин ҷиҳатҳоро танҳо рӯҳшиносони ҳақҷӯ муайян карда метавонанд. Вале сад афсӯс, ки ҳанӯз дар кишвари мо рӯҳшиносон мавқеъ надоранд. Шояд дарояндаҳои дур ба ин масъала эътибор дода шавад. Масалан, ба шунидам, ростӣ бо чашмони худ нахондаам, дар кишвари Ҷопон ҳам сарварон ва ҳам коргарони оддии ба коргоҳ воридшаванда аввал аз муоинаи рӯҳшиносон мегузаранд. Агар авзои коргаре нохуб маънидод шавад, дастгоҳи он коргарро ба ихтиёри коргари авзояш хуб медиҳанд. Он кас ҳарду дастгоҳро назорат карда, музди иловагӣ мегирад. Ба коргаре, ки аз санҷиш нагузашт, низ имтиёз дода мешавад. Сабаби торафт баланд шудани сифати маҳсулот ва дар бозори ҷаҳон мавқеи мустаҳкам пайдо кардани кишвари Ҷопон низ дар ҳамин аст.

– Инаш бахайр. Дар он ҷо барои сохтани асбобе ё дастгоҳе ба ихтирокорон имтиёзи дарозмуддат дода, барояшон ҳамаи шароитҳои зиндагиро муҳайё мекунанд. Онҳо даҳ-бист сол фақат сари ҳалли масъалаи ихтирои худ андеша карда, оқибат гиреҳи мушкилотро мекушоянд. Дар фурӯши аввал ҳама хароҷотро барзиёд ҷуброн карда, даҳҳо маротиба фоидаи соф мегиранд. Касони аз ин ҷиҳатҳо бехабар дар маъракаҳо беҳуда ҷор зада, сабаби пеш нарафтанро дар суханофарӣ мебинанд ва ба сари шоиру нависанда борони таънаву маломат мерезанд.

– Бо роҳи қалам то куҷо меравем? Бо сухан шикам сер нашавад. Аз ҳазор шеъру суруд як дучарха баровардан беҳтар. Даҳони яке аз ҳамон фитнаҷӯёни танпарварро бастам. Гуфтам, ки шеърашро ман навиштам, чаро ту ба ҷои маърака ба маърака шикам чаронда гаштан домани ягон шуғли дигарро немодорӣ?

– Нагуфтӣ, ки «Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст»? Ва боз ворисони киҳо буданатро ба ёдаш наовардӣ? Таъкид накардӣ, ки таърихро як бори дигар варақ бизанад . Аз ҷаҳонро бе ҷангу бе хун гирифтани ниёгон бохабар шавад. Бидонад, ки ҷавшанашон дафтару ханҷарашон қалам буд. Сарбози зафарёрашон сухани пуралам буд. Тақвими Хайёму муодилаҳои Ал-Хоразмӣ ва фармудаҳои Сино, ки донишмандони ҳамаи давру замонҳо аз онҳо баҳра мебаранд, магар бузургтарин эҷоду ихтироъ нестанд? Баъзе қонунҳои Нютонро ҳам ба Хайём нисбат медиҳанд, ки ба ҳақиқат наздик аст. Оё «Сиёсатнома»-и Низомулмулк пурарзиштарин китоб барои сиёсатмадорон нест? Ҳаст, вале бовар дорам, ки баъзе амирону вазирон вуҷуд доштани чунин китобро намедонанд. Барои исботи бузургии ин миллат боз садҳо мисол овардан мумкин аст. Масалан, дар ҳазор соли бедавлатӣ забону ҳастии худро нигоҳ доштан ва муборизаи қаҳрамононаш барои қисмати фардои миллат магар нишонаҳои бузургӣ нестанд?

Ҳоло дар мамлакатҳои бузург «Маснавии Маънавӣ»-ро мехонанд.Агар ба маъниҳои офаридаи Бедил сарфаҳм мерафтанд, шояд дигар китобро варақ намезаданд.

– Ба кӣ мегӯӣ, гӯши суханшунав куҷо, дидаи эътибор ку? Замони танпарварон расида бошад ҳам, медонам, ки дар роҳу растае, дар гӯшаву манзиле, дар дурии дуре ва ё дар хилватгоҳе дидаҳои назоратгари равшандилоне вуҷуд доранд. Онҳо метавонанд, ки бо неруи дасти фаҳми баландашон занҷири ин лангари дарозафкандаро кашида, дар лаҳзае муҳитро дигар бикунанд. Вале ба рафти ин ҷараён, ки ҳубоб дами мавҷашро гирифта наметавонад, халал расондан намехоҳанд. Медонанд, ки ин дарё рӯзе маҷрои худро меёбад. Ба хотири озодию соҳибистиқлолӣ ва давлатдорӣ, ки орзуи ҳазорсолаи ин қавм буд ва акнун насабашон гаштааст, сабрро пеша карда, интизори рӯзҳои нек мешаванд. Шукр мегӯянд, ки ватан доранд, ҷони осуда дар бадан доранд. Роҳу пул сохта, даргоҳи умед бунёд мекунанд, вайронаҳоро обод мегардонанд, худро аз бастаҳои боқимонда озод месозанд. Ин ҳама барои ихтирову дастовардҳои нав заминаанд, барои расидан ба қуллаи мақсад зинаанд…

Торафт баландтар шудани овозҳои мизи ҳамсоя риштаи сӯҳбати ду зиёиро барканд. Ба теғи чашм ба он сӯ нигаристанд. Гуфтугӯҳо торафт тезу тунд ва ҳолатҳои сархушӣ мураккабтар гашта, ҷаҳишҳову афтишҳо пайдо менамуданд. Хомӯшӣ мақомашро ба фарёд медод. Боқимондаи шишаи дуввумро ҳам ба соғар рехтанд.

– Инашро ҳам мегирем. Вале пеш аз нӯшидан сухани кӯтоҳи туро шунидан мехоҳам.

– Ростӣ, чӣ гуфтанамро намедонам. Фақат як сухани Авиценаро, ки ба фикрам фалсафаи чуқур дорад, ёд овардан ба маврид аст. «Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст» гуфтанаш беҳуда набудагист.

– Исто! Магас гуфта, маро дар назар дорӣ? Худат магас. Таъкид мекунам, ки бо ман шӯхӣ макун, хоки ман аз теппаи баланд аст, ворисӣ одамони бузургам. Маҷбурам, ки аз кадом шаҷара буданамро бигӯям. Не, ҳоло намегӯям.

– Нагӯӣ ҳам, фаҳмидам, ман ҳам аз ҳамон шаҷараам.

– Ҳаминро барвақтар мегуфтӣ, намешуд? Ҳар ду аз як реша будаему ифтихор карданд онҳо ва хостанд, ки аз ҷо бархоста, ҳамдигарро оғӯш бигиранд, натавони-

станд. Дар пояшон мадор намонда буд, фақат даҳон доштанду халос.

Тали пучоқу устухон ва шишаҳои холишуда аз эҷоду ихтирояшон ҳикоят мекард…

## САРҲАДИ ИНСОФ

Талбаки Мурод хаёлан аз нобарории кораш, дар рӯи коғаз мондани нақшааш-умед дошт аз деҳаи матруки мавзеи кӯҳдоман ба таҳдашт об оварад ва ба тани мақсади наҷибаш ҷомаи амал пӯшонад-ғамгин шуда, дар гирдоби дарёи пурталотуми андеша афтод ва роҳи раҳоиро наёфт. Дар ҳаёт ба ин дараҷа азоб кашиданашро ёд надошт. Тамоми умраш дар ҷои беоб гузашта бошад ҳам, дар дарёи ҳақиқӣ оббозӣ карда метавонист. Дарси шиновариро ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ омӯхта буд. Вале дар дарёи хаёл қудрати шиновари надошт, гоҳ рӯ мебаромаду гоҳо таҳ менишаст.

– Чаро дидаву дониста худро ба оғӯши дарёи бесоҳили хаёл зад, ба гирдоби дарёи саволҳои беҷавоб афтод. Соҳилнишинию осудагияш беҳтар набуд? Худаш шоҳу таъбаш вазир, парвои бешу ками дунёро надошт. Ин ҳама аз як хабар,аз як овоза сарчашма гирифт. Ин хабар - хабари соҳибмулк шудани Талбаки Мурод ва ба осоишгоҳ табдил додани анбори кӯҳна буд,ки барқосо ба тамоми гӯшаву канори ноҳия паҳн шуд. Аслан, ин хабар аз марказ ба ноҳия ва баъд ба деҳа расид. Паҳнкунандагони ин хабар-ёрони айёми ҷавонӣ ва ҳамдарсони давраи мактабиаш буданд, ки дар боло, дар вазифаҳои баланд кор мекунанд ва барои хусусӣ гардониданани бинои анбори кӯҳна ба ӯ маслиҳатҳо медодаанд.

Ростӣ, андешаи соҳибмулкӣ дар хаёли Талбаки Мурод набуд. Ӯ ғайри сари вақт гирифтани музди кораш хаёли дигаре дар сар намепарварид. Ҳатто мехост,ки дар як моҳ ду бор маош диҳанд. Гоҳо бо сабаби тангдастӣ маошашро пештар мегирифт ва худро аз идора қарздор мекард. Ҳар тангааш дар ҳисоб буд ва кас бе мушкилӣ барои чӣ сарф шудани онро аз тарзи рӯзгордории ӯ пай мубурд. Манбаи дигари даромадаш аз ҳисоби даъват кардан ба

ҷашну маъракаҳои хонаводагӣ буд, ки бе ӯ намегузашт.Вай барои рафтан ба ҳар ҷо маблағ надошт. Маъракадорони аз вазъ бохабар роҳкирояшро медоданд. Зиёд диҳанд, намегирад. Дар назди ёрону қадрдонҳои сарватмандаш мӯттаҳам будан намехост. Онҳоро ҳушдор мекард, ки мабодо додани роҳкиро фаромӯш кунанд?!

– Не, не, магар туро фаромӯш карда мешавад? Осуда бош.

Баъди шунидани ин суханҳои дар назар эътиборолуду эҳтиромомез лаҳзае вуҷуди Талбаки Муродро ҳиссиёти гуворое фаро мегирад ва чеҳраи анорrангаш сурхтар гашта, худро дар олами қаноатмандӣ ва шукргузорӣ мебинад. Вале баъди андак тори бурдашро аз нав ба тарафи пуди нангу номуси худ мекашад. «Ман кӯдак нестам,ки алла гӯянд, бихобам. Маънии эътиқоду эҳтиромро хуб медонам. Ҳис мекунам, ки онҳо роҳи дигар надоранд, маҷбуранд, ки ҳурматамро ба ҷо оранд.Ин корро барои овоз баланд накардани ман мекунанд. Дасти дарози нопокашон забонашонро кӯтоҳ кардааст. Тарс балои ҷон, аз тарси дар ҳаққашон носазо нагуфтан маро бологузар мекунанд. Дар асл дидани рӯи мани тундгӯро хуш надоранд. Вале ман ҳам хом нестам, фирефтаи эҳтироми дурӯғин нашуда, гоҳо нешашон мезанам. Ман аз он тоифа не, аз худам миннатдорам»-ба хулосаи баровардааш нуқта мегузорад Талбаки Мурод.

Воқеан ҳам Талбаки Мурод одами як деҳа нест. Ӯро дар ҳама ҷо мешиносанд. Вазифаи баланд ҳам надошта бошад,мавқею обрӯ дорад, номаш ба мардум ошнотар аст. Ин ҳам нишонаи бахту иқболи баланд аст.

Худованд ҳар касро ба ҳар ранг медиҳад.Яке бо мартабаву вазифа, дигаре бо дорой, сеюмӣ бо киштзору боғаш,чаҳорумин бо устоди касби худ будан маълуму машҳур аст. Вале Талбаки Муродро хушгӯиву ҳозирҷавобӣ, қиссабофӣ, дар ҳолати зарурӣ дурӯғро ба росту ростро ба дурӯғ табдил додан ва аз ҳама муҳимадлу инсофаш овозадор кардааст.Ҳангоми ҳикоя кардани ягон рӯйдод аз худ иловаҳое мекунад, ки даҳони шунаванда воз мемонад. Як хислати дигари Талбаки Мурод ин аст,ки дар ҳолати зарурӣ хоҳиши ҳозиринро, хоҳ шинос

бошад, хоҳ ношинос, ба инобат нагирифта, мисли қиморбозон онҳоро ба сӯҳбат ҳамроҳ мекунад.

– Аз рӯи инсоф бигӯ, оё ман ноҳаққам? Магар ҳамин тавр нест?-қураи нигоҳи эътибораш ба ҳар касе, ки афтад, ҳамон бечораро тасдиқгар муаррифӣ мекунад.

Боре дар як ҷамъомад хабарнигори шиносеро дида:-Нависанда,наздиктар биё, худат нисбати ҳамин масъала чӣ андеша дорӣ,-гуфта, ӯро ба ҳалқаи ҳамсӯҳбатонаш кашид. Ӯ,ки аз асли мақсад воқиф набуд,-Нафаҳмидам?-гуфт.

– Чӣ фаҳмидан дорад гапҳои бозору мазор.Маънияш харидану бурдану хӯрдан ва оқибаташ мурдан аст.Дар ин ҷо ягон кашфиёту қитъакушоӣ нест. Агар нависанда бошӣ,ҳақиқати ҳолро бинавис.

Хусусӣ кардани анбори кӯҳна ҳам аз як шӯхии рафиқона пайдо шуд. Ба дӯстони мансабдораш гуфт,ки чанбари замон дар дасти шумо, ҳокимони давр аст. Хоҳед ба пеши аспон устухону ба назди сагон алаф мегузоред. Хулоса, шумо пулдору унвондори замон шудеду ман асли қадимӣ мондам. Ғайри нишони аълочии соҳа дигар мукофот надорам. Шояд хизмати ба ватан кардаам ба гирифтани ному унвони баланд наарзад. Бо вуҷуди ин аз бахшишҳои давр ноумед нестам. Ақаллан бинои анбори кӯҳнаи хоҷагиро ба номам мемонданд, дигар ормон надоштам. Тани ин орзу бе дасти мадади шумо ҷомаи амал намепӯшад. Ҳарчанд анбор ба хусусӣ гардондан намеарзад, дар ҳолати харобӣ қарор дорад. Ҳар шифераш ҷигари лахт-лахтро мемонад ва қариб ба асли хеш-ба кӯҳнаматоъ мубаддал гаштааст. Бовар дорам,ки касе онро намехарад. Баъди ду-се сол аз он асар намемонад. Ҳоло вақт аст, ки фармони ба номи Талбаки Мурод гузоштанро бароранд.

– Пешниҳоди бад не, вале як мушкилот дорад. Чӣ хел фаҳмонем, ки миннат нашавад. Мо аз ту ёриро дареғ намедорем. Хоҳӣ, мадади моддӣ мерасонем, фарзандонатро ба дилхоҳ донишгоҳ дохил мекунем, вале барои иҷрои ин хоҳишат дастамон кӯтоҳӣ мекунад. Зеро номгузорӣ дастаи тасдиқгари худро дорад, ки номҷӯро аз ғалбер мегузаронад. Беҳтараш мардумро овора накарда, анборро хусусӣ гардон. Амвол аз худат, ки шуд, ҳуҷҷати қонунӣ

номатро вирди забони пиру ҷавон мегардонад. Ин роҳи ягонаи номдор шудан аст,-маслиҳат доданд шиносони мансабдор.

– Маслиҳати хуб, андеша мекунам,,-гуфт Талбаки Мурод. Вале ҳарфи хонои нигоҳ ва ҷумлаи хати ҷабинаш ифодагари давоми ҷавоби пешниҳоду таҳлили рӯзгори минбаъда буданд. Зеро дар он як лаҳзаи хомӯшӣ аз роҳи андешаи Талбаки Мурод корвони фарёдҳо гузашт. Ин овозҳои маҳрум аз ширини монанд ба садои товус фарёдҳои замон буданд, ки ба тори асабаш таъсир карда, осудагияшро барҳам мезаданд. Теъдоди сарбозони лашкари хашму ғазабашро зиёд карда, ӯро ба мубориза даъват менамуданд.Бо ин мақсад бар зидди мардумфиребон нақшаҳои ҳуҷум кашида, боз аз райъаш мегашт. Пеши роҳи ҳуҷумашро лашкари хотири ҳамдарсони дерина, ки муҳофизони сарҳаду ватани хотираҳо буданд, мегирифтанд. Чӣ кунад, ки хотирбинӣ одати деринаи ин миллати дилсӯз аст.

Баъди ин гуфтугӯи худ ба худ Талбаки Мурод ба хусусикунии анбори кӯҳна розӣ шуд ва худро хаёлан қатори соҳибмулкон дид. Вале ҳанӯз ҳам дар як кунҷи сараш хаёли андӯҳомезе гардиш мекарду ӯро нороҳат месохт. Оқибати ин пешниҳод ақибнишинӣ, мағлубшавӣ, гап нагардондану гуфтаҳои гурӯҳи хоинпешаро тасдиқ кардан буд. Талбаки Мурод тоби чунин беномусиро надорад. Мирад ҳам, рост мемирад. Онҳо ҳоло ҳам Талбаки Муродро хуб намедонанд. Боло гузаштану худро гули сари сабади маҳфилу маҷлисҳо дидан баъди хусусӣ гардондани анбори кӯҳна сар мешаванд.

Талбаки Мурод барои соҳибмулки ҳақиқӣ шудан пешакӣ нақша кашид ва барои дар чашми мардум натофтан як рӯзи истироҳат рафта, анбори вайронаро дид. Дарозии бино ва барашро бо қадам чен кард. Онро хаёлан ба се ҳисса тақсим карда, аз байн ду девор бардошт ва андозаи айвонро муайян намуд. Баъди тарҳ кардани паҳнии деворҳои мобайн дар як қатор ду ҳуҷраи калони дукатаи рӯ ба рӯ ва айвондорро дид. Дар ду қатор 18 ҳуҷра ҷойгир буд. Баландии биноро ба ду тақсим карда, бинои якошёнаро ба дуошёна табдил дод. Якбора теъдоди

ҳуҷраҳо ба 36 адад ва истироҳаткунандагон дар як навбат ба 72 кас расид. Хурсанд шуд ва аз дил гузаронд: «Беҳтарин истироҳатгоҳ, ба хусусӣ кардан меарзад, аз хароҷоташ даҳҳо маротиба зиёд фоида меорад».

– Шарт аст, ки барои тасдиқи як ҳуҷҷат ба сад дар сар халонӣ? Даст пеши бар бигирӣ, зорӣ бикунӣ, худро бечораву муттаҳам пиндорӣ. Беҳтараш биноро канда, масолеҳашро фурӯш. Шояд фоидаи кандану фурӯхтан аз бунёд кардани истироҳатгоҳ кам набошад,-васваса кард шайтон ва лаҳзае ҳамон бадомафтодаро маҷбур намуд, ки чанд тахтаву фанери пӯсидаро канда, тагашро бубинад ва ҷӣ доштанашро аниқ муайян намояд. Бо ин мақсад ба душворӣ худро ба бом гирифт, қариб сарозер афтода буд. Агар меафтод, мемурд ва ормони соҳибмулкиро ба хок мебурд, ё ки миёну пову дасташ мешикаст ва тифли орзуяш шаҳид мегашт. Хайрият наафтод, Худо мадад кард. Дар таҳи бомпӯши пӯсида болорҳои оҳанинро дид. Барои ба чашми ҳасудон натофтан зуд ҷои кушодаашро аз нав пӯшонд ва ба ҳисобу китоб даромад.Оҳанҳои ғафсу дароз талабгорони зиёд доранд, бо нархи гарон харидорӣ мешаванд. Агар яклухт фурӯшад даҳ баробар, дона-дона фурӯшад, сенздаҳ баробар фоида ба даст меорад. Хаёлан баъди фурӯхтан, марди як умр пиёда, дар рӯи ҳавлиаш мошини нави сабукравро дид. Аз замини бари деҳа қитъаеро харид. Ва аз дил гузаронд:-Зиндагӣ дар ин ҷо будааст мо дар кадом сайёраи дигар бо маоши ночиз як моҳи умра беҳуда мегузаронидаем. Ва баъди андаке хароҷоти кандани бино ба ёдаш омад. Барои ин маблағи зиёд сарф мешавад. Ман ин миқдор пул надорам. Бепул суханат асар надорад, касе саломатро алек намегирад, ягон корат пеш намеравад. Воқеан, кам касон аз ҳисоби худашон иморатҳои пуршукӯҳ месозанд. Онҳое, ки зуд доро мешаванд, бешубҳа, даст ба ҷайби халқу давлат мезананд. Ман беқарз коре карда наметавонам. Истироҳатгоҳ сохтанам ҳам гапи беҳуда аст. Як шухӣ карда, дар бало мондам. Роҳи пас гаштан нест. Хонаамро гарав монда, аз бонк қарз мегирам. Қарздеҳон ҳам бетамаъ коратро буд намекунанд. Боз дар чоҳи қарз афтода, аз хонаву дарам ҳам намонам? Не, фурӯхтани оҳанҳо ҳамаашро ҷуброн ме-

кунад, фоида ҳам мемонад. Баъди вайрон кардани бино ва фурӯхтани масолеҳ мабодо барои мақсаднок истифода набурдани анбор тафтиш кунанд, чӣ ҷавоб медиҳам? Фоидаи гирифтаам сарфи ин кор мешавад ва ба ман танҳо бадномӣ мемонад. Шояд забони тафтишгарро ҳам биёбам, зеро аксари тафтишгарон одамони худӣ, бобоёну падарони раҳматиашонро медонам. Мегӯям, ки қиблагоҳи азизатонро дар хоб дидам. Аввал муносибати ману шуморо пурсон шуданд. Гуфтанд, ки хабари хусусӣ гардонидани анбори кӯҳна ба мо ҳам расид, муборак бошад, ин амали нек лоиқи дастгирист. Обод кардан кори савоб аст. Хусусан ба мардуми мо, ки заҳмат кашиданро баду рӯ ба раҳми Худо истодану хоб карданро дӯст медоранд, ҳар қадар истироҳатгоҳ бошад, кам аст. Камбизоативу пеш нарафтанашон аз ҳисоби бо умеди ёрии башардӯстона зистан аст. Падаратон таъкид карданд, ки аз ҳад нагузаронад. Роҳи тамаъро пеш нагирад. Рӯдаи ҳаромашро аз ҳисоби луқмаи ҳалоли дигарон пур накунад. Фаҳмон, ки оқибати ҷабру ситам инқилоб аст…

Ногаҳ қуввае риштаи хаёлашро ба дигар сӯ кашид. Ноумед шудан лозим нест. Ҷанг бе қурбонӣ намешавад. Ба корзор ки даромадӣ, пешомадатро фикр намекунӣ. Ғолиб, ки шудӣ, озоду сарбаланд мегардӣ, мағлуб, ки шудӣ, сарпасту занҷирбанд мегардӣ. Фалсафаи зиндагӣ ҳамин аст.

Талбаки Мурод дигар таъхир накарда, хаёлан дар як лаҳза тамоми ҳуҷҷатҳои лозимиро омода карда, имзоҳои муборакро гирифт ва билохир ба рӯйхати соҳибмулкони мамлакат дохил гардид. Ин хабарро мардуми бекор ҳар хел баҳо медоданд.

«Агар ҳамин анбори кӯҳнаро ба осоишгоҳ, ба як ҷои зебо табдил дода тавонад, нонаш ҳалол, номаш дар тоърих мемонад».

«Худо қувваташ диҳад, орзуяш ҷомаи амал пӯшад».

«Ман ба сафедии субҳи козиб бовар дораму ба амалӣ гаштани нақшаҳои Талбаки Мурод не. Аз дасташ хоки мазор ҳам намеояд».

«Пеши раҳи мардакро, ки ғайрат дораду мехоҳад ба кори хайр даст занад, гирифтан хуб нест. Агар дар

вақташ ту барин хӯрдагирон ба майдон баромада, кӯчонидани мазори кӯҳнаро бадбахтӣ маънидод намекарданд, Роғун бунёд мешуд».

«Роғун ба ин баҳси мо чӣ муносибат дорад? Дар асри бисту як коҳи кӯҳнаи асри бистро бод кардан камоли хирадмандӣ нест. Ба гузашта салавот мегӯянд»

«Талбаки Мурод шиноси деринаи ман аст. Ҳамдарсаш будам, ҳамроҳаш аз бешаву пушта ҳезуму хас, аз чашма об ва аз таҳдашт коҳ кашидаам. Феълу фаҳму фаросаташро аз ҳама хуб медонам. Девонаи ба кори худ ҳушёр аст. Дар сабру тоқат касе ба ӯ баробар намешавад. Омӯзишгоҳи чорсоларо дар бисту шаш сол хатм карда,унвони «Аълочии савдо» гирифт».

«Мардак, оҳиста-оҳиста хонда, мағзи илмро азхуд карда, соҳиби унвон гардидааст. Мегӯянд, ки бобоҳоямон барои сазовори мартабаи домулло шудан дар мадрасаҳои Бухоро бисту панҷ сол таҳсил мекардаанд. Баъзе ҷонсахташон чиҳил соли умрашонро ба таҳсил мебахшидаанд. Ҳоло бошад, зиёди зиёд ҳафт сол мехонанд. Илм ҳам баҳри беканор аст, ҳафт солу даҳ сол хондан дар соҳили об гардиш кардани оббозро мемонад»…

Вақте ки ба гӯши Талбаки Мурод таънаи дар як омӯзишгоҳ бисту шаш сол таҳсил карданаш мерасид, таъкид мекард, ки муболиға накунанд, дурӯғ нагӯянд, дурӯғгуӣ торикии имон аст. Ман омӯзишгоҳи чаҳорсоларо дар бисту шаш сол не, дар бисту се сол хатм кардам. Шояд бигӯянд:- Чи фарқ дорад, бесту се ё бистушашаш?

– Фарқ дорад. Дар ин муддат, агар хонадор мешудам, соҳиби ду-се фарзанд мегаштам, ҷавонтар мебудам, хизмати ҳарбиро адо мекардам, сайёҳ мебудам, ними ҷаҳонро мепаймудам. Се соли умри маро кӣ ҷуброн мекунад? Метавонам тӯҳматгаронро ба додгоҳ кашам. Агар осудагӣ хоҳанд, бояд низоми одобро риоя бикунанд, дар ҳаққи ман тӯҳмат накунанд, аз ҳад нагузаронанд. Дарё ки пур шуд, хоҳу нохоҳ аз ягон гӯшаи соҳилаш лаб мезанад…

Талбаки Мурод рағми таънаву ишораҳо роҳи хусусӣ гардондонидани анбори кӯҳнаи хоҷагиро ёфт. Хаёлан

соҳиби ҳуҷҷати қонунӣ (сертификат) шуд. Баъди ин каллаи калонаш калонтар, пешонии тангаш васеътар, торҳои бурутҳову абрӯвонаш ғафстар, бинии паҳнаш паҳнтар, дандонҳои калони оҳанини зардрангаш калони тиллоӣ ва чеҳраи сурхи зардомезаш сурхтар намуданд. Хулоса, соҳибмулкӣ ба ӯ шукӯҳу шаҳомат бахшид. Ӯро шинохта намешуд. Акнун анбори калонро дар ихтиёр дошт. Вале бардоштани девору ба ҳуҷраҳо тақсим кардан ва ба истироҳатгоҳ табдил доданро масъалаи дуюм шумурд. Кашидани хати обу бунёди боғу сохтани ҳавзи моҳипарварӣ дар ҷои аввал меистод. Пеш аз харидани қубур роҳи чашмаи деҳаи матрукро пеш гирифт. Ба сари чашма расид ва гирду атрофро аз назар гузаронд. Баъд бо дасташ ишораҳо кард.Даҳмардае, ки андак дуртар, дар бари пуштаи сабзпӯш якпаҳлӯ зада, чаридани даҳҳо бузу гӯсфанд ва гову гӯсоларо назорат мекард, ин ишораро ба худ нисбат дода, аз ҷо бархост ва ҷониби чашма омад.

Алаф имсол хеле баланд шуда буд, дар баъзе ҷойҳо зонуро мепӯшонд. Аслан хоки намдори ин мавзеи дилрабо бе бориши зиёд ҳам гулу гиёҳро то дер сабзранг нигоҳ медорад. Солҳои пеш дар ин ҷо баъди даравидани ҳосили ғалла кишти такрорӣ мегузарониданд. Лубиёву полезӣ зуд сабзида, ҳосили хуб медоданд. Хусусан тарбузу харбузаи лалмиаш дар ширинӣ ҳамто надошт. Ҳоло ин мавзеъ ба чарогоҳ табдил ёфтааст. То наздик шудани даҳмарда нури нигоҳи Талбаки Мурод аз пеши мижгон то ҷои чашмрас сайр карда, чандин маротиба дар хандаққо пешпо хӯрд ва аз дил гузаронд, ки ин хандаққо худ аз худ пайдо нашудаанд. Солҳои пеш дар ин мавзеъ ғайри хати реша, ки барои нигоҳ доштани мустаҳкамии замин ва муҳофизат аз боронҳои сахт ёдгоре аз гузаштагони дурандеш монда буд, тарҳи дигаре ба назар намерасид. Хатҳо ва хандақҳои нав нишонаи амали кӯтоҳандешони солҳои охиранд ва барои кандашавии теппаҳо заминаанд. Пайдост, ки ин пуштаҳои серҳосилро иҷора гирифта, ба чарогоҳ табдил додаанд. Чашма ҳам дар ҳалқаи яке аз пуштаҳои хандақпеч афтодааст. Шояд чашмаро ҳам хусусӣ кардаанд? Ин ҷо расида буд, ки даҳмарда дасташро барои салом дароз кард.

– Сафарҳо ба хайр. Мегӯм, ки ҳамсояи Файзулло нестӣ?

– Шинохтӣ, хотираат мустаҳкам будааст. Ман ҳам туро дар рӯзи маъракааш дида будам, гов оварда будӣ.

– Офарин! Ман ҳам хато накардам, ту ҳам. Кори мо ба калонҳо хизмат кардан. Гов ки набарӣ, говатро дар чарогоҳ чарондан намемонанд. Хайр, майлаш, бало ба паси ҳамаи ин корҳо, беҳтараш гапи худамонро бизанем. Мегӯм, ки ҳеҷ мушоҳида кардаӣ, ки солҳои охир шумораи бузхӯр бисёр шудааст.Ҳар рӯз бузхарӣ меоянд. Харидор бошед, серкаи хуб дорам.

– Ман харидор нестам. Мехоҳам як ҳиссаи ҳамин оби чашмаро то анборам бубарам. Боғ бунёд кунам, ҳавз сохта, моҳӣ парварам.

– Мебахшед, ман ҳам ба хотири ҳамин чашма кӯҳу пуштаро маскан гирифтаам ва хӯҷаинамро аз ҳосили меҳнатам бенаво намемононам. Чандин касон мехостанд, ки ин чашмаро соҳибӣ кунанд, натавонистанд. Зӯрашон нарасид, ноумед шуда рафтанд.

– Подаи мардум дар куҷо мечарад ва аз куҷо об мехӯрад?

– Намедонам. Онҳое, ки пештар гову гӯсола доштанд, чорпошонро ба чарогоҳи ҳу, ана он баландкӯҳ мебурданд. Ҳоло намебаранд. Ба фикрам, баъди ба иҷора додани он пуштаҳо мардум чарогоҳ наёфта, молашонро фурӯхтанд.

– Наход барои манфиати як кас шуда, дигароноро…

– Ҳоло замони фикри дигарон кардан нест. Ҳар касу дави аспаш. Зӯрӣ- мебурӣ, нотавонӣ- мемурӣ. Маслиҳати ман ҳамин, ки худои худатро гуфта бигард. Хоҳӣ, ки забони сурхат сари сабзатро барбод надиҳад, ба ҳар ош қатиқ нашав.

Талбаки Мурод аз ишораҳо кӣ будани пуштибони даҳмардаро фаҳмид. Шиносҳои зӯрашро ҳам дар нисбати он зӯр нотавон дид. Барои ҳамин дар ин хусус сӯҳбатро идома додан нахост. Дарк намуд, ки масъалаи кашидани хати об роҳи ҳал надорад. Дигар дар бобати бунёди боғу сохтани ҳавзи моҳипарварӣ ҳоҷати андеша нест. Ҳоло ин даҳмарда ҳокими кӯҳу пушта мебошад. Хоҳад садҳо Талбаки ҷонканро дар ҷо мешинонад. Талбаки Мурод, ки то ин вақт худро шери замон мехонд, барор нагирифтани корашро ҳис карда, бори ди-

гар ба афту андоми даҳмарда нигариста, аз дил гузаронд:- Боми сипеҳр, ки боми умеди тамоми оламиён аст, бо ҳама шукӯҳу шаҳомат бесутун аст. Вале дар зери дастори гунбазмонанди ин марди дуруштрӯй танест, ки сутунро ба хотир оварда, аз такягоҳ доштанаш гувоҳӣ медиҳад.

Бори ноумедӣ ба дӯши дилам гаронӣ кард ва ӯ бо қадамҳои ноустувор ба роҳи омадааш баргашт. Пояш пеш нарафт. Ноилоҷ дар бари роҳ, ки баландии теппа дар он ҷо ба охир мерасид, лаҳзае амонат нишаст ва аз ҳамон баландӣ ба таҳдашт, ки чун кафи даст метофт, нигоҳ кард. Аз рӯи ранги бомпӯшҳо ошхонаву тарабхона, заводу фабрика ва дигар ширкатҳои шинос ва ба киҳо тааллуқ доштанашонро муайян кард. Дар ин миён биноҳои мактабу театр, хонаи фарҳанг ва боз чанд иншооти дигарро дид, ки ҳанӯз моли давлат буданд. Дастаи нури нигоҳаш ба тарафи майдонҳои шафати ноҳия ва дуртар аз он рафта, чеҳраҳои соҳибонашонро пеши рӯяш овард. Аксари ин корхонаҳо баъди хусусӣ гардондан фаъолият надоранд. Майдонҳои доманпаҳн низ холӣ аз зироатанд. Қитъаҳои зиёди ҳосилхезро барои рӯзи мабодо гирифта, на худ баҳра мебаранд ва на ба ҳоҷатманде медиҳанд. Заминро истифода набурдан гуноҳи азим аст. Дарди дилатро ба кӣ мегӯӣ? Бигӯӣ ҳам, гапат намегузарад. Оқибаташ ба хайр шавад. Вале ин тӯда: «То табар меояд, кунда меосояд»-ро шиори худ карда, парвои фардо надоранд. Ин муҳит-ин шаҳри якчашмаҳо маро ҳам водор мекунад, ки якчашма бошам. Бояд мақоли «бел ба равиши об»-ро панди рӯзгори худ намоям. Не, не, боз мегӯям, ки ман бори ташвиши беҳударо кашидаву либоси шӯҳрати ғуборолударо пӯшида наметавонам. Ба гуфти мардум, дар як омӯзишгоҳ бисту шаш сол таҳсил карда бошам ҳам, аз доираи сарҳади инсоф берун набаромадаам. Бе ҳамон анбори кӯҳна ҳам бисту шаш соли таҳсил номамро дар лавҳаи ёдҳо ва саҳифаи таърихи диёр сабт мегардонад –гуфта, Талбаки Мурод сабук аз ҷой бархест…

# ИМТИЁЗ

Амини Зуҳур, ки бо қомати баланду каллаи калон, рӯи гирди кунҷитакдору лабони кӯтоҳи ғафс ва чашмони бумию шикамии дам ғули ҳақиқиро мемонд, ғавғокунон аз роҳи калон гузашта, ба тангкӯча даромад.Дар даст химчаву санг дошт, бисёр хашмгин менамуд.

«Гургро дуру майдонро холӣ дида, ба замини ман наздик шудаӣ, ҳа. Хоки заминат накунам, намемонам.Ҳоло ба собуни ман ҷома нашустаӣ»- гуфта, ба касе таҳдид мекард..Ҳолдонҳо медонистанд, ки ӯ киро дар назар дорад. Яку якбора аз ғурбат ба сангпартоӣ гузашта, саги газандаи амаки Давронро аз хоб бедор кард. Мурғи кутзани холаи Меҳрубонро ҳам ба санг зад. Як санги хаторафта шишаи тирезаи хонаи амаки Мансурро пора-пора кард.Зану бачааш берун баромада, баробари дидани Амин-амак бозпас ба хона даромаданд. Баъд чашмаш ба кӯдаки шиносе, шояд ошнои наберааш буд, афтод: «боз ту аз куҷо пайдо шудӣ, саги дайду, гум шав аз назарам» гуфт ва андак аз паси кӯдак давид. Кӯдак додгӯён гурехта, зуд аз назар пинҳон шуд.

Амини Зуҳур тез-тез қадам гузошта, дар як мижа задан худро дар паси девори хонааш гирифт.

Ҳамсояи деринааш бобои Оқил ғавғои ӯро шунида, даступо хӯрд. Фурсат тангӣ кард, имкон наёфт, ки белро пинҳон кунад. Алаккай дуртар аз худ Аминро дид, ки лабонаш бозӣ доранд.

– Дар назди ҳотаи ман чи кор мекунӣ, дигар ҷои гардиш наёфтӣ ?- ба сари бобои Оқил дод зад Амин.

– Мехоҳам, ки ҳамин гӯшаи хушкидаро сарсабз намоям,

заминро нарм карда каду корам.

– Ман бисёр чиҳо хостанатро медонам. Дами иштиҳоятро набанданд, оламро фурӯ мебарӣ, ранги каду ҳама ҷоро иҳота кардан мехоҳӣ, вале ба мақсад намерасӣ. Агар як навдаи кадуятро дар замини ҳотаам бубинам, тамоми кадуҳоятро аз реша меканам, фаҳмидӣ? Бо баҳонаи кадукорӣ хандақ наканӣ?

– Не, не, Аминбой, ман беақл нестам, ки аз роҳи нишондодаи ту як қадам берун бароям. Бе розигии ту на хандақ меканаму на девор мебандам.

– Кӣ розӣ мешавад, ман? Девор мебандӣ? Номаъқул кардӣ, белатро гирифта, зуд аз назди ҳотаи ман бирав.

Амин пеш аз рафтан як маротибаи дигар химчаашро ба замин зада, санги дасташро ба қитъаи нармкарда партофт. Гӯё таъкид мекард: «Дар ин гузар гапи ман қонун аст. Агар дар ин ҷо каду шинонӣ, кадуи хӯрдагиятро аз патаки биниат мебарорам.»

Баъди рафтани Амин мӯйсафед санги партофтаи ӯро аз замин бардошта, ба сӯе ҳаво дод ва аз дил оҳи сард кашид.

– -Садқаи номи Амин шавад, раҳмат ба падари касе, ки ба ӯ тахаллуси «нотинҷ » додааст. Хулқу рафтораш ба тахаллусаш бисёр мувофиқ аст. Амин ҷони ширини маро ба лаб овардааст. Намемонад, ки дар рӯи ҳавлии худам осуда қадам гузорам. Аз боло ҳазар, фалокат аз таги по мехезад. Бо ин ҳамсояи бадфеъли як дам ба ху-ду як дам бехуд чи кор кунам, намедонам.Бо ин девона чи ҳам мекунӣ? Ба сараш мушт бардорам нашавад.Гапаш қонун аст, имтиёз дорад.Аз бинӣ боло гап занӣ, дар бало мемонӣ, борони сангу кулӯхро ба сарат мерезад.

Боре набераи хабаргиру кунҷковаш Соҳиб баъди таҳдиди Амин-амак ба бобо суол дод:-Бобоҷон, чаро аз Амин-амак метарсед? Он кас дар даст сангу химча дораду шумо бел.

– Худо аз ҳамсояи бад нигоҳ дорад. Амин-амакат одами хуб нест. Ба бемори рӯҳӣ доштанаш шубҳа дорам. Дошта бошад ҳам, дараҷаи бемориаш ба он рақаме, ки худро вонамуд мекунад, намерасад. Девона бошад ҳам, ба кори худ ҳушёр. Дар ҳузури зану бачаҳояш нисбатан ором аст. Дар назди бегонагон гӯё тори асабаш бори гапи вазнинро намебардорад, ғавғо мекунад. Ба фикрам, ин усулро барои ҳимояи манфиати худ истифода бурда, гоҳо аз ҳад мегузаронад. Ин ҳолати ӯро дида, марди оқилу дурандеш барои ҳифзи шаъну шараф ва нарехтани обрӯи худ маҷбур мешавад, ки хомӯширо ихтиёр намояд.Ту ҳам кӯшиш бикун, ки дар чашми ҳамон ғул натобӣ. Зеро

девонагӣ аз нимҳушёрӣ беҳтар аст.Девонаи силоҳдор ҳам, аз санги дасти тифлон метарсад. Вале одами нимҳушёру марди асабаш хароб аз балову офат наметарсад. Амин, ба фикрам, аз тоифаи дуюмаш аст.

Набера аз саволи додааш пушаймон гашта, ба чидани аҷириқҳои ба рӯи хок баровардаи бобояш машғул шуд. Мӯйсафед дар симои давоми умраш, ки акнун кӯдаки хурд нест, дувоздаҳсола аст, ақлаш ба бисёр корҳо мерасад, соҳиби ин даргоҳу ин қаламравро дида, дилпур мегашт.

Вақте ки ба ин манзил кӯч бастанд, набера надошт. Дертар, дар миёнаумрӣ соҳиби зану фарзанд шуд. Фарзанди калониаш дар донишгоҳ таҳсил мекард, муҷаррад буд. Ҳамон рӯзе ки шастсолагиашро дар хонаи пешинааш ҷашн мегирифтанд, набераи аввалинаш ба дунё омад. Баъдтар ба нақша афтодани манзилашонро ба эътибор гирифта, дар ҳамин гӯшаи шаҳр ҷояшон доданд ва дар таҳҷои хонаи кӯҳнаашон корхонаи нав сохтанд. Онҳо кӯчидан намехостанд, хонаашон бо вуҷуди намуди зебо надоштан дар марказ буд, аз обу барқу газ азоб намекашиданд. Вале баъди фаҳмидани мақсади наҷиби ҳукуматдорон, ки манфиати халқу ватанро ифода мекард, бе саркашӣ ба кӯчидан розӣ шуданд.

Мӯйсафед дар он айём, ки тобистони фасли умраш ҳисоб мешуд, ҳанӯз тоби бардоштани бори гарон дошт. Зӯри бозуяш имкон медод, ки хонаи барҳаво созад. Ба ӯ ва Амин дар як рӯз аз ҳамвории бари теппа замин доданд. Қитъаи берун аз нақша ҳам, ки дар он ҷо хона сохтан номумкин буд ва танҳо барои бунёди боғ мувофиқат мекард, дар ихтиёрашон афтод. Хост, ки як қисми ками ҳамон қитъаро обод кунад. Ҳанӯз ниҳоли аввалинро нашинонда, дар рӯ ба рӯяш Аминро дид.

– Дар замини ман чи кор мекунӣ? Шаҳрро бедарвозаю дунёро бесоҳиб гумон кардаӣ? Ман фақат ба хотири ҳамин қитъа аз бари теппа ҷо гирифтам ва ҳамсояи ту шудам. Зуд бору бандатро аз ин ҷо бардор. Агар ба хубӣ наравию нияти ҷанг кардан дошта бошӣ, ман ҳам ба ҷанг омодаам.

– Медонам, ки тамоми ҷанги ҷаҳон барои гирифтани як пора замини кишвари бегона аст.Вале маро аз ҷанг

натарсон, аз фашист, ки натарсидам, аз ту метарсам? Ёфтӣ тарсончакатро. То Олмон ҷангида, сари садҳо немисро барбод додам, парчамро дар Рехстаг задам. Ту бигӯ, ки бо ин баҳодурӣ дар кадом майдон ҷангидаӣ, маҷрӯҳи гурӯҳи чандумӣ?

Амин ба суханони ҳамсояи наваш сарфаҳм нарафта, якбора дод зад:

– Ту худат кӣ ҳастӣ, ки дафтари аъмоли маро варақ мезанӣ, гузаштаи маро донистан мехоҳӣ? Маро ҷосус ё гуреза гумон мекунӣ? Мехоҳӣ, ки сари маро ҳам барбод бидиҳӣ? Не, наметавонӣ, зӯри милиса ҳам ба ман намерасад. Фаҳмида мон, ки ман аз гурӯҳи якумам, чандум нестам,- гуфта, худро якбора ба замин партофт Амин ва лабонашро ҷунбонда, чашмонашро пӯшид. Ҳамсоя аз тарс аввал гӯшҳои ӯро молид ва баъд гӯш ба қафаси синааш гузошта, фарёд кард, ки зуд об биёранд. Баъди ба рӯяш об пошидан Амин чашмонашро кушода, сиёсат кард:

– Ҳоло ҳам дар ҳамин ҷоӣ, нарафтаӣ? Ба хубӣ мегӯям, ки аз ин замин умедатро бикан, ҳамааш аз они ман аст, як пораашро ҳам ба ту намедиҳам.

Сухани пухта гуфтану дар як лаҳза яксаду ҳаштод дараҷа дигар шудану худро беҳуш кардани Амин дар доираи тасаввури бобои Оқил намегунҷид. Ба ӯ баҳои ҳақиқӣ дода наметавонист.Дар девонагияш аломати ҳушёрӣ ва дар ҳушёриёш аломати девонагиро медид. Ин одам сояравшанро мемонд, ки дар вуҷуд ҳам зулмот дошту ҳам нур. Балки бо пайдо шудану гум шуданаш ба ғул шабоҳат дошт, яъне махлуқи одамранги девсиратро ба ёд меовард. Алқисса,дар муқоисаи ин ду олами мухталиф музтар мемонд.Ба хотири таъмини осудагии худ аз баҳри ҳамон қитъа гузашт. Ҳанӯз ҳам дар ҳамон қитъа як дарахти сабз вуҷуд надорад ва аз хашми Амин касе ба он гӯшаи бекорхобида қадам намегузорад. Дар вохӯрии нахустин ҳамон ҳамсояи ғулмонандаш алови чашми сарбозеро, ки то Олмон ҷангида, аз майдон ғолиб баргашта буд, гирифт.Он вақт Амин ба дараҷаи имрӯза пургӯ набуд. Баъдтар беҳудагӯ ва ҳамсояҳоро ба ҷони ширин мерасондагӣ шуд. Хусусан сояи ҳамсояи аз ҳама наздикаш, рӯ ба рӯю девор ба деворашро дидан намехост. На-

мегузошт, ки як тарафи сарҳади ҳотаи худро девор кунад. Бобои Оқил ғайри ҳавлии худ ягон ҳавлии як тарафаш кушодаро намедид. Ҳол он ки ӯ аввалин шуда ба ин гузар омада буд. Дар як мижа задан гӯё аз байн чандин фасли умр гузашт, писараш донишгоҳро ба итмом расонида, хонадор шуд. Ана-мана нагуфта набераи аввалинаш Соҳиб ба камол расида, ҳамқисмати худро меёбад. Аз рӯзи ба ин ҷо омадан дар рӯзгорашон даҳҳо дигаргунӣ рух дод, вале як тарафи ҳавлиашон бедевор монд. Амин намегузошт, ки барои чашмпаноҳ ақаллан аз болои хандақ қадри як ваҷаб девор бардоранд. Мӯйсафед розӣ буд, ки ҳама хароҷотро ба гардан гирифта, як ваҷаб дарунтар, аз ҳисоби замини худаш девор бардорад, вале аз дасти доду фарёди ҳамсоя бел ба замин бурда наметавонист. Медонист, ки орзуи деринааш ҷомаи амал намепӯшад. Дигар дар ин хусус андеша накарда, барои осудагии минбаъда роҳи муросо меҷуст.

Солҳои пеш музди хуб мегирифт, пасандоз дошт, метавонист ҷои зисташро иваз карда, хонаи нав созад.Ҳоло он имконро надорад. Бо умеди ояндаи нек сабр кард, вале рӯзаш аз дасти ҳамсояаш беҳтар не, торафт бадтар шуд. Баробари ба замин бел задан дар тори бора Аминро медид, ки чашм аз ӯ намеканд: «Хокро аз байни ҳотаат бигир, дар наздикии замини ҳотаи ман лой макун, намаш таъсир карда, ин бораро мегардонад.» Айби шамолро ҳам, ки баргҳои рехтаи лаби бораро бурда, ба замини ҳотааш паҳну парешон мекард, ба гардани ӯ мезад. Зани ӯро низ нон пухтан намемонд, мегуфт, ки дуди чагдонат ба тарафи ҳотаи ман меояд. Навдаҳои дарахтонашро, ки ба он сӯ майл мекарданд, бепурсиш мебурид.Гови ҳамсояашро ҳам аз паси девораш меронд. Хайрият, ки хонаи Амин дар баландӣ ва хонаи ӯ дар пастӣ ҷойгир буд. Агар ҷойҳо иваз мешуданд, дар рӯзи борон «борони ҷамъшудаи аз бомат рехтаро, ба сӯи хонаи ман равон макун» мегуфт.

Амин аз ҳамон баландии пешаш кушода гаштугузори аҳли хонаводаи ӯро пайваста тамошо мекунад. Ҳар рӯз чандин маротиба паси дарвозаву пушти деворашро аз назар мегузаронад. Ғавғои худро фаромӯш карда, онҳоро овоз баланд кардан намемонад. Хулоса, аз дасти Амин

осудагӣ надоранд. Вале фарзандони ӯ дунёи дигаранд, бачаҳои хубу боодобанд, аз падар ба куллӣ фарқ мекунанд. Бачаҳо мехоҳанд,ки дар болои хандақашон як ваҷаб девор бошад, рафтану омадани аҳли хонаводаи ҳамсояро набинанд, чашмашон ба моли дигарон наафтад. Вале аз тарси қиблагоҳашон, ки аслан ситорааш ба ситораи ҳамсоягон мувофиқ нест, аз боби девор бастан лаб намекушоянд. Сабр мекунанд, ноумед намешаванд. Медонанд, ки дунё ба як қарор намемонад. Оқибат алмоси зиндагӣ санги дуруштро низ ҳамвор мекунад.

Бобои Оқил ҳам бовар дорад, ки баъди сари ӯ ва Амини ҳамсояаш муҳит дигар мешавад. Фарзандони аз рӯзгори падарон бохабар хулосаи худро баровардa, аз даричаи меҳр ба чеҳраи зиндагӣ менигаранд ва роҳи некномиро пеш мегиранд.На танҳо як тарафи кушодаи ҳотаро девор мебанданд, балки замини бекорхобидаи бари хонаашонро низ баробар тақсим карда, боғ бунёд мекунанд.

Инак умри ӯ ба ҷое расидааст,ки бозгардӣ надорад. Бисёр қувват кунад, панҷ-даҳ соли дигар ба фишори бераҳмонаи зиндагӣ тоб меорад ва баъд олами фониро падруд мегӯяд. Ҳавлии як тарафаш кушодаю замини бедарахти бари хонааш ва роҳу гузарро ба ҳамсояи бадфеълаш монда, ба олами хомӯшон дасти холӣ меравад, ба хуфтагони садсола баробар мешавад.

Умри ҳамсояи ҷангарааш ҳам, ки ҳар рӯз чандин маротиба аз сари роҳаш мебарояд ва бехабар дар лаби бораи пеши ҳотааш пайдо мешавад, ба таги ҳафтод расидааст. Бекорӣ ва бепарвоӣ аз як тараф, аз ҷониби дигар кӯса будан пирии Аминро ниҳон медорад.Вале ҳангоми шиштану хестан ин аломат ошкор мешавад. Ҳамсояи мӯйсафедаш низ ин дардро дорад. Роҳхат гирифта, ба табобат рафт, муддате хост, ки ҳам табобат кунаду ҳам истироҳат. Пеш аз рӯзи ба табобат рафтан бо баҳонаи Аминро рӯ ба рӯ дидан ва ғавғояшро шунидан бел гирифта, дар кунҷи охири ҳотааш, ки ба замини ҳамсоя часпида буд, нақши лойкунандаро бозӣ кард. Аслан белро мебурду меовард. Лаҳзае нагузашта фарёди Амин баромад:

– Дар назди ҳотаи ман чи кор мекунӣ? Магар қасами хӯрдаатро аз ёд бурдӣ, ки боз ба кандан машғулӣ? Девор накун, ки дар бехи деворат гӯрат мекунам.

Ба суолаш посух нагирифтан хашми Аминро зиёд кард ва зуд худро ба лаби бора расонд. Дид, ки ҳамсояаш чандин қадам дур аз сарҳади ҳавлии ӯ белро бурдаву оварда истодааст. Баъди дидани ин манзара «бо бел бозӣ мекунӣ, магар девона шудаӣ» гуфт ва аз ҳайрат дигар сухани муносиби ба ҳалли ин масъала дахлдор наёфта, хомӯширо пеша кард. Оромии яклаҳзаинаро овози ҳамсӯҳбаташ, ки ноилоҷ аз бед тут ҷустан мехост, барҳам зад.

– Амин, аз мушоҳидаҳои чандинсолаи ҳамсоягӣ хулоса баровардам, ки дар ҳамин гузар одами аз ҳама дурусту боақл ту будаӣ,- гуфт мӯйсафед ва суханашро идома дод.-Ғайри ту ҳеҷ кас аз имтиҳонам нагузашт.Туро ягона одами бовариноку бовафои худ меҳисобам.Мехоҳам, ки дар набуданам хонаву аҳли оилаи маро назорат кунӣ, нагузорӣ, ки гапи бачаҳо гурезад. Хулоса ҳамаро ба ту ва туро ба Худо месупорам. Чи гуфтӣ?

– Мебинам, илоҷашро мeёбам, катамро оварда, дар лаби бора мегузорам. Шабу рӯз назорат мекунам, гунаҳгорро намебахшам. Касе ба гапам гӯш надиҳад, рӯзашро сиёҳ мекунам.

Амин ба аҳдаш вафо кард, то аз табобат баргаштани бобои Оқил аз гирди хонаи ӯ дур нарафта, ҷони мардумро ба лаб овард. Рӯзона сари роҳро гирифта, ҳатто мошинҳоро гузаштан намемонд. Ба ронандагон таъкид мекард, ки чанг нахезонанд, девору дари хонаи ҳамсояро ғуборолуд насозанд.

– Эй гов, говатро ба он сӯи роҳ ба чаро бубар, тарафи роҳи хонаи ҳамсояи маро чиркин макун,- дӯғ мезад ба молдоре.

– Эй кӯдак, ғулакат аз сарат монад, ба сӯи хонаи ҳамсоя тир наандоз. Дар бехи девори ҳамсоя нагард, агар як мева кам шавад, дасту поятро мешиканам,- чашм ало мекард сӯи кӯдаке.

Касе ҷуръати рад кардани суханашро надошт. Ҳатто шабе яке аз бачаҳои бобои Оқилро, ки дер ба хона

омад, сарзаниш карда, гуфт: - Даромадан мумкин нест, рафта шабатро дар ҳамон ҷое, ки будӣ, рӯз кун ва баъд саҳар биё.

– Бегона ё дузд набошам, ки аз ман шубҳа кунӣ ва ҳақ надорӣ, ки маро аз ҳуқуқи ба хонаи худамон даромадан маҳрум намоӣ?

– Дер ки омадӣ, ҳуқуқи даромадан надорӣ. Хонаи худатон ҳам бошад, хонабон манам, фаҳмидӣ?

Бача дид, ки баҳс бо Амин-амак фоида надорад, аз аспи ғурур фаромада, ба роҳи паси хона тоб хӯрд ва дар торикӣ аз назар ғоиб шуд. Хулоса як моҳ бо назорати ҷиддӣ гузашт. Дар ин муддат Амин-амак худро хӯҷаини мутлақи хонаи ҳамсоя ҳисобида, парвои хонаву дари худ надошт. Рӯзона дар гирду атрофи хонаи ҳамсоя чарх зада, шабона дар рӯи кати лаби бораи ҳотааш дароз кашида, чашмонашро аз атроф намеканд. Сагу пишакеро, ки аз ҳамон сарҳад гузаштанӣ мешуд, сангборон мекард. Аз қазо як санги ҳавододааш боре ба шонаи яке аз шабгардон зад ва оҳу фарёди ҷабрдида ба фалак печид. Хайрият, ки ҷабрдида дар торикӣ сангпарторо надид.

Ин назораткунанда, ки ҷояш паси девору сари роҳ буд, аз мошин фуромадани бобои Оқилро пеш аз ҳама дид ва ба истиқболаш шитофт. Бар ба бараш қадам зада, гиреҳи риштаи гуфтугӯро аз ҳолпурсӣ не, аз ҷои ҳисобот кушод.

– Ҳамааш хуб гузашт, ягон шикоят нест. Акнун хонаву даратро ба худат месупорам, вале кати ба лаби бора гузоштаамро аз ҷояш наҷунбонда, назоратро боз ҳам пурзӯр мекунам. Зеро дар набудани ту фақат як чизро фаҳмидам. Ҳама сагу пишак аз ҳотаи ту ба ҳотаи ман мегузаштааст, кӯдакон ҳам. Ман ин корро ба ин ҳол намемонам. Аз пагоҳ ба деворкунӣ машғул мешавам. Деворе мебардорам, ки на одам гузашта тавонаду на сагу пишак.

Мӯйсафед, ки солҳо интизори як ишора буд, аз шунидани ин сухан дар ҷо шах шуда, лаҳзае бо дидаи ҳайрат ба рӯи Амин нигарист.Бори нахуст аз ҳарфи нигоҳаш ҳамон як гапи коғазпечро бо оҳанги дигар хондан мумкин буд. «Гапи ту барои мо қонун аст, баландии деворро то фалак барӣ ҳам, мо розӣ, ту имтиёз дорӣ…»

# ШАРИКИ УМР

Аз роҳи саҳрои хаёлаш яку якбора корвони шубҳаву ноумедӣ ва тасдиқу инкор гузашт ва дар ин миён ӯ худро мусофири роҳгумзада тасаввур карда, парешону безобита гашт. Ибоде, ки ҳар қадамашро дониста мемонд ва ҳама кораш аз рӯи нақша сурат мегирифт, дар лаҳзае ба куҷо рафтану чӣ кор карданашро намедонист. На хомӯширо пеша ва на рози ниҳонашро ошкор карда метавонист. Агар ишора мекард, гумонбарияш, ки нишонаи торикии имон аст, тасдиқ мегардид. Агар ишора намекард, пурсиш идома ёфта, аз гап гап мебаромад ва уқдаҳои нокушодаи ин асрорро нохуни тези баҳсҳо мекушод. Дар натиҷа кор аз кор мегузашт, шубҳа ба хусумат табдил меёфт ва шармандагӣ сар зада, хонаи ободе вайрон мешуд. Наход кор ба ин дараҷа бирасад? Ба ин дараҷа набояд расид. Итминон дошт, ки баъди ин гумонҳо ҳам ягон воқеа рух намедиҳад. Зеро ин розҳо ҳам гапи набудаанд, шубҳаанд, бофтаҳои дурӯғини хаёланд, заминаи боэътимод надоранд. Шояд на бофтаҳои дурӯғини хаёл, балки ҳақиқати ҳол бошанд? Шояд ҳақиқат ҳам набошанд,-боз дудила шуда, нӯги риштаи калобаи хулосабарориашро сар медод Ибод ва ба як қарор омада наметавонист. Зеро аз пайи ин пурсиши сабук боз ҷавоби вазнин буд. Вале ошкор накунад ҳам, қиссаи ин рози ниҳонро аз хати пешонӣ ва ҳарфҳои маънидори нигоҳаш хондан мумкин буд:- Малол машавед, устод ҳам бошед, суханамро рӯирост мегӯям,шояд эродам ба шумо нафорад, лек чӣ метавон кард, ки ҳақиқат талх аст. Хулосаи гап ҳамин, ки шумо аз дастархони падару модараш нон хӯрдаед, дар хонаи волидонаш иҷора нишастаед. Онҳо ба шумо хизмат ва дасти мадад дароз кардаанд. Поси намакро, ки доред, хубаш рафта ба аҳли ҳамон хонадон миннатдорӣ изҳор кунед. Ба Сурайё чӣ кор доред?

Хатои худро зуд ҳис кардам. Фаҳмидам, ки пурсиш ноҷо афтод, Тарзи баёни сипосам ба шиноси деринаам нафорид. Ибод ба ҳар суолам бо дили нохоҳам ҷавоб мегардонд,ҷавоби сард. Ҳамзамон дар гумонам ханҷари тези нигоҳаш аз ҷавшани ҷонам мегузашт ва

бесухан сар ҷунбонданаш мӯҳре буд, ки ҳуҷҷати қабули маҷбурии дидорамро тасдиқ мекард. Бо вуҷуди пушаймон шудан аз ин дидор ва кушодани риштаи сӯҳбати гиреҳдор ба мағлубӣ тан надода, барои батараф кардани кадомин шубҳаи эҷодкардаи ҳамсӯҳбатам, кӯшиш мекардам, ки баъди ҳар ҷавоби нешдор посухи мувофиқ биёбам. Хаёлҳои хому гумонҳои бади Ибод ва дар роҳу кӯчаҳои поки инсонӣ ғуборҳои рашку хиёнат диданаш, ки дар ягон гӯшаи мағзи сари аз чунин андешаҳо озодам намегунҷид, маро маҷбур мекард, ки ба лаб мӯҳри хомӯшӣ назада, бо ҷавобҳои далелдорам аз вартаи ин муҳокимаи давомдор берун бароям.

– Сурайё, хоҳараки азизи мо, дастархон мегустурд, чой дам мекард, хӯрок меовард. Ҳама сари як дастархон нишаста, гоҳо аз як табақ нон мехӯрдем. Гоҳо ҳамроҳи модараш либосҳоямонро шуста, дарзмол мекард. Қисса кӯтоҳ, мо иҷоранишинону хонадорон-он бошандагони маскани меҳру шафқат,- дар маҷмӯъ зодагони кишвари инсониро мемондем, ҳамчун узви як оила озими роҳи дури зиндагонӣ будем.

– Фаромӯш макунед, ки он мегуфтагиятон, он як узви оила, як кӯдаки аз асрори оламу одам бехабар, як духтараки мактабхони ҳанӯз нодон буд, як дидаи дар роҳи қисмат ҳайрон буд, Сурайё набуд,-аз роҳи сарҳади гумонҳо берун қадам мондан намехост Ибод.

– Рост мегӯяд Ибод. Он духтараке, ки акси ҳусни зебои тасвирнашавандааш дар оинаи хотири ман мондааст, ин Сурайёи панҷоҳсола ва он ҷавон ҳам, ки дар шаклу сурат аз ҳамқисмати интихобкардааш камӣ надошт ва ӯро шоми бастани издивоҷ ва рӯзи ҷашни хонаободӣ дар бари арӯс дида будам, ин Ибоди лоғари шастсола набуд,-ба дил тасдиқ кардам ва айёми донишҷӯиву рӯзгори иҷоранишиниро ба ёд овардам.

Даврони донишҷӯии мо аз сабаби камбизоатӣ ва кӯшиши ёфтани ҳуҷраи арзони иҷоравӣ рӯзгори кӯчиёнро мемонд. Хобгоҳ аз омӯзишгоҳ хеле дур, дар канори охири шаҳр ҷойгир буд, ки сад қадам онтарафтар аз он деҳа оғоз мешуд. Деҳотиёни бордор аз роҳи бари хобгоҳ гузашта, ба шаҳр мерафтанд.Аксари онҳо ширфурӯшони бидондор буданд. Мехостем шир бихарем, вале ҷои пух-

тан надоштем. Дар хобгоҳ ғайри хобидану шабро рӯз кардан ягон шароит, ҳатто ҷои дастшӯӣ ва обҷӯшонӣ набуд ва мо дар чойхонаву ошхонаи назди омӯзишгоҳ шикамамонро пур мекардем. То ба хобгоҳ расидан хӯрдаҳо ҳал мешуд ва дасти иштиҳо аз нав ба домани меъдаамон чанг мезад. Барои ҳамин аксари донишҷӯён аз баҳри хобгоҳи умумӣ гузашта, иҷорашин мешуданд. Мо низ чанд тан аз як деҳа аз ҳамон зумра будем, ки зуд-зуд ҷои зистамонро иваз мекардем. Ин ивазшавӣ ба арзиши иҷора ва муомилаи соҳибони хона вобастагӣ дошт. Дар ин қисмат гоҳе мебурдему гоҳе мебохтем.

Боре бо ташвиқи кампираки танҳое, ки фақат бинии дарози борикаш ба ёд мондааст, аз баҳри ҳуҷрае, ки дар он осуда мезистем, гузашта ба хонаи ӯ кӯчидем. Ду шабро дар он ҷо рӯз карда, шаби сеюм берун аз дар шудем. Кампирак даркушоии худро фаромӯш карда, гум шудани сагашро дар бепарвоию шумқадамии мо дид ва таъкид намуд, ки дигар дар чашмонаш натобем.

– Дар ин нимашабӣ ба куҷо меравем,- гуфта, зорӣ карданамон ба дили сангинаш кора накард ва моро дар торикӣ аз даргоҳаш ронд. Борҳои вазнин дар пушт базӯр-базӯр боз бехабар ба хонаи падари Сурайё омадем.

– Чаро аз он манзиле, ки аҳлаш ҷони одам буданд, рафтем? Ягона сабаби рафтанамон тангии ҳуҷра буд, ки барои хондану дам гирифтани се –чор кас мувофиқат намекард. Хонаи кампирак калон ва майдони ҳавлияш васеъ буд. Боғ ҳам дошт. Фурсат даст надод, ки сабаби танҳо зистани ӯро бипурсем. Вале аз тарзи гуфтору кирдор ва нишонаҳои бозгӯи тарҳи рӯю хати ҷабину ҳарфи нигоҳаш маълум буд, ки ӯ одами хуб нест, кӯтоҳандешу дилтанг аст. Хайрият, ки рафтану пушаймон шуда баргаштанмонро ғайри як ҳамдарсамон дигар касе пай набурд. Сабабгори ба ин хонаи танг омадани иҷоранишинҳо низ ман будам. Ман дар хонаи як хеши дурам, хеш не, як шинос зиндагӣ мекардам. Он кас амаки шавҳари холаам буд, фарзанд надошт. Занаш ҳам безурётии ӯро фаҳмида, ба тақдир тан дод. Онҳо бо умеди равшан нигоҳ доштани чароғи хонаашон кӯдаки бегонаеро парварда, гули хӯроку

пӯшокро барояш муҳайё мекарданд. Ҳамон парвардаашон ба воя расида, ба хондан рафт ва баъди соҳиби касб шудан дигар ба хонаашон барнагашт. Пиру кампири аз интизорӣ ноумедгашта дар ҷои ӯ маро дида, гоҳе бекасиашонро фаромӯш мекарданд. Эҳтиёҷи зиндагӣ баъдтар маро ҳам ба роҳи дигар бурд. Рӯзи рафтанам дидагони абрмонанди онҳоро ғарқи борони ҳасрату ноумедӣ дида, гуфтам, ки лаҳзае бе ёди шумо намегардам. Ба аҳдам вафо кардам, пайваста хабарашон мегирифтам. Онҳо аз дидори ман беҳад хурсанд мешуданд. Ҳатто мӯйсафед, ки дуторро хеле бад менавохт ва овозаш садои товусро мемонд, аз ғояти шодӣ ба навохтану сурудан мегузашт. Вале ҳазорон шодии сохта, ғами қаъри дили онҳоро ҷуброн карда натавонист.Оқибат он ду нокоми роҳи умр бори ҳасрату интизорӣ ва бенишониро бо худ ба гӯр бурданд ва он хонаву ҳавлии калон ба як хеши дурашон монд.

Дар он хона ҷои хоб ва хӯроки ман ройгон буд. Танҳо аз дурии роҳ азоб мекашидам. Агар он хона чархдор мебуду кашида ба омӯзишгоҳ наздик бурда мешуд, бешубҳа, даврони донишҷӯии ман бо подшоҳӣ мегузашт. Афсӯс, ки хона чархдор набуд. Вале хонаи ҳамдарсони иҷоранишинам ба омӯзишгоҳ хеле наздик,пиёда рафтан мумкин буд. Онҳо аз кӯча ба боғи марказӣ ворид шуда, аз дарвозаи дигари боғ берун мебаромаданд ва ба тарафи муқобили роҳи калон гузашта, худро дар назди дари омӯзишгоҳ мегирифтанд.

Рӯзе ба суроғи ҳамдарсонам ба он даргоҳ рафтам. Баробари кушодани дарича дар рӯ ба рӯям зани тахминан панҷоҳу панҷсолаеро дидам, ки аз хомфарбеҳӣ ҳафтодсола менамуд. Аз ӯ дар куҷо будани рафиқонамро пурсидам.

– Ба бозор рафтанд, барои харидани маводи ғизоӣ, андак пас меоянд. Зан маро маҷбуран ба гӯшае шинонда, майдапурсӣ кард. Баъди фаҳмидани суроғаам, зодаи кадом водӣ буданам ва номбар кардани чандин решапайвандам «ту на танҳо ҳамшаҳрӣ, балки хеши худам будаӣ. Духтари амаки холаат келини аппаи ман аст. Метавонӣ ҳар вақт ба ин хона биёӣ, балки ҳамроҳи мо бошӣ. Ин хона ба мактабат наздик.

Баъди чанд сухани афсунгараш, ки аз меҳру шафқат саршор менамуданд, дар ҳалқаи ҷоду афтода, хаёлан нақшаи ба ин даргоҳ кӯчиданро кашидам. Баъди ду рӯз ба хонаи «хеши навам» омадам.

– Ду-се шаб дар ҳуҷраи ҳамдарсонат хоб бикун,баъд ҷоятро меёбем,-гуфт он хомфарбеҳ чашмонашро гардиш дода.

Ду –се рӯз не, чанд моҳ сабр кардам, вале аз ин боб дигар ҳарфе нашунидам. Он зан баробари дигарон аз ман иҷорапулӣ мегирифт. Аз фиреб хӯрдану ҷои гармамро хунук карданам ва аз хӯроку ҷои хоби ройгон монданам афсӯс мехӯрдам, вале илоҷи ба ҷои аввала баргаштанро надоштам.

Дар ин даргоҳ маро дар бехи девори ҳуҷрае, ки ҳамдарсонам мезистанд, ҷо доданд. Ҳангоми бапушт хобидан аз бехи девор осмони ситорадорро медидам. Майдони диданам аввал ба хати кашидае монанд буд, вале баъдтар дар назарам васеъ шуда, шакли ҷӯборакеро гирифт. Билохир ҳис кардам, ки болорҳо оҳиста-оҳиста мелағжиданд. Шабе, ки маблағи иҷораро ҳисобӣ кардам, ба ҳамдарсонам гуфтам, ки ман як хона ёфтам, агар майлу хоҳишатон бошад, ба он ҷо мекӯчем. Агар накӯчем, ягон шаб дар зери ин бом монда, хокдаҳон мешавем. Ҳамдарсон розӣ шуданд, вале яке аз онҳо барои ширин кардани худ соҳибхонаро аз мақсадамон воқиф кард. Ҳамон зани, ба гуфти худаш, хешам, ки бисёр забони тез дошт ва аз дасташ ҳама бадӣ меомад, тиру теғи ғазаб кашида,бо овози баланд гуфт:

– Кирмаки бетоқат, маълум шуд, ки корат фақат кӯчидану ба сад дар рафтан будааст. Рафтанӣ, худат бирав, инҳоро сарсону саргардон макун, фаҳмидӣ?!

– Ман ба ҳеҷ куҷо намеравам, шухӣ кардаму садоқати ҳамдарсонамро фаҳмиданӣ шудам, -гуфта, домани соҳибхонаи бераҳмро бо чормағзи пуч пур кардам. Вале нисфи шаб, замоне, ки ҳама дар хоби ноз гирифтори марги сабук буданд,даричаи ҳавлиро оҳиста кушода, дар дӯш бори гарон гурехтам ва худро дар хонаи Ҳоким-амак гирифтам. Бори нахуст дар ин хонаи соҳибонаш бегона нигоҳи пур аз раҳм ва дилу чеҳраи

кушодро дидам ва маънии вожаи одаму одамгариро хубтар фаҳмидам.

Ҳамдарсон ҳам, ғайри ҳамон хабаркаш, баъд аз ҳафтае рӯ ба ҳуҷраи иҷоравии ман оварданд ва то хатм кардани омӯзишгоҳ ҳамроҳам зиндагӣ карданд.

Баъдтар эҳтиёҷи рӯзгор моро ба роҳҳои дигар хонаҳои иҷоравию хобгоҳҳои оилавӣ ва дарёфтани даргоҳи худӣ бурд. Вале он осудагиву хушҳолие,ки дар хонаи падари Сурайё доштем, дар хонаи худамон пайдо накардем.

Падару модари Сурайё ҷуфти муносиб буданд ва ягон лаҳзаи ҳастиро бе ҳамдигар тасаввур карда наметавонистанд. Бори ғаму шодии ҳаётро бо ҳам мекашиданд. Ҳангоми сӯҳбат низ барои ба ҳам бар нахӯрдани нигоҳҳо ва орӣ будан аз хислатҳои мағрурию нописандӣ сарашонро андак хам мекарданд. Гӯё ҳанӯз ҳам чун навхонадорон аз ҳамдигар шарм медоштанд. Вале медонистанд, ки дар бозии тақдир хоҳу нохоҳ бояд як кас мағлуб шавад. Мард мехост худро аз занаш боло нагирад. Зан аз баҳри боло будан гузашта, ба шавҳараш имтиёз медод ва ӯро дар набарди майдони ҳастӣ ғолиб мекард. Зайнаб-хола аз ҳамин хислаташ ганҷинаи осудагӣ ва мукофоти зиндагӣ пайдо карда буд.

Падари Сурайё Ҳоким-амак гоҳо баъди кор сархуш ба хона меомад. Кор кардан бо рангу моводи кимиёвӣ талаб мекард, ки коргари ин бахш ҳар рӯз ду-се маротиба ғизои ширӣ бихӯрад ва ё андак шароб бинӯшад. Барои Ҳоким-амак,ки нӯшиданро дӯст медошт, ин тарғибот баҳонаи хубу заминадор буд. Ҳангоми сархушӣ ҳам ҳарфи зиёд намегуфт, дилу хотири касеро намеозурд. Дар ҳама ҳолат Зайнаб-хола ба шарики умраш рӯи хуш медод. Дасти ӯро дошта, ба ҷои муқаррарияш бурда, мехобонд. Ва лаҳзае дар паҳлӯяш нишаста, бо дидаи меҳр ба чеҳраи сурхгаштаву чашмони пӯшидаи ҳамқисматаш менигарист. Гоҳо мӯйҳои сари ӯро бо панҷаҳои нарму навозишпарвараш шона мекард. Дар чунин ҳолат чӣ хаёлҳо аз сараш мегузашт, Худо медонаду худаш. Вале аз ин муомилаи хомӯшона ҳам гӯши аҳли фаҳм садоеро мешунид: «Маст ҳам

боші, паст ҳам боші, ҳамқисматі, барои ман дунёи бахту саодатī…»

Ҳоким-амак баъди ба худ омадан хӯроку чойи талх мефармуд. Дар табақ хӯрдани шӯрбову шакаробро нағз медид. Нонро хирман карда, моро ба ёрī даъват мекард. Мо толибилмони нимсеру нимгурусна интизори як ишора будем ва панди куҳани «биҳишти косалесон» -ро ба ёд оварда, ҳатто дар лесидани табақ ёраш мешудем.

Алқисса, пиру кампир ва фарзандонаш луқмаеро бе мо намехӯрданд. Иҷорапулии мо як ҳиссаи хароҷоти онҳоро ҷуброн карда наметавонист. Аз иҷорашин қабул кардан чī манфиат диданашонро пай намебурдем. Гоҳо дар ҳамон ҳавлии танг футболбозī мекардем. Дарвозаи ҳавлиро дарвозаи майдони бозī пиндошта,зарба мезадем. Аз зарбаҳои сахти туб дарвозаи оҳанин садо бароварда, хомӯшии гузарро халалдор мекард. Хурду бузурги оила ин манзара ва гоҳо рехтани гилҳои бари девори хонаву ҳавлиро медиданду лаб намекушоданд. Ёдашон бахайр,аҷаб инсонҳои нек буданд пиру кампир.

– Буданд не, ҳастанд. Зиндаҳоро қатори мурдаҳо нашуморед. Рӯзашон, ки буд шуд, худашон бори сафари ҷовидона мебанданд.

Аз ин таъкиди маънидор ман аз ҳисобу китоби нодуруст ва воқифи ҳол набуданам хиҷолат кашида, худро маломат кардам.

Сурайё ин суханҳоро шунида, мехост ба сӯҳбат ҳамроҳ шавад, ҳоли ману аҳли оилаамро бипурсад, бачаи донишҷӯямро бубинад, духтаронашро ба ман муаррифī бикунад ва рӯзгори гузаштаро ба хотир оварда бигӯяд: - Умр дар як мижа задан мегузаштааст. Фарзандонамон акнун ними умри моро доранд. Косаи навбат тез давр мезадааст. Мо, ки дирӯз кӯдак будем, имрӯз соҳиби набераем, бибиву бобоем. Мехост, ки аз хусуси падару модари пираш, ки ман аз бехабарī номи онҳоро аз сабти дафтари зиндагī бароварда, дар лавҳаҳои водии хомӯшон навишата будам, сухан бигӯяд ва тасдиқ бикунад, ки шукри Худо, падару модарам ҳанӯз зиндаанд, яке ба саду дигаре ба навад даромадааст. Мехост, ки аз ҳаёти се бародару

хоҳараш ҳикоят карда, дар охир ба риштаи гуфтор мӯҳраи гилаашро бикашад ва маро бо носипосӣ муттаҳам намояд. Вале аз тарзи сухангӯии ҳамқисматаш, аз хаёлҳои шубҳапарвари сарвари хонаводааш хулосаи нохуб баровarда, хомӯширо авло донист ва худро ба ман ношинос вонамуд. Бо вуҷуди ин ҳама ман ба гӯшаи чашм чеҳраи коҳидаи ӯро дидам,ки аз гузашти умр хабар медод. Воқеан ҳам ин Сурайё он Сурайё набуд. Ранги рухсораи он Сурайё садбарги гулобӣ ва абрӯвони сиёҳаш абрӯвони навакак усмакашидаро мемонд. Лабони сурхаш барги гулаш лоларо ба ёд меовард. Ин зебоиҳо айби бинии андак калони кӯлуларангашро мепӯшонд. Сунбули мӯйҳояш, ки ҳини шитофтан гоҳе пеши рӯи пуртароваташро мепӯшонд, ба шаршараву чашмакони зебояш ба санчилҳои тари ба бари девори кӯҳ часпида шабоҳат доштанд. Ба қадду қомати рехтаааш ҳар гуна пироҳану ҷома мезебид. Пардаи сурхи шарму ҳаё ба ҳуснаш ҳусни дигар зам мекард. Зебо буд,париваш буд он Сурайё. Ин Сурайё як зани бармаҳал пиршударо мемонд. Аз ҳусну малоҳати пешина осоре набуд. Чеҳраи коҳидаи ба каҳрабо монанд,абрӯвони ҷо-ҷо сафедшуда ва дастаи мӯйҳои ба оби шаршара ҳамранг, бинии калони кӯлуларанг, ки рӯи пӯст ба устухонгаштаашро барҷастатар кардааст, низ тасдиқ мекард, ки ин Сурайё он Сурайё ва ин Ибод он Ибод нест. Ҳангоме, ки Ибодро ба он хона барои акди никоҳ оварданд, як ҷавони хушсурат ва рӯи гандумгунаш гандуми пурмағз буд. Қадди баландаш ба ӯ шукӯҳи дигаре мебахшид. Ҳоло ӯ ҳам ин нишонаҳоро надорад.Метавон хулоса баровард, ки Ибод на танҳо худро, балки Сурайёро ҳам пир кардааст. Ман ҳам акнун он ҷавоне нестам, ки Сурайё ва Ибод дида буданд. Дарди ҳастӣ ва гузашти умри пурсамар дар тани мани мусофири роҳи қисмат низ нақши худро гузоштааст. Навбати рахти сафар бастани се шиносе, ки аз як дидори тасодуф ва пурсиши ноҷо бегона гашта буданд, торафт наздик мешуд. Мо се тан гавҳари бебаҳои ҷавонии худро ба фарзандон бахшида, аз шарми тиҳидаст набудан пинаи охирини ҳастии худро нигоҳ медорем. Дар ҳамин ҳолат ҳам Ибод бо кадомин хаёле, ки чун теғ ба рагҳои асабаш мерасид, бо баҳонаи бо телефони дастӣ гап задан

майда-майда ҷунбида, бо сипари зангоби ҳастихӯрдаи пайкараш дами кунди шамшери нигоҳамро баст. Нагузошт, ки таъсири зарбаи ин шамшер ба шарики умраш бирасад. Фишори зиндагӣ ва бори ранҷу азоб, ки маҷмӯи маҳсули нанг аст ва гирифторони он ба хотири ҳифзи як ном умр ба сар мебаранд, дар пайкари мо асари худро гузоштааст. Мо се шиносе, ки қариб аз ҳама чиз мондаем, ҳанӯз ҳам ба хотири кадомин орзуи надида домани номуси ҳастиро аз даст додан намехоҳем. Дар ин ҷода ҳатто намехоҳем аз ҳамдигар мадад бипурсем ва дӯстро аз душман бишносем. Бо ин ҳама нохоҳамӣ ман Ибодро аз дур дида шинохтам. Фаҳмидам, ки он зани умрдида зани ӯ ва он духтаракон фарзандони ӯянд. Дар ин ҳолат ба назди Ибод рафтан маънӣ надошт, вале илоҷу роҳи дигар набуд,хоҳу нохоҳ бояд аз паҳлӯяш мегузаштам. Ҳангоми аз бараш гузаштан ҳатман ӯ маро медид. Маҷбур будам, ки аз бари шиноси дерина бепарво нагузарам, ҳеҷ набошад саломи қарзи Худоро диҳам. Ин андеша сабабгори вохӯрии мо шуд. Ман Сурайёро, ки аз қадду қоматаш шинохта будам, акнун рӯяшро дида, дар лаҳзае ҳама хотираҳои мозиро, ки бозгӯи соҳибдилию поктинатии аҳли оила буданд, тагурӯ кардам.

– Наход ӯ маро, бародарашро, фаромӯш карда бошад?

– Не, ӯ маро фаромӯш карда наметавонад. Аз хотири шарики умр, аз таъсири дарди ҳастӣ рӯзгори деринаро ба ёд овардан намехоҳад. Фаҳмидам, ки аз тамоми ҷавонмардони рӯи олам ҳамоне, ки ӯро бармаҳал пир кардааст ва ба ин ҳолат расондааст, барояш азизтар аст ва ҳамсафари роҳи умрашро, ки ширеши зиндагӣ ҳар дуро мисли гӯшту нохун ба ҳам пайвастааст, ба касе иваз карда наметавонад. Сурайё ҳам фурӯтанию хоксорӣ итоату дар ҳама ҳолат ба қадри шавҳар расиданро аз модараш омӯхтааст ва ҳамон гуна чароғи муҳаббати ҳамқисматиро афрӯхтааст. Ҳамчун пайрави модари вафодораш раҳкушову ҳамраҳашро, ки ба хотири пайванди ҷовидонӣ тарки рафтуомади дигар роҳҳо намудааст ва аз нақши гузоштааш пайи пои давоми умр пайдо гаштаст, аз ҳазорон пайи ишқу муҳаббат боло медонад ва як зарра гарди меҳрашро ба

зари дунё намедиҳад. Ин роҳ ба ғайри ӯ чашмашро ба рӯи арзандатарин мусофири олам бастааст. Ин роҳи ватани ҳамқисматист, ин роҳи аз сарҳади ҷавонӣ то охирин хату нишонаи қаламрави пирӣ расидан аст, ин роҳи то қиёмат дар кишвари бахт худро соҳибмулк дидан аст. Ибод ҳам ба марг розӣ мешаваду аз ин роҳу сарҳад берун баромадан намехоҳад. Пои муҳаббати одаткарда дар кафи худ қадами ноошное надорад, ки ба роҳи дигар гузорад. Садҳо мардону занони ҷавону зеботар аз пешу аз паҳлӯ мегузаштанд, вале ду ҳамқисмат ба сӯи онҳо дидаи эътибор намедӯхтанд. Барои надидани рӯи дигарон сари худро андак хамонда, сӯҳбат мекарданд ва дар ин миён гоҳ-гоҳ ба чеҳраҳои фарзандони басафарбаромадаашон нигариста, худро дар маскани хушбахтии тасаввурнашаванда, ки лаззати умрбодии олам ба як лаҳзаи талху ширинаш намеарзад, медиданд ва дасти шукрона ба гиребони қаноатмандӣ мебурданд.

Ин вохӯрии мо дар фурудгоҳ ба вуқӯъ пайваст. Ҳар се гуселкунанда будем. Фарзандонамонро, нурони дидагону ороми ҷону танамонро ба роҳи дури сафар мефиристодем. Дар лабони писари ману духтарони онҳо, ки дар як қатор истода буданду аз қисмати деринаи мо хабар надоштанд ва ҳамдигарро намешинохтанд, табассум гул мекард. Вале ба тори асаби мо ангуштони садҳо хаёли ноладор нохун мезад. Оҳангҳои ҳузновари ҳиҷрон эҷод шуда, дилу ҷигарро обу адо мекард ва қатраҳои ҷамъшуда баъди қувват гирифтан боло баромада, аз қабатҳои монеадори дидагони мо мегузаштанд ва оҳиста-оҳиста ба рӯи мо ҷорӣ мешуданд. Дар ҷои интизорӣ, ҳарчанд, ки курсии холӣ бисёр буд, неруи хотире моро маҷбур мекард, ки рост биистем. Ин неру ба хотири бори охирин аз пушти қабати шиша дидани фарзандон пайдо шуда буд, ки моро аз нишастан бозмедошт.

Се шиноси дерина бегонавор ба ҳамдигар эътибор намедодем. Сарчашмаи ҳамаи ин беэътиборӣ ҳамон саволи ноҷоафтода буд. Аз саволи додаам сахт пушаймон шудам, ҳатто роҳи аз ин варта халос шудану дар чашми Ибоду Сурайё натофтанро мекофтам. Вале илоҷи роҳи

гурехтану раҳо гаштанро надоштам. Хотири фарзанд, ки касро ҳатто ба хонаи душман мебарад, сарнофарореро пеши поафтодаи дигаре мекунад, маро пеши ин шарикони умр, ки ҳақ тарафдори онҳо буд, маҷбуран нигоҳ медошт…

## ПУШАЙМОНӢ

Ҳавои ғуборолудаи моҳи аввали тирамоҳ, ки хокбориш дар бисот дошт, ранги ҳама мавҷудотро ба ҳам монанд карда, имкони шинохтро ночиз мегардонд. Сафари Хоҷа мошини хизматии сарвари ноҳияро, ки бо суръати баланд ҳаракат мекард ва яку якбора истода, оҳиста ба қафо омад, аз рӯи рақамаш шинохт.

Садои гӯшхароши соиши байни чархҳову роҳи қирпӯш, ки мурдахоб ҳам аз шуниданаш бедор мешуд, риштаи хаёлашро ба тарафи худ кашид. Вале дар дохили бодпо будану набудани раисро намедонист. Вақте ки аз мошин фуромадани раисро дид, хурсанд шуд. Гумон кард, ки шиноси дер боз надидааш хабари бадҳолиашро шунида, ба аёдаташ омадааст. Вале гумонаш ботил баромад. Баробари наздик шудан ба ҷои пурсишу навозиш ғуруру худписандӣ ва сарзаниши раисро дида, аламаш тозатар ва ҳар сухан барангезандаи дарди дигар шуд.

То омадани раис дар ҳолати нимхобиву нимбедорӣ қарор дошт. Дар ҳарду ҳолат ҳам дидаву шунидаҳоро ба ёд оварда, инони ихтиёрро аз даст медод. Дар лаҳзае садҳо хаёл аз сараш мегузашт. Айёми наврасию ҷавониро пеши рӯ меовард ва ғаму андӯҳаш зиёдтар мешуд. Аз дидагонаш борони ашки ҳасрат мерехт ва лаҳзае осудагиаш барҳам мехӯрд.

Се сол пеш фарзандонашро ба мошин савор карда, субҳи барвақт, пеш аз чанг хезондани пода, аз деҳа баромада, баъди паймудани роҳи каҷмакаҷ, худро дар оғӯши саҳро мегирифт. Дигарон дертар, баъди қадди як найза боло шудани офтоб пиёдаву савора ба майдон омада, бо вуҷуди гармии ҳаво, то торик шудани атроф заҳмат мекашиданд. Вале ӯ дар сояи салқин нишаста, аз дур рафти

корро назорат мекард. Зеро аз фарбеҳӣ тоқати дар зери офтоби сӯзон гардиш карданро надошт. Фақат саҳар ва бегоҳ, ҳангоми паст будани дараҷаи гармӣ, қаторҳо ва гирду атрофро аз назар мегузаронд. Ҳоло он қудратро ҳам надорад, аз ҷо ҷунбида наметавонад. Дардмандӣ ӯро аз дастаи гапгираш ҷудо ва дастнигар кардааст. Акнун ба паси чанбари мошин писари калонӣ нишаста, фарзанди хурдӣ аз китфонаш дошта, дукаса ӯро ба сари замин меоранд ва дар ҷои муқаррарияш мешинонанд. Худашон дуртар, дар паси теппа ҳосили пухтаро ҷамъ меоранд, себу ангур ва тарбузу харбуза чида, тавассути телефони дастӣ аз ҳоли падар хабардор мешаванд. Ҳамкорони дерина ва посдорони нону намак низ бо ҳама пуркорӣ фурсат ёфта, рӯз дар миён, дери дер ҳафтае як маротиба ба суроғаш меоянд. Аз пайи онҳое, ки ба дарав кардану мева чидан ва хирман кӯфтану бор кашондан машғуланд, бо дидаи ҳасрат менигарад.

Сафари Хоҷа дар паси тали тарбуз, зери як дарахти соядори бари роҳи калон, ки сояашро тамоми рӯз нигоҳ медорад, маскан гирифта, рӯзро кӯр мекунад. Дар сояи салқин ҳам ки бошад, аз тафсу рутубати ҳаво баданаш арақолуд гашта, ба хориш медароядва ҳар лаҳзаи дилгири рӯзи гарми тобистон дар назараш аз шаби ялдо дарозтар метобад. Мисли интизорону рӯзадорон даҳҳо маротиба ба соати дасташ чашм медӯзад ва аз дурустии ҳаракаташ шубҳа карда, боз ба соати телефонаш менигарад. Рақамҳои якхеларо дида, ин вазъро ба пеш нарафтани чархи замон нисбат медиҳад. Ба хаёлаш офтоб ҳам суръати ҳаракаташро суст карда, мадори пеш рафтан надорад, пири хастаҷони барҷомондаро мемонад. Ӯ низ аз саҳар то бегоҳ дар як ҷо нишаста, мисли каси баста аз нишастан безор шудааст. Хеста ки наметавонад, маҷбуран ба қисмат тан дода, зиндагии бадтар аз маргро идома медиҳад. Фақат аз вазиши насими нарми дашти кушод, ки гоҳ-гоҳ рух дода,то андозае тафси ҳавои сӯзонро фурӯ менишонад, андак ҳаловат бурда, лаҳзае сари хобро мегирад, вале боз аз ҷунбиши баргу навдаҳои дарахтону буттаҳои хушкидаи хордор ва садои пою ғавғои роҳгузарон бедор шуда, ҳаросон ба атроф менигарад. Гоҳо дар сараш хаёли худкушӣ пайдо мешавад.

Мехоҳад, ки худро кушта, барангезандагони дарди хунмакашро, ки ба ҷисмаш нештар зада, аз ҷони ширин безораш мекунанд, хокдаҳан намояд. Баъди аз ҳарду по маҳрум шудан ҳам ҷисмаш аз ҷабри барангезандагони боқимонда халосӣ наёфт. Онҳо гӯё пешомадро фаҳмида, то дами ҷарроҳӣ барои идома додани мубориза ҷояшонро иваз карда, болотар гузаштанд, дар меъдаву рӯда ва дигар узвҳои баданаш маскан гирифтанд. Аз неши ҷонсӯзи онҳо сӯрох гаштану ба ғалбер монанд шудани баданашро ҳис кунад ҳам, боз лабро газида, «замин паст, осмон баланд» гуфта, пеши касе бори шикоят намебарад.«Шукри Худо, хеле беҳтар шудам»- ба пурсишҳо посух медиҳад ва гоҳо бепо буданашро фаромӯш карда, «рӯзҳои наздик бапо мехезам» -мегӯяд Сафари Хоҷа. Дар асл ягон беҳбудӣ намебинад, балки сӯзиши баданаш торафт зиёд шуда, дарди бедармонаш авҷ мегирад. Хашму ғазаби барангезандагони қасдгир, ки қасди ёрони гумшударо гирифтан мехоҳанд, боз ҳам афзуда, ҷонашро ба лаб меоранд ва ҷисмашро ба хӯса монанд мекунанд. Сафаре, ки як замон лунҷҳои суп-сурх, китфону дастон ва пойҳои пургӯшт дошт ва бори шикамашро базӯр мебардошт, ҳоло марди пӯст ба рӯи устухон гаштааст. Рагҳои баданаш барҷаста ва чашмрас шудаанд. Акнун ҳазорон табиб ҳам ҷӯяд, худро дар ҳолати пештара дида наметавонад. Оби рафта аз нав ба ҷӯй барнамегардад. Гумкардаро низ дар шакли аввала пайдо кардан мумкин нест. Кӯтоҳандешӣ карда, неъмати худододро зуд аз даст дод. Орзу кардани даврони гузашта дигар фоида надорад. Ба ҳамааш ганаҳкор худаш. Баъди андак зиёд шудани молу мулк назоратчӣ шуд, дигар даст ба оби хунук намезад, хасеро аз замин намебардошт, кораш хӯрдан буду хуфтан. Лангари иштиҳоро дароз партофта, худро аз ҳад зиёд фарбеҳ ва бадафт кард. Шиками халтазада ба қадди кӯтоҳаш намезебид. Танпарастӣ фурсат намедод, ки чашмонашро бимолад. Андеша намекард, ки ҳама чиз меъёр ва ҳисобу китоб дорад. Агар тан ба кор медод, қувваашро сарф ва равғани баданашро об макард, шояд ба ҳоли бад гирифтор намешуд. Баъди беморӣ ҳам парҳез накард. Барангезандагони дард низ хӯрдании фаровонро дида, барои дар ин пойгоҳ аз ҳамдигар гузаштан саманди

иштиҳоро қамчин мезананд. Вақте ки кор аз кор гузашт, даври ҳукмронии баҳор рафту тирамоҳи умр ҳокими диёри бадан гашт, аз иштиҳо монд. Барангезандагони одаткарда дигар хӯрданӣ наёфта, ночор ба гӯшти баданаш даҳон заданд. Дар айни камолоти умр замони роҳату осоиш ва даврони шоҳияш гузашт, шарбати охирини умрашро чашид ва оқибат мурғи умед аз лонаи ҳастияш парид. Побанду фирефтаи кайфияти дурӯза шуда, таснифу танзими зиндагиро фаромӯш кард, оташи чароғи умри нотакрорро пеш аз мӯҳлат хомӯш кард. Акнун каси дер боз надида ба як дидан ӯро шинохта наметавонад.

Сарвари ноҳия ҳам дертар, баъди корди забон ба устухони ҷон расидан, ӯро шинохт ва дар мусобиқаи сипосгузорон бохт.

Рӯзҳое, ки тани сиҳату дасти дароз дошт, ба касе мадад расонида метавонист, хонааш бозори гардонро мемонд. Ба ҳоҷатмандон мадад мерасонд ва рӯиниёзовардаро ноумед намекард. Пайваста аз дегаш ҳавр мебаромад, ба меҳмонҳои аз дуру наздик омада зиёфат медод. Ӯ аз ҳисоби меҳнати ҳалол, парвариши чорво, рӯёндани ҳосили баланд ва хариду фурӯши маҳсулот доро шуда буд. Аз вазифааш зарар медиду фоида не. Ӯ дастаи ниҳолпарваронеро сарварӣ мекард, ки ҳанӯз токзорашон ба самар нарасида буд. Ҳоло ҳам рӯзгораш бад нест. Боғи калону майдони васеи зироат дорад, аз хоҷагии деҳқонияш ҳосили хуб мебардорад. Фарзандонаш барои таъмини эҳтиёҷи рӯзгор ва табобати падари бемор ҳам дар саҳро кор мекунанду ҳам ба тиҷорат машғуланд. Ҳосили дастранҷро фурӯхта, барои таъмини гардиши молу рӯзгор замина мегузоранд. Фақат тарбузи гирифтаашон, ки санги беҳисоби санглохро мемонад, баъзе хароҷотро пӯшонда метавонад. Вале он ҳама дорой дар қиёс бо ганҷинаи ноёби тансиҳатӣ арзише надоранд. Аз рӯзе, ки дасти дарди бедавое аз домани пироҳани умраш гирифт худро нодортарину танҳотарин одам мешуморад. Аз хонанишинии шабу рӯз дилтанг шуда, мехоҳад, ки дар ҳавои кушод гардиш кунад, дар байни мардум бошад, вале по надорад. Вақте ки дардаш хуруҷ карда, аз сарҳади даво гузашт, табибон дигар илоҷ наёфта, ба хотири эмин нигоҳ доштани дигар узвҳо пойҳои хулбутшудаашро бо-

лотар аз зону буриданд. Марди як умр саҳрогард якбора аз қадамзанӣ монд, дигар гардиш карда ва мошин ронда наметавонад, барои гузаштан аз имтиҳони умри боқимонда китоби дигари зиндагиро мехонад. Ҳар лаҳза аз сараш садҳо хаёл мегузарад, худро эҳтиёт мекунад. Гули хӯрокро оранд ҳам, азоби қазои ҳоҷатро ба ёд оварда, аз тарси дарунравию кашидани бори хиҷолат меъёри тановулро риоя мекунад.

Ҳар пагоҳӣ ӯро фарзандон аз хона ба сари полези бари роҳи калон бурда, дар курсие, ки барои нишастану хобидан мувофиқ аст, мешинонанд ва рӯи пойҳои буридаашро бо матои чармӣ пӯшонда, аз пайи кор мераванд. Азбаски курсӣ тоб намехӯрад, аз тамошои самти боло маҳрум аст ва ноилоҷ ба поён менигарад. Майдонҳои ҳамвору теппаҳои як тарафашон нимҳамворро мебинад, ки замоне замини киштбоб буданд ва аз баъзе қитъаҳояш ду бор ҳосил мегирифтанд. Ҷави пешпазакро даравида, баъди шудгор дар ҷояш дони тарбузу харбуза мешинонданд. Теъдоди талабгорони тарбузу харбузаи ширини лалмӣ ниҳоят зиёд буд. Онҳо аз дуру наздик омада, ин моли бозоргирро мехариданд. Ҳоло он ҳама майдонҳои корами таҳдашт аз беназоратӣ ба хорзору чарогоҳ табдил ёфта, фақат роҳҳову пайроҳаҳо чун хатҳои хонаи дафтари саҳро боқӣ мондаанд. Он навиштаҷотро зиндагиномаи худ пиндошта, аз ҳар варақаш қиссаи айёми наврасию давркони хаскашӣ ва подачарониро мехонад. Дар мавсим коҳдонро аз коҳ ва як гӯшаи ҳавлиро аз хору хаси алавибоб пур мекард. Токҳои боқимонда низ замони саркорӣ ва дар токзор заҳмат кашидани дастаашро ба ёд меоранд. Айни ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ буд, неруи тоза дошт, хасташавиро намедонист, ба гуфте, як пояш дар саҳро буду пои дигараш дар хирман. Ҳар рӯз як ё ду маротиба аз роҳе, ки дарахтони соядори ду тарафаш қатори сарбозонро мемонданд, гузашта, ба маркази ноҳия мерафт ва мушкилеро ҳал мекард. Ҳоло дар панҷоҳ ва сад қадам як дарахти шохаҳояш хушкро мебинад. Садҳо дарахтро онҳое бурида ҳезум кардаанд, ки дар умрашон ниҳоле нашинондаанд. Гузашт он давроні тиллоии умраш. Тағйири вазъи замон дастаи

заҳматкаши ӯро низ пароканда кард ва нишонаи ягона мошини мукофотгирифтааш монд, ки онро ҳам ронда наметавонад. Ҳоло он қаламрави ҳар қадамаш шиносро танҳо ба пои хаёл мепаймояд.

Дидани чеҳраи раиси ноҳия ва шунидани овозаш Сафари Хоҷаро, ки то он лаҳза сокини олами хаёлу хотироти худ буд, муқими ҷаҳони дигар кард.

– Маро мешиносӣ?

– Ҷаҳонгири Давронро хуб мешиносам.

– Аз афташ, пулат бисёр шудааст, ки одам дар назарат одамча менамояд. То заминатро гирифта, хоҷагии деҳқониятро барҳам надиҳам, ба фикрам, ба сари ақл намеоӣ. Кошки аз ҳамин роҳ намегузаштам ва дидори ту барин муттаҳамро намедидам,-гуфт раис хашмгинона ва ба ронанда амр кард, ки мошинро пештар ронда, тарбузҳояшро зер бикунад.

Ронанда ин амрро шӯхӣ пиндошта, мошинро аз ҷо наҷунбонд. Баъди таъкиди дубораи сарвараш маҷбур шуд, ки ба ин амали ноҷавонмардона даст занад. Бечора аз хатти кашидаи раис берун баромада наметавонад, агар берун барояд, дар бало мемонад, аз ҷои кор маҳрум ва ҳолаш бад мешавад. Зеро ӯ ҳамроҳи зану се фарзанд дар як ҳуҷраи хобгоҳи умумӣ, ки барои хизматгорони давлатист, зиндагӣ мекунад. Метавонад ба дигар коргоҳ гузарад, кор бисёр, вале аз ҷои зист маҳрум мегардад. Эҳтиёҷи зиндагӣ маҷбураш кардааст, ки ба бори гапҳои пасту баланд тоб оварда, иҷрои фармонҳои номумкинро ҳам ба ӯҳда бигирад, рӯбоҳмизоҷ шавад. Агар дасти дароз медошт, бо як ишора тали тарбузҳои марди барҷомондаро зер намекард. Бо амри сардор мошинро ба рӯи тарбузҳо давонд, пасу пеш ронд. Ба ҷунбишу беқарорӣ ва таъкиди «андоза нигоҳ дор, ки андоза накӯст. Фармӯш макун,ки ҳамааш мегузарад » -и соҳиби мол эътибор надода, ба тарафи дигари тали тарбуз гузашт. Мехост, ки тарбузҳои боқимондаро ҳам ба хок яксон карда, оташи хашму ғазаби сардорашро хомӯш бикунад. Вале дидани пойҳои буридаи мард, ки аз афтодани рӯйпӯши чармин намоён шуда буданд, ронандаро дар чоҳи даҳшат афканд. Раис ҳам, ки то он дам аз тамошои тағйирёбии ҳолати рӯҳии соҳиби мол лаззат мебурд, аз

дидани пойҳои бурда безобита шуд.Забони лоли он ду ноҷавонмард, ки гуноҳи содиркардаашон ягон роҳи ҷуброн надошт, дигар гирди вожаҳои узру пузиш гашта наметавонист. Дилаҳои пошхӯрдаи тарбузҳо, ки пештар ба чашмонашон латтапораҳои сурх метофтанд, акнун дилу ҷигари рехтаи марди бепоро мемонданд. Гирдбоде, ки ногаҳон аз хоктӯдаи бари тали тарбуз бархост, тоб хӯрдатоб хурда, панҷаи хокеро, ки гӯё подоши амал буд, ба сару рӯяшон зад ва раису ронанда давом додани роҳу ифтитоҳи бинои мактаби навро фаромӯш карда, илоҷи аз ин варта баромаданро меҷустанд…

## ҲАСРАТИ ДИДОР

Зимистони тӯлонии онсола, ки мисли ҳокими шаҳди мансабро чашида, мавқеашро бекашмакаш ба фасли баҳор додан намехост, бисёр сарди сахттаъсир буд. Лашкари тундбоди муҳофиз қудрати худро нишон дода, сад дар сад дуруст будани мақоли «дар фасли Наврӯз, чил кунда бисӯз»-ро тасдиқ мекард. Намедонист, ки дар як гӯшаи фалак низ лашкари нерӯманди нурҳои офтоб ҳамчун ҷонибдор барои ба сари қудрат омадани намояндаи фасли баҳор нақшаи ҳуҷум мекашад ва мардумро аз вартаи ноумедӣ мераҳонад. Воқеан, мардуми интизори баҳори оламафрӯз аз хирагии ҳавои барфолуд ва хонанишинии худ безор шуда буданд. Рӯздармиён барфи майда ё лак-лакӣ меборид. Дар боғҳо ва дашту ҳомун аломати бедоршавии табиат ба чашм намерасид. Сафедпӯшони ғазабдор ҳанӯз ҳам бедодӣ карда, имкон намедоданд, ки сабзпӯшон ҳам аз гиребони худ сар бароранд. Идома ёфтани ин мубризаи сахт умеди ҳастии деҳотиёни захираашон камшударо то андозае барҳам мезад. Аслан бисоти рӯзгори соддаи онҳоро ду-се халта гандуму чанд дарза ҳезум ва андак хасу коҳ тишкил медод. Аксар каҳдону ҳезумхона ҳатто пари коҳу чӯби дандонковӣ надошт. Онҳое, ки дар мавсими дарав бепарвоӣ карда, мушкилоти фасли сарморо саҳл мепиндоштанд, акнун худро дар паси дари хонаи мардуми андак захирадор мегирифтанд. Гоҳо хоҳишашон иҷро мешуду гоҳо не. Дорандагон ҳам аз пе-

шомад метарсиданд. Зеро лашкари бераҳми сармо аз доираи итоъат берун баромада, мехост, ки ҳоли ҳамаро аз будаш бадтар бикунад.

Ёрони ноумедгашта илоҷи дигар наёфта, бо дили нохоҳам роҳи саҳроро пеш мегирифтанд. Онҳо хору хаси барггрехтаи аз бори барф хамхӯрдаву шикастаро даравида, ба хона меоварданд ва то рӯзи дигар аз банди мушкилоти ҳаёт мерастанд. Дар миёни хаскашон писараки тахминан 14 солае низ буд, ки бо чеҳраи коҳидааш аз дигар даравгарон фарқ мекард. Кабудии дастон ва дир-дир ларзиданаш аз ҷисми обутобнаёфта ва дасту бозуи пурзӯр надоштанаш гувоҳӣ медод. Бечора бе мадади дигарон дарзаҳоро ба маркаб бор карда наметавонист. Маркаб ҳам аз итоат сар печида, ғамаш медод. Гоҳо аз якбора давидану ногаҳон дар ҷо истодан бораш чаппа мешуд ва гоҳо аз бадхислатӣ сараш дар зери бори дарзаҳои партофтааш мемонд. Писарак маҳз бо ҳамин сабаб тоқа ба саҳро рафтанро хуш надошт, ҳатман хамроҳ мекофт. Гоҳо маҷбур мешуд, ки тани танҳо ба саҳро биравад. Агар ба адир нарафта, мисли занбӯри асал холӣ ба хона бармегашт, зери борону барфи таънаву маломат монда, субҳи умедаш ба шоми ҳасрат табдил мееёфт. Ҷабру зулме, ки дар хона медид, аз мушкилоти бори аз маркаб афтода ва ҳуҷуми сармои қаҳратун ҳам сангинтар буд. Писарак ҳангоми танҳо ба пушта рафтан дар ҳалқаи шӯрандозони хаёл, ки дили касро аз зиндагӣ сард мекарданд, афтода, роҳи аз ин варта раҳиданро меҷуст. Онҳо ӯро ба чоҳи ноумедӣ тела дода, дар танҳоии ваҳмовар аз боби дунёбезорӣ қисса мегуфтанд. Баъди шунидани қисса ҳатман аз дил мегузаронд: «Чаро ба дунё омад? Оё аз зиндаҷудоиву надидани рӯи осудагӣ ба олам наомадан беҳтар набуд? Чаро падару модар хотири ӯро надида, зуд аз ҳамдигар ҷудо шуданд? Кӣ сабабгори хати талоқ шуда бошад? Ва ба ҳамин маънӣ мизроби дигар суолҳо ба тори асабаш нохун зада, гунгеро соҳиби забони гӯё мекарданд.

Дарду ғами зиндагӣ ва ҷабру зулми солҳои охир доираи андешаҳои писаракро торафт фарох мекард. Баъди рӯйдоди вазъияти нохубе ё дашному таънае писарак худро ба қаъри баҳри андешаҳо зада, дурри

маънии суханҳои пардапӯшро ҷустуҷӯ мекард ва аз ёфтаҳо хулосаҳои мантиқан дуруст мебаровард. Он чӣ ки дар доираи фаҳмаш намегунҷид, мисли бори гароне тори нозуки асбашро таранг мекард. Вале аз бими таҳдиди волидон ҷӯръат намекард, ки хабари ин ҳолати зиндадаргӯриро ба дигарон расонад. Агар мерасонд, асрори оила ошкор ва теъдоди бадбинонаш зиёд мешуд. Ноилоҷ домани сабрро гирифта, намегузошт, ки хомӯшиаш оҳанги фарёд бигирад ва мисли какб аз фарёди ноҷо бимирад.

Писарак фурсати холӣ надошт. Аз саҳар то бегоҳ ҷунбуҷӯл мекард, ҳезум мешикаст, аз пушта хасу хор мекашонд, аз чашма об меовард, оғилҳоро мерӯфт, ба чорпо ва мурғон хӯрок медод. Аз меъёр зиёд кор ҳам, ки мекард «ландаҳур»-аш гуфта, номи аслиашро қариб ба забон намегирифтанд. Танҳо аз паси дарвоза ва пушти девори хона: «Нодир, ҳо Нодир» гуфтани ҳамсоягону хешовандони ба меҳмонӣ омада ва фарёди баланди «биё ба мактаб равем, дер шуд»- и ҳамдарсонашро мешунид ва лаҳзае аз ном доштанаш ифтихор мекард. Лақаби

«ландаҳур»-ро ҳам падарандар ба ӯ дода буд. Он марди зиштрӯй ҳатто тамом шудани захираи хонаро ба тӯл кашидани фасли сармо не, ба бепарвофалакии ӯ часпонда, дар ҳар нишасту хез гӯшрас менамуд : «Аз дасти ин шумқадами дарди сар ва ландаҳури исрофгар ҳама захира буд шуд. Коҳу алафро аз меъёр зиёд дод. Ба мурғон донро арзонӣ дошт, хонаи ҳезумро сӯхт» ва дуо мекард, ки : «Илоҳӣ дасти ин «саховатманд» шиканад, хасеро аз ҷо бардошта натавонад ». Модар дар ин ҳолатҳо аз ноилоҷӣ шикоятҳои беасоси шавҳари бадхашмашро тасдиқ мекард. Вале дар танҳоӣ худро барои беҷӯръатӣ, ки он аз тарси дубора бева гаштану бадном шудан сар мезад, маломат менамуд. Писараки аз ин дарду алам бехабар дар симои модар бадбинашро медид ва дилаш аз одаму олам мемонд.

Дар пушти тирезаи хона барф меборид. Табиати тозакор барои доғдор нашудан палосҳои пештар партофтаашро аз нав ҷилпӯш мекард. Дарахтон ҳам аз болои такпӯши рангаш барфӣ боз пироҳани сафед мепӯшиданд.

Шушаҳои найзамонанди лаби бомҳо низ аз ҳисоби чарби сафеди навпайдошуда, наёмдор мешуданд. Ҳавои берун сард буд, вале бадани писарак аз таъсири зарбаи суханҳои сард ва бори таънаву маломат дар хонаи гарм ҳам меларзид. Тунбоди зимистони сабилмонда нолаи гургони пур аз хашму ғазабро мемонд. Ба болои сармои сахт асари ҷанги шаҳрвандӣ зам шуда, бисёр оилаҳоро ба азобу машаққати сахти рӯзгор ва камбизоатӣ гирифтор карда буд. Аҳли хонадони онҳо низ аз дарди камбағалӣ асабонию пургӯ шуда, бо либоси баданашон соз намегирифтанд. Дар чунин мавридҳо падарандар пайкони кинаву нафраташро, ки ҳамсар тоби диданашро надошт, сӯи Нодир меафканд. Модар сипару ҷавшани муҳаббаташро вонамуд накарда, бо баҳонаи анҷом додани коре ин сӯву он сӯ рафта, дами роҳи пайкони фиристодаи шавҳари бераҳмашро мебаст. Вале дар хилват барои ҳӯшдор шудани фарзандаш таъкид мекард: «Наход падарат зинда бошаду ту дар хонаи падарандар рӯз ба сар бубарӣ. Мардбачаи ҳақиқӣ бори зиндагии худро бардошта, онро ба дӯши дигаре намеафканад…»

Нодир бозии зери ин пардаро ҳам нафаҳмида, ба нақши офаридаи модараш, ки дар кинааш осори меҳру дар меҳраш нишони кина дошт, баҳо дода наметавонист. Намедонист, ки бо ин роҳ он муштипар заҳри дарду алами косаи дилашро ба ҷоми пур аз шарбати беғамии шавҳари худхоҳаш мерезад.

Модар қиссаи бо амакаш вохӯрдани писарашро намедонист ва гумон мекард, ки Нодир аз қисмати гузашта бехабар аст. Аввалҳо сирри ятим набудани Нодирро пинҳон мекард ва аз боби кӣ ва чикора будани қиблагоҳи асосии писараш лаб намекушод. Мехост, ки Нодир падар доштанашро надонад. Вале дар ду соли охир, хусусан дар ҳамин фасли дарозу дилгири сармо лангари суханро дуртар партофта, номи шавҳари аввалаашро озод ба забон мегирифт ва ишора мекард, ки «Мардбачча бояд худаш роҳи ҳаёти минбаъдаро биёбад. Ҳуқуқ дорад, ки мустақил бишавад, агар падар дошта бошад, метавонад ба даргоҳи падараш биравад…»

Писрак аввалҳо сабаби ин таъкиду ишораҳоро дар тангдастӣ ва мушкилоти рӯзгор медид, баъдтар нуктаи

назараш дигар шуд. «Наход сабабгори ҳама бадбахтӣ ва пешомади нохуб танҳо ятимаке бошад? Чаро модар пишаки фарзандони дигарашро пишт нагуфта, фақат маро сарзаниш мекунад? Ё ки қасди шавҳари авваларо аз писари худ гирифтан мехоҳад? Ба гардани як писараки бехабар аз он рӯзгор партофтани бори ҳама гунох аз рӯи инсофу адолат нест. Чӣ гузашт аз байнашон, надонад…»

Писарак баробари дидаи ақл кушодан худро дар ҳамин хона дид ва бори нахуст падар доштанаашро дар роҳи мактаб аз забони ҷавони хушсурате, ки худро амаки хурдияш муаррифӣ кард, шунид. Падарашро ҳамранги амакаш пиндошта, бо симои падарандар муқоиса кард. Гардани баланд, рӯи лолагун, мӯйлабу абрӯвони дудӣ, бинии рости беайб, чашмони рӯшани обдор, мӯйҳои сиёҳи андак ҷингила ӯро аз дигарон фарққунанда мегирифтанд. Вале нишонаҳои ин тасвирро дар чеҳраи сиёҳрангу гундимонанд ва чашмони бумии падарандараш пайдо карда натавонист. Бо гузашти солҳо шояд ҳамин фарқият алами модарашро зиёд карда буд ва гумон мекардӣ, ки ӯ қасди шавҳарашро аз писараш гирифтан мехоҳад. Зеро писараш каллаи кандаи падарашро мемонд...

Барфҳо ҳам об шуданд, нишонае аз ҳуҷуми лашкари сармои аз яххо сипару найзадор ҳам намонд. Фасли баҳор ҳокими мутлақи диёр шуд. Офтоби саховатманд ба дили хок гармӣ бахшида, дашту ҳомунро сабзпӯш кард. Насими накҳатдор вазида, ба кас рӯҳу ҳаловат мебахшид. Баъди чор моҳи дағдағаи ҳокимӣ лашкари шикастхӯрдаи сармо рӯ ба гурез оварда, дар паси ағбаи умр макон гирифта бошад ҳам, вале писарак ҳанӯз чеҳраи офтоби меҳри обкунандаи яххои дилашро намедид ва аз доираи муҳити сарди андешаҳои дерина берун баромада наметавонист. Шабҳоро бо камхобӣ рӯз мекард. Дар тирикии хона, ки чароғҳоро барвақт хомӯш мекарданд, ғайри шамъакони дидагони ятимаке, ки рахшиданашонро дигарон пай намебурданд, чароғаке вуҷуд

надошт. Писарак дар атрофии чандин масъалаи муҳим, ки паҳлӯҳои фардои ҳаёташро дар бар мегирифтанд, андеша карда, ба саволҳои пайдошуда ба қадри фаҳм посух мегардонд. Саволҳои беҷавоб ҳам кам набу-

данд. Дар ин миён хаёлан худро дар паҳлӯи падар ва ба сараш дасти навозишро медид. Падар ӯро мошинсавор то назди донишгоҳ бурда, аз пайи кор мерафт. Дар ӯ нишонаи фиребу найрангро надида, корҳои бозорӣ ва сарфи маблағро ба ихтиёраш супурда буд. Бо вуҷуди ин модарандар аз рашк дар дили кӯдаконаш нисбат ба ин меҳмони нохонда ҳисси бадбанӣ мепарвард. Писарак дар ин даргоҳ низ ранг нагирифтани обашро эҳсос карда, ба кадом дар задани сари сахташро намедонист. Вале ҷонибдории падар умеди бадбинонро барҳам зада, ҷавлонгоҳи бовариашро васеътар мекард. Маҳз ҳамин андешаҳою хулосаҳои бароварда ва ёфтани таъбирҳои хобҳои дида, ӯро ба сари мақсади дидани дидори падар меовард. Оқибат рақами телефони кории қиблагоҳи ҳанӯз надидаашро пайдо карда, бо ангуштони ларзон рақам гирифт. Аз он сӯ садои ба овози амакаш монанд ба гӯш расид. Фаҳмид, ки гӯширо падараш бардоштааст. Баъди салом гуфт:- Агар пул қарз гирифта ба шаҳр биёям, маро қабул мекунед?

– Нашинохтам, шумо кӣ ҳастед?

– Ман писаратон Нодир.

– Нодирҷон?

– Бале!

– Нодирҷонамро, шираи мағзи устухонамро ба ҷону дил қабул мекунам. Қарз нагир, ба даре рӯи ниёз наовар, пуле, ки мефиристам, то бегоҳ ба дастат мерасад. Тавонӣ, ҳар чӣ зудтар биё, ҷони падар, туро бесаброна интизорам, зудтар биё, ки аз дидани дидори мубораки ту дили солҳо ноосудаам ором бигирад.

– Меоям, додоҷон, пагоҳ не, албатта пасфардо меоям…

Ҳолати падар чӣ гуна буд, Худо медонад, вале бори нахуст дар чашми писарак ашки шодӣ пайдо шуд. Илтифоту шунидани сухани нарм шӯълае буд, ки дили солҳо сардашро якбора гарм кард.

Қарибиҳои говгуми ҳамон рӯз, ки навакак азони намози шомро дода буданд, ҷавони ношиносе даричаи ҳавлиашонро кӯфта, номи Нодирро ба забон гирифт. Писарак, ки дар пеши дари каҳдон буд, сабадро як сӯ

гузошта, зуд ба истиқболаш шитофт. Хайрият, ки аз омадани он ҷавон касе хабар наёфт.

– Ба ман Нодири писари Наим лозим аст.

– Ман писари ҳамон касам.

– Падарат роҳпулӣ фиристод, ҳамон амонатро овардам. Пасфардо туро интизор аст,- таъкид кард ҷавони рамузфаҳм вазъи ҳоли писаракро фаҳмадидагӣ барин

«фурсатам танг, имкони нишастан надорам» гуфт ва ба мошин нишаст.

Писарак баъди анҷом додани корҳои боқимонда ба хилвате рафта, пулҳояшро шумурд. Ҳеҷ гоҳ ин қадар пули бисёрро надида буд, ҷои пинҳон карданро намедонист. Пул ба роҳкирову нав кардани сару либос ва барои ба аҳли хонавода харидани масоили якмоҳаи хӯрданӣ ва пӯшиданӣ мерасид. Ҳамрози боваринок надошт, ки ин сирро бигӯяд, ҳатто аз модараш шубҳа мекард. Вале аҳд кард, ки пеш аз ба назди падар рафтан як қисми маблағро ба модараш дода, дуо мегирад.

Пагоҳии рӯзи дигар писарак ба оғил, ба назди модари говдӯшаш рафта, баъди банди гӯсоларо доштану фурсате гузаштан масъалаи ба назди падар рафтанро гузошт: «Ман ба назди падарам меравам, падарам пули бисёр фиристодааст»,- гуфт писарак ва як қисми пулро ба модар дароз кард.

Модар бидони пур аз ширро як сӯ гузошта:- Пули туро чӣ мекунам, ба ман худат лозим. Ман барои ту шуда умри ширинро барбод додам. Заҳри дашному таънаҳо чашида, бори ҷабру ситам кашидам. Ба зиндадаргӯрӣ тоб оварда, туро ба ятимхона надодам. Як лаҳза бе ту буда наметавонам, зӯри зиндагӣ намерасад, фақат марг маро аз ту ҷудо карда метавонад. Майлаш бурун аз деҳа, дар ягон ҷои хилват бо падарат вохӯр, вале ба шаҳр марав, аз барам дур машав- ҳунгос зада гирист модар.

Дили писрак ба модар, ки дидаи ҳайрон шуда, гиря дар гулӯяш дармонда буд ва дигар давоми меҳрашро изҳор карда натавонист, сӯхт ва баробараш гирист. Бовар кард, ки ҳама ишораҳову таънаҳои модар аз рӯи дил будааст, аз дасти рӯзгори мушкил будааст. Дар як лаҳза ҷои ҳама ҷароҳату доғи деринаи писаракро шӯълаи меҳр ги-

рифт ва ятим будани худро фаромӯш кард. Силаи дасти навозиш ва дубора шунинидаи овози пасту ҳасратолуди модар «Падарат ошиқи зорам шуд. Дили мани духтараки ба хондан рафтаро бехабар бурда, барои ба кӯи васл расидан ба хонаи бобоят хостгор фиристод. Баъди ду соли ҳаёти хуби хонадорӣ ва таваллуд шудани ту дасти тӯҳмати кадомин нокасе ду гули ошиқи печонро аз ҳам ҷудо кард. Падарат аз устоди донишмандам, ки ҳамсоли бобоят буд, рашк бурда, хати талоқи мани бегуноҳро дод. Бобову бибият тори ҳастии мани беваро маҷбуран ба пуди умри ҳамин марди дилтангу одамбезор пайвастанд. Худо раҳматашон кунад, худашон гузаштанду зомини қисмати ману ту гаштаанд. Натиҷаи ҳамон пайванди номувофиқ буд, ки ҷои нарми нишасти бахти туро ин рағзаи дурушти ҳаёт гирифт…»

Садои мошини пушти дарича модару писарро маҷбур намуд, ки сӯҳбатро қатъ карда, ҷониби кӯча шитобанд. Писар пештар расида, дар назди мошин ҳамон ҷавони амонатовардаро дид. Ҳолаташ парешону чеҳрааш коҳида метофт. Модар ҳам баъди лаҳзае сарашро аз дарича берун кард.

– Хола, ман бояд Нодирҷонро ба хонаи раҳматии бобояш бубарам. Дар ҳамин вазъияти нотинҷ, ғами ҷони худро нахӯрда, аз марказ як даста роҳбарони бонуфузу воломақом омадаанд. Имкони сабр кардану бафурҷа ба хок супоридани маитро надоранд, зуд баргашта рафтанианд. Мардбача бояд бо падари шаҳидгаштааш, ки ӯ умри азизашро дар роҳи даъват барои ҳифзи марзу бум ва таъмини сулҳу осудагӣ сарф кард, видо кунад.

– Ҳайфи Наимҷони ғуррамарг, ки фарзанди хоҳони дидорашро дубора ятим кард…

Ронанда Нодири беҳушгаштаро аз замин бардошта, ба мошин шинонд ва худ ба паси чанбар нишаст.

– Як дам сабр бикун, додар, ман ҳам бояд ба видои бахти аввал биравам,- гуфт зан ва нолакунон барои пӯшидани либоси мотам ба хона даромад…

# ГӮРИ ХОЛӢ

Полковники мустаъфӣ Далери Ҳабиб, ҳамон марде, ки умре дар ҳама сабқату санҷишҳои ҳарбӣ ва гузаронидани амалиёти махусан вазнин ширкат варзида, ягон маротиба шикаст нахӯрда буд, бори нахуст, баъди дидани гӯри холӣ худро мағлубтарин инсон пиндошта, ашки дидагонашро пинҳон карда натавонист. Аз дидани гӯри холӣ дар банди хаёлҳои мухталиф афтода, аз дарду алами зиёд заминро газид ва муддате хомӯшона гирист. Баъд сарашро андак бардошта, бо чашмони ашколуд ба атроф, ба пуштаи мазор ва дуртар аз он, ба ҷойҳои ҳамвору баландиҳои зинадор нигарист. Панҷаи дарду ҳасрат дафтари хотираҳои деринаро саҳифагардон кард. Чандин лаҳзаи рӯзгори гузашта ва пастиву баландии роҳи тайгашта ба ёдаш расид ва дар ҳар рафта нишонаи аз нав омаданро дид. Хаёлан аз байни токзори пуштаи хандақпеч, ки аз появу тор осоре надошт, бори баргу навда ва меваашро ба рӯи хок партофта буд, гузашта, ба замини полез омад. Дид, ки модари сариштакораш дилаҳои харбузаро оҳиста ба тори каппаи хаспӯш мепартояд ва барои дар фасли сармо бо ғизои таъмин будан печак захира менамояд. Падараш аз паси маркаби бордор қадам зада, ба дари чапармонанди баромадгоҳи полези гирдаш хандақпеч наздик мешавад. Маълум аст, ки ба даргоҳи интизоре меравад.

Қиблагоҳаш марди бисёр саховатманд буд, ҳатто луқмаеро танҳо хӯрда наметавонист. Ҳама баракатро дар хайру сахо дида, ҳар рӯз ба ин ё он хона хӯрҷину ҷуволи пур аз тарбузу харбуза мебурд. Мехост, ки хурду калони деҳа ва раҳгузарон самари боғу полезашро бичашанд. Ба онҳое, ки аз дуру наздик ба деҳаашон барои об меомаданд ва аз роҳи паси хандақ мегузаштанд, себу ангур ва тарбузу харбуза медод.

Боре ӯ дар ҳузури додараш сиёҳхори наймонанди дарунаш холиро сигор карда, бо умеди кашидан, ки ақли кӯдаконааш ба оқибати кори нохубаш намерасид, даргиронд ва оташи пайдошударо хомӯш карда натавонист. Оташ аз ғизои ба комаш афтода- таҳмондаи хору хаси

чандинсола, аллафҳои навдаравида ва дарзаҳои қатрабону уштурхори талчида аланга гирифт. Мардуми деҳа дуди ғафси ба ҳаво печидаро дида, дар як мижа задан дар даст белу каланд ва ҷорӯбу зарфҳои пуроб ба ҷои ҳодиса расиданд. Бо азобу машаққати зиёд сари роҳи оташро баста, нисфи боғро аз сӯхтан эмин нигоҳ доштанд. Он рӯз падараш барои фурӯши дастранҷ ба бозор рафта буд. Дар бозгашт аз роҳи дур дуди ғафси ба фалак печидаро дида, то расидан ба пушта қариб ҷон аз дасту пояш бароянд. Вале писараш аз тарси кори карда ба деҳа рафта, дар оғилашон пинҳон мешавад. Дар нимаи дуюми рӯз милиса омада, мехоҳад, ки мӯйсафеди навакак аз бозор баргаштаро ба мототсикл шинонда, ба пурсишгоҳ бубарад. Вале қатори мардум дами роҳи ҳаракати сечархаро гирифта, намегузоранд, ки барои дарахтони сӯхта қадрдонашонро ба ҷавобгарӣ бикашанд. Хайрият, ки додараш, сабабгори пайдо шудани ҳамин гӯри холӣ, боақлӣ карда, хоҳарчаашро аз ҷои ҳодиса канора мебарад. Агар ба хоҳараш ягон воқеа рух медод, касе мӯйсафедро дифоъ карда наметавонист.

Нигоҳи Далери Ҳабиб аз рӯи гӯри холӣ лағжида, ба гӯри падару модараш бархӯрд. Хам шуда чанд сӯрохии болои гӯрҳоро, ки аз кандани мушҳо пайдо шуда буданд, аз нав хокпӯш кард. Баъд ба навиштаҷоти санги рӯи гӯри волидон, ки пайвандон пеш аз ҷанги шаҳрвандӣ гузошта буданд, нигарист ва соли умри ворисонро аз адади он солҳо тарҳ кард. Он вақт биступанҷ сол дошт, аппааш се сол калон, додараш ду сол ва хоҳаракаш чор сол аз ӯ хурд буданд. Ҳоло ҳама фарзанддор ва соҳиби хонаву дари худанд. Агар волидон зинда мебуданду даҳшати ҷанги шаҳрвандиро медиданд ва моҳҳо фарзанди калони дар майдон будаашонро интизорӣ мекашиданд, ҷон ба саломат намебурданд. Аз шунидани ҳар хел хабарҳои шум талхакаф шуда мемурданд.

– Зиндагӣ ҳар лаҳза нафас шумурдан ва оқибати ҳар зинда мурдан будааст. Зиндагӣ талх аст, онро марг ширин мекунад,- хулоса баровард Далери Ҳабиб ва як гӯшаи пуштаи мазорро, ки чанд сол пештар майдони холӣ буд, далели бемеҳрии модари гетӣ донист. Ва дар ҳамон як лаҳза аз пеши рӯяш чеҳраи даҳҳо нафари ши-

нос гузашт, ки шири хӯрдаашон хуни ҷигар гашт. Ду қадам онсӯтар гӯрҳои решапайвандон: аммаву хола, амак ва тағояшро дида, ба чӣ дард гирифтор шудану бо чӣ азоб аз дунё гузаштани ҳар кадомеро ба хотир овард. Роҳи чанд соли баъдинаро бодвор паймуда, худро вакили анҷумани водии хомӯшон дид. Вале баробари ба чашмаш бархӯрдани ҳарфҳои калони санги мармари сиёҳ риштаи хаёлаш аз олами нестӣ ба маскани ҳастӣ, ҷониби дарди хуфтаи дерина, ки дар худ осори таъсири бемориҳои замон дошт, тоб хӯрд.

*Генерал майёр Собир Ашрафӣ*
*(1945-2005)*

*Қиблагоҳи рутбадори мо гузашт,*
*Даври умри шаҳдбори мо гузашт.*
*Аз номи фарзандон.*

Баъди хондани навиштаҷот дар банди саволҳои беҷавоби худ монд. -Чаро ӯро дар мазори номдорони шаҳр гӯр накарданду ба ин ҷо овардаанд? Шояд васият карда бошад. Оромгоҳи гузаштагони ин кас ҳам дар ҳамин ҷо будаасту худро бегона вонамуд накардааст. Киҳоянд хешовандону пайвандонаш?- фикр кард Далери Ҳабиб ва рӯзҳои ҳамроҳи генерал кор карданашро пеши рӯ овард.

Мувофиқи расму низоми ҳарбӣ ӯро бе пурсиш, ба он қисме, ки генерал сарварӣ мекард, гузаронданд. Аз рӯзи аввал Собир Ашрафӣ аз бими «мабодо ҷояшро бигирад» ба марди машҳури корзор рӯи хуш надод. Баъдтар фаҳмид, ки генерал манфиати шахсии худро аз ҳама муқаддасот боло гузошта, ба ҳарбиёни ҳақҷӯю сарбаланд ҳамин хел муносибат мекардааст. Ӯ зоҳиран худро содиқи халқу ватан нишон медод, вале дар асл бештар ба миллатҳои ғайр майл дошт. Сабақи таърихро ба инобат нагирифта, аз хати кашида ва доираи маслиҳати онҳо берун намебаромад. Хизмату гарди попӯшашро тутиёи чашм кардани онҳоро садоқат пиндошта, намефаҳмид, ки ин сайёдони хам-хамрав қасди мурғи ҷонаш доранд. Далери Ҳабиб ба ин муҳити пурғубор тоб наоварда, бо сад даводав ва хотирандозӣ дубора ба ҷои кори аввалааш

баргашт. Баъди як моҳи хизмат барои бозомӯзӣ ба хориҷи кишвар равонаш карданд. Вақте ки хабари марги маҷбурии генералро шунид, мӯи сараш рост хест ва таъкиди «бегона саги девона»-ро барҳақ шумурд, вале дар куҷо хок щуданашро намедонист. Акнун бо чашмони худ хокдаҳан шудани генералро дида, аз дил гузаронд:- Ту чӣ донӣ, ки ба ҳар гард саворе будаст. Шояд ин гардҳо сарбозони савораанд, ки ҷазои тамаъҷӯро дода, шаҳдро ба комаш заҳр карданд. Ин тоифа оқибати корро наандешида, мехоҳанд, ки якбора ҳам соҳиби кому ҳам соҳиби ном шаванд. Вале ба мақсад нарасида, аз зарби ханҷари хаёлҳои хом шаҳид мегарданд. Додараш ҳам аз ҷабри номаълуми ҳамин гушначашмон барвақт, дар айёми сарсабзӣ ва гулшукуфти умр аз олам гузашт. Ин баҳор аз баҳори орзукардаи модараш фарқ дошт. Модари як умр нотавону дардмандаш дуокунон мегуфт, ки «Худованди бахшандаву меҳрубон, ҷони мани хазонранги зори дармонро дар баҳоре бигир, ки дар рӯзаш офтоби омехтаи нам-нами борон бошад ва аз тарафи боғ бӯи гули себ ба машом расад. Нишонае аз замини лағжонак намонад ва тобутбардорон рӯ-рӯи қолини сабзи саҳро қадам гузошта, ба хонаи охиратам бубаранд…» Дуояш мустаҷоб шуд. Шаби фавташ ҳавои сард дар бисот борони барфолуд дошт. Вале пагоҳӣ офтоби набудае аз зери абр пайдо шуда, то дами дафн нами заминро паронд ва тобутбардорон дар роҳи кӯтали гӯристон азоб накашиданд. Марги бародараш ҳам ба фасли баҳори гулафшон рост омад, вале ин баҳор дар худ паёми бӯи хазон дошт.

Далери Ҳабиб акнун дастаи нури нигоҳи гумҷӯяшро аз ҳама нуқтаҳо гирифта, фақат ба даруни гӯри холӣ фиристод. Мехост ба ҳамон гӯри холӣ дарояду дидори баднафсону мардумфиребони замонро набинад. Вале ҷон дар ҷои ширин, осонакак аз хонаи тан баромадан намехоҳад. Кай ва дар куҷо аз тан ҷудо шуданашро ҳам касе намедонад.

Воқеан, ҳеҷ кас ихтиёран мурдан намехоҳад. Нафас гирифтан мехоҳад, ҷон супурдан намехоҳад. Инсон бақои зиндагиро дар ҳаракат дида, барои ҳифзи тансиҳатӣ медаваду меҷаҳад ва даҳҳо машқи баданро ба ҷо меоварад. Роҳи кӯтали пуштаи мазорро озодона ва бе ҳак-ҳаку

дамгирӣ тай кардани Далери Ҳабиб низ нишонаи машқи пайваста буд. Вай исбот намуд, ки ҳанӯз пир нашудааст, қуввати ба баландӣ баромадан дорад. Дӯсти деринааш Абӯалии муаллим, ки ҳамроҳияш мекард, аз ӯ хеле ақиб монд. Аз тарзи қадаммонӣ ҷонро азоб надоданаш маълум мешуд. Зеро баъди фатҳи ҳар теппача бе нишастану лаҳзае дам гирифтан роҳашро давом дода наметавонист. То даромадгоҳи мазор чанд баландии дигарро, ки дар маҷмӯъ ба дидаи нозукбин зинаеро мемонад, гузаштан лозим меомад. Теппаи охирин то майдончаи нимҳамвори поёнтар аз даричаи мазор доман паҳн карда буд. Далери Ҳабиб ҳангоми кушодани симҳои печондаи даромадгоҳи мазор «салом, аҳли қубур» гуфт ва баргашта ба ақиб нигаристу дид, ки Абӯалӣ ҳанӯз ҳам зӯр зада, миёнашро дошта, қадам мегузорад. Интизори ӯ нашуда, ба пайроҳаи монанд ба хати ҷӯй, ки аз байни гӯрҳо мегузашт, оҳиста қадам ниҳода, худро ба сари гӯри волидон гирифт.

– Дар ҳаққи арвоҳҳо дуо хондӣ?-гуфтани Абӯалӣ, ки баъди ором гирифтани ӯ расида омад, риштаи хаёлашро барканд.

– Не, маътали ту истодаам.

– Як лаҳза сабр бикун, андак нафасам рост шавад, худам қироат мекунам.

– Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст. Ғайри тоб овардану сабр кардан дигар чора надорем.

– Меваи дарахти сабр ширин аст,- гуфт Абӯалӣ ва ба қироати ояте аз Қуръони маҷид пардохт. Тарзи талаффузи ҳар як ҳарфу ҳиҷо ва кашишҳо хуб риоя мешуд ва овози пураламаш таъсири маъниро пурзӯртар намуда, тамоми лаҳзаҳои зиндагиро радду бадал ва ба ҷаве арзиш надоштани умри гузароро таъкид мекард.

Хуб шуд, ки Далери Ҳабиб ҳамчун имтиёздори собиқаи корӣ дар айни камолоти умр ба нафақа баромад. Метавонист, ки бо сабаби нарасидани нерумандони ҳарбӣ муддате чанд дар кор бимонад. Вале муҳити носозгор ва амалҳои маккоронаю зулми мардумфиребон маҷбураш карданд, ки домани осудагиро бидорад ва ба нафақа барояд. Сад сол кор кунад ҳам, фоида на-

дорад. Охираш бори қисматро ба танҳоӣ бурдан ва ногаҳон мурдан аст.

Солҳои охири кор азоби сахт кашид. Роҳи дармон ёфтани дарди марговари нобасомониҳои мамлакатро меҷуст. Барои хомӯш кардани оташи ҷанги таҳмилӣ ва аз вартаи нестӣ нигоҳ доштани ватан мубориза мебурд. Ҳама вақт дидаи назорат буд, аз дидгоҳ дур рафта наметавонист. Ҳар рӯзу шаб рух додани таркише, суиқасд ба ҷоне ва шабохун задан ба маҳали зисте осудагии ӯ ва ҳамхизматонашро барҳам мезаданд. Хоб надоштанд, мижа таҳ накарда, иншооти махсусан муҳимро муҳофизат менамуданд. Баъзан аъзоёни дастаашонро бо навбат ба майдон мефиристоданд. Ӯ ҳам дар анҷом додани чандин амалиёти махсусан вазнин ширкат карда, борҳо аз сарҳади марг гузашт ва, хушбахтона, худро боз дар маскани ҳастӣ гирифт. Дар байнашон қурбоншудагон ва шерони майдонғариб кам набуданд. Номи фавтидагон, ки рӯзи видоашон «ёдатон абадӣ дар дили мо мемонад» мегуфтанд, зуд аз лавҳи хотирҳо фаромӯш мешуд. Шерони майдонғарибе, ки дар рӯзҳои вазнин беморхат доштанд, баъди тантанаи осудагӣ худро пешоҳанги муборизон гирифта, ба дигарон интизому машқи ҳарбӣ меомӯхтанд. Изои мӯъмин ҳаром, симои яке аз ҳамразмони ҳамонвақта, ки аз баромадани садои тири нахустин худро дар ахлотрав гирифта, дигар ба майдон барнагашт, ҳаргиз аз хотир фаромӯш намешавад. Вақте ки сулҳ фаро расид, ба ҳамон кас, ки ҳанӯз аз баданаш ба машом бӯи бад меомад, саҳван, шояд саҳван ҳам набошад, рутбаи баландтар доданд ва сардори ҷонфидоён таъйинаш карданд. Бахил набошад ҳам, сахт аламаш кард. Қариб буд, ки аз васвасаи дастаи хашму ғазаб лашкари меҳру садоқаташ аз доираи фармон бароянд ва по ба сарҳади кинаву нафрат гузорад. Вале зинда мондану ба рӯзҳои осудагӣ расидан ва бо обрӯи муҳаммадӣ ба нафақа баромаданашро бахти бузург пиндошта, инони ихтиёрро ба даст гирифт ва давлати пирӣ ронданро мақсади ягонаи худ қарор дод. Роҳи таъмин кардани ҳаёти минбаъда ва аз маҳбаси андешаҳои нодаркор озод шуданро низ дар ҳамин дид.

Муддате хонанишин шуд. Қитъаи замини назди ҳавлиашро гаштаву баргашта нарм карда, навдаҳои дусе дарахтеро, ки буд, борҳо қайчӣ зад. Ҳар пагоҳӣ аввал рӯи ҳавлӣ, баъд пушти дарвозаро то роҳи гузар об мезад. Рӯзҳои гармтар ин корро ду бор такрор мекард. Баргу хаси афтода ё сангу кулӯх ва ё меваи нимгази партофтаро аз замин чида, ба халтае меандохт. Хулоса, бо ҷунбуҷул рӯзашро кӯр мекард ва давоми вақти ғанимати худро сарфи хондану навиштан, тамошои телевизор ва гӯш кардани барномаҳои радио менамуд. Боз дар ин миён фурсати холӣ ёфта, соате мехобид. Марди солҳо ба кори мушкил-муҳофизати марзу буми ватан ва таъмини осудагии мардум одаткарда баъди андак муддат аз хонашинӣ ба ҷон расида, нақшаи ба коре банд шуданро кашид. Хост дар ягон идораи ҳарбӣ машваратчӣ шавад, вале боз аз фикраш баргашт. Аз майдони бозӣ, ки баромадӣ, дубора ба он ҳамчун тамошобин ворид гаштан маънӣ надорад. Шояд андак пул кор карда, таъмини рӯзгорашро беҳтар намояд, вале обрӯи бударо аз даст медиҳад. Хост, ки посбони коргоҳе шавад. Фарқаш чӣ, ки шабро дар хона рӯз мекунад ё ки дар коргоҳ ва боз фикрашро дигар кард. Посбонӣ шабро рӯз кардан нест, дар дили торикӣ шӯълае будан аст. Наход фидойие, ки замоне иншооти бузурги дорои аҳамияти ҳарбиро муҳофизат мекард, имрӯз ба хотири маблағи ночиз, ба хизмати дастаи ба як танга наарзанда камар бандад. Вай марди байни аърофмонда нест, ки дам ба дам аз ҷо хеста, дари корхонаеро, ки қариб ба нестӣ расидааст, ба рӯи касу нокас кушояду бипӯшад ва «ба куҷо меравию ба кӣ кор дорӣ» бигӯяд. Не, ӯ бори таънаву маломати сарвари навкисаеро, ки суханаш омехтаи дашном аст, бардошта наметавонад. Вай худро ҳурмат мекунад, номусу шараф дорад ва рутбаашро аз ҳама чиз боло медонад. Аз гушнагӣ бимирад ҳам, домани зиндагии рӯсиёҳонаро намедорад.

Аслан Далери Ҳабиб ба кор он қадар эҳтиёҷ надошт, нафақапулӣ ба таъмини рӯзгораш мерасид. Вале ин пул барои ба пайвандони камбизоаташ мадад расонидан камӣ мекард. Замоне, ки неруманд буд, даромади хуб дошт. Илова ба вазифаи хизматӣ дар лаҳзаҳои фориғ аз кор ҷони худро ба ҳукми панҷаи ранҷ дода, нигоштаҳои

дигаронро таҳрир ва матнҳоро аз забони ғайр тарҷума мекард ва ба ин васила пул меёфт. Як қисми даромадашро барои таъмини роҳати фарзандони падар сарф мекард. Аз аввал ба онҳое, ки тарғибгари бемеҳрии замон буданду дар зиндагии дурӯза фақат ғами худро хӯрда, аз пайвандон дурӣ меҷустанд, бо дидаи нафрат менигарист. Аз ин тоифа бӯи вафо ва накҳати ифтихору эътиқод намеояд мегуфт ва танҳо мардуми дилсӯзу дардошноро инсон меҳисобид. Баъди ба нафақа баромадан ҳам ин хислати хубашро, ки ифодагари меҳру шафқати бузург аст, идома додан мехост, вале имкони мадад расондан надошт. Мехост, ки ба хонаи хешовандон, хусусан ба хонаи апаву хоҳараш дасти холӣ наравад ва ба ҷиянҳояш ягон чизи арзанда бихарад. Ин ҷиҳат маҷбураш мекард, ки ба коре андармон шуда, илова ба нафақапулӣ маблағе пайдо кунад ва аз ин вартаи ноумедӣ берун барояд. Ҳатто ба даргоҳи додари тоҷираш Зафари Ҳабиб, ки ҳеҷ чизро аз ӯ дареғ намедошт ва бо як ишора дилхоҳ масъаларо ҳал мекард, рӯи ниёз намеовард. Далери Ҳабиб мехост, ки дар баҳои дастгириҳои пайваста ягон гӯшаи тиҷорати бародарашро назорат кунад, вале боз ба корҳои ӯ дахолат карданро муносиб намедонист. Ҳеҷ кас намехоҳад, ки асрори бурду барорашро наздиктарин одамаш бифаҳмад. Далери Ҳабиб ҳифзи номусу шарафро аз ҳама боло дониста, дуриву бануриро шиори худ мекард. Ӯ фақат аз мушкилоти вазифаи муҳофизатӣ, ки беҳтарин даврони умрашро сарфи он карда буд, хабар дошт. Вале душвории кори бародарашро намедонист, дертар ранҷу заҳматҳои кашидаи ӯро фаҳмид, вале даври мададрасонӣ гузашта буд. Аввалҳо гумон мекард, ки Худо ба бародараш роҳи осони зиндагиро нишон додааст ва дари ризқашро васеъ кушодааст. Зафар ҳам аз ин боб ба бародари муҳофизаш, ки он вақт гапаш дар сад ҷо мегузашт, даҳон намекушод. Аз лаҳзаи бор гирифтану то ба манзил расидан чӣ қадар азоб мекашид, Худо медонисту худаш. Нури нигоҳи ҳар тамаъҷӯ сӯзанеро мемонд, ки дар роҳу истгоҳ ба рагу пайвандаш мехалид. То талабашонро қонеъ намекард, аз банди ҷабрашон раҳо намешуд. Безор шуда буд аз тиҷорату дастаи тамаъҷӯ. Барои равнақи кораш қарз мегирифт, вале ба мақсади ниҳоӣ намерасид. Гоҳ сахт асабӣ

мешуд ва гапаш бо онҳо мегурехт. Таъсири муҳит ва фикру андешаи зиёд ҳолати рӯҳии бардари ба ҷону дил баробарашро дигар кард. Оқибат ба сактаи дил гирифтор шуда, оламро падруд гуфт Зафар. Далери Ҳабиб аз пайвандон хоҳиш кард, ки гӯрашро дар мазори деҳа, дар бари гӯри падару модар бикананд. Вале пагоҳии рӯзи дигар дар ҷавоби «гӯр тайёр аст» ба хешовандон гуфт, ки сухани хона ба бозор рост намеомадааст. Зану фарзандони бародараш пешниҳоди дар деҳа гӯр кардани азизашонро рад карданд. Гуфтанд, ки шаҳрӣ шудаанд, дигар муҳити деҳаро хуш надоранд. Мехоҳанд, ки маитро дар мазори болои шаҳр ба хок супоранд, то ҳар гоҳе, ки хоҳанд, зиёрат карда тавонанд...

Далери Ҳабиб як рӯз пеш аз додани оши чили додар ба кулбаи падарӣ омад. Дар ҳавлии як замон зеботар аз ҳама манзилҳо, ки ҳоло сарду дилгир метофт, шиносонро дид. Мардҳо ҷои дегу обҷӯшонакро дуруст менамуданд, ҳезум мешикастанд, чорпо забҳ мекарданд. Занҳо ба нонпазиву тамиз кардани ҷои нишаст машғул буданд. Ҳама бо мақсади хуб гузаштани оши чили Зафари Ҳабиб, ки дар ҳар маъракаву ҷашни деҳа ҳозир шуда, ба мӯҳтоҷон дасти мадад дароз мекард, ҷунбуҷул менамуданд. Далери Ҳабиб аввал ба қадрдонҳо миннатдорӣ изҳор кард ва баъд фурсатро ғанимат шумурда, ҳамроҳи Абӯалӣ роҳи мазори деҳаро пеш гирифт. Аз таҳи чанорҳои азимҷуссаи ба чашма наздик, ки як замон ҷои бозиашон буд, гузашта, рӯ ба роҳи кӯтал овард. Дар кӯдакӣ бо ҳамин роҳ пойгакунон то пуштаи бари мазор медавиданд, баҳорон нахустин гулҳои сияҳгӯшу ҳолмонро мечиданд. Дар ин мавзеъ мол мечаронданд, аз он ҷо хасу хор мекашонданд. Аз чашмаи болои деҳа ба сари полези «Пуштаи хадақпеч» об мебурданд. Дар ин давутозҳо ва гирумонҳо бародари думравакаш ҳам иштирок мекард. Баъди расидан ба сари гӯри холии мазори деҳа ранҷи бисёр кашидану умри кам дидани бародари ормониашро ба хотир овард. Дилаш об шуд аз сӯзи ғами бародараш. Агар дар ҳамин ҷо, дар бари решапайвандон гӯраш мекарданд, ба василаи зиёрат риштаи хешутаборӣ мустаҳкам мемонд. Ворисонаш кори хуб накарданд. Гӯрғарибии фарзанди падар теғи аламе шуд, ки дилашро реш-реш кард. Зарбаҳои андешаҳо ва

ҳуҷумҳои ногаҳонии лашкари дарду аламҳо ҷисмашро абгор карданд, то ҳадде , ки базӯр аз ҷой хест. Марде, ки соате пештар роҳи кӯталро бе душворӣ паймуд, акнун озод қадам монда наметавонист. Абӯалӣ бемадорӣ ва дигар шудани авзои ҳамдарсашро ҳис карда, аз камараш дошт. Баъди гузаштани теппачаи якум аз далерии Далери Ҳабиб нишоне намонд ва ба сӯзиши қафаси синааш тоб наоварда, ишорати нишастан кард. Лаҳзае паҳлӯи ҳамдигар нишастанд. Аз он баландӣ таҳдашт, боғҳои ғарқи гул ва майдонҳои сабз бисёр зебо метофтанд. Дидагони фарзанди дурафтодаи деҳа қадамҷои даврони наврасиро, ки дар зери иморатҳои навсохта монда буд, меҷустанд. Ба осмони мисли замин тақсимгашта низ ҳам абр ва ҳам хуршед ҳукмронӣ мекарданд. Аз баҳам омехтани майдаборону дастаи нури хуршед рангинкамон пайдо мешуд. Вале қуллаҳою кӯҳҳои сар ба фалак ҳанӯз ҷоҷо сафедпӯш буданд.

– Ба пирӣ нарасид додарам. Роҳати умрро надид модарам. Инак боз даврони ҳукмронии баҳор аст, айёми гули себу фасли гулшукуфти диёр аст…Ҷудоӣ муҳол аст…Гӯри холӣ чашми интизори мазор аст…

Баъди лаҳзае Абӯалӣ рӯи даст ҷисми беҷони пуркунандаи гӯри холиро дид ва фарёди ҷонгудоз кашид. Гӯё он овоз тоб хӯрда-тоб хӯрда тавассути бод аввал ба деҳа ва баъд ба даргоҳе, ки бошандагонаш ба як маърака омодагӣ дида, аз дуюмаш бехбар буданд, расид. Фиғони хурду калон ба фалак печид…

## ОВОРА

Рустами Нозим солҳои охир шабу рӯз дар хусуси қисмати марде, ки овозаашро шунида, дидорашро надида буд ва пайғомаш тавассути дигарон мерасид, андеша мекард. Шабаҳи он мард дар гӯшаи дури қаламрави хаёлаш қадам мезад, шояд аз тири нигоҳи атрофиён метарсид, ки ба манзили мақсад наздик намешуд. Овозаи пайдо шудани он мардро бисёриҳо шунида бошанд ҳам, вале чеҳраашро ғайри ду-се хешованди дураш касе надида буд. Рустам дар банди таъси-

ри рӯҳи ҳамон марди ношинос афтода, роҳи аз ин балои пайгир халос шуданро мекофт, вале илоҷи раҳоӣ намеёфт. Чашмонашро ҳам, ки мепӯшид, боз он суробро медид. Наздик, ки мешуд, ба ҷои ҳавзи пур аз об, саробро медид.

Мехост,ки ақаллан як маротиба дидори он касро бубинад, ҳамроҳаш лаҳзае нишинад, дарду аламашро аз забони зоғ не, аз худаш, аз каси дилаш пур аз доғ шунавад ва шояд аз ҳосил шудани муродаш андаке осуда гардад. Дидану шинохтани чеҳраи он худхоҳи ношинос, ки худро ҳокими мутлақи он қаламрав мехонд, барояш ниҳоят муҳим буд. Агар чеҳраашро медид ва дар он аломатҳои монандии худро пайдо мекард, он гоҳ хулосаи аниқ бароварда метавонист ва шубҳааш камтар мешуд. Ҳамрангаш ҳам, ки мебуд, баъди аз забони модараш шунидани рози куҳан ва пайдо шудани ду наврас, ки худро апаву додараш мехонданд, дигар ягон далел ба кор намерафт.

Акнун Рустами Нозимро дарёфтани роҳи ҳалли ин масъала не, бештар хаёли рӯ тофтан аз он дидор ва бад дидани овозасозон азоб медод ва барои ин бераҳмӣ ба худ нафрат мехонд. Дар ҷавоби саволҳои : «Чаро умедашро барбод додам? Чаро ба роҳи бедардӣ қадам ниҳодам? Чаро дидори камарзиши худро аз васлҷӯи як умр интизор дареғ доштам ва дар марзи дили бечорае тухми ҳасрат коштам? Чаро?..» лол мемонд.

Чил сол пеш Рустами Нозим аз шунидани хабари пайдо шудани он мард қимоб шуда буд, ҳоло аз пайгирии беишораву бефарёдаш безор гаштааст. Хам-хаму оҳиста қадам гузоштанаш, сайёди ҳадафдорро ба ёд меовард. Он вақт сайдаш кӯдаки даҳсолаи ба бозии худ оворае буд, ки парвои оламу одам надошт. Шодона аз як тараф ба тарафи дигари деҳа чархакашро давонда, чанги кӯчаро ба фалак мехезонд. Бодосо чандин маротиба мерафту меомад. Гоҳо дар гармии рӯз ҳам давида, дар арақ оғушта мешуд. Ба хастагӣ тан надода, то бегоҳ бозӣ мекард.

Рӯзе аз рӯзҳо, санаи аниқашро ёд надорад, ҳангоми давидан бо марди миёнаумре, ки Мансури Амир ном дошт, рӯ ба рӯ омад. Салом дода гузашт, вале «Рустамҷон, як дам ист, ба ту гапи муҳим дорам, як хуш-

хабарро мерасонам» гуфтани Мансури Амир писаракро аз давидан боздошт. Хонаи Мансури Амир аз хонаи онҳо хело дур, дар ҷои баланди охири деҳа буд. Он кас гоҳ-гоҳ аз роҳи паси хонаи онҳо гузашта, пайи ҳалли масъалае ба идораи хоҷагӣ мерафт. Ин вохӯрии тасодуфӣ ҳам дар сари дуроҳа, дуртар аз бинои идора сурат гирифт.

Мансури Амир аввал ба сару рӯи арақолуди Рустам нигариста, андак чашмони бумияшро бозӣ доронд ва баъд гиреҳи риштаи мақсадашро кушод.

– Ин хушхабарро танҳо ба ту мегӯям, таъкид мекунам, ки ба ягон кас магӯй, ҳатто ба модарат. Агар хонагиҳоятон шунаванд, хоки маро мебезанд.

Дар чашмони Рустам ҳам барқи интизорӣ шӯъла зад ва нигоҳашро аз чеҳраи ба рӯи аспмонанди Мансури Амир наканда, маътали шунидани давоми сухан шуд.

– Медонӣ, Рустамҷон, имшаб падарат меҳмони хонадони мо буд. То нисфи шаб сӯҳбат доштем. Туро «бачаи хуб» гуфта таъриф кардам, хурсанд шуд. Воқеан, душман ҳам ситоишгари фарзандашро дӯст медорад. Бачаашро парварӣ, паланг корат намегирад.

– Падарам имшаб меҳмони шумо не, дар хона, дар паҳлӯи ман хоб буд.

– Ман дурӯғ намегӯям, ягон манфиат ҳам намеҷӯям. Фақат мехоҳам, ки ҳақиқати ҳолро бидонӣ ва ба саволи зиндагӣ дар намонӣ. Хулосаи гап ҳамин ки он каси мегуфтагият, одами бисёр хубу маъруфи деҳа бошад ҳам, падари аслият нест. Фаромӯш макун, ки ҷои падарро каси дигар гирифта наметавонад. Дидори падаратро дидан хоҳӣ, боз даъваташ мекунам.

Баъди шунидани ин хабар дар нигоҳи соддаи Рустам манаҳу мӯйлаби Мансури Амир ҷояшонро иваз карданд. Манаҳ ҷои бурут ва бурути наълшакл ҷои манаҳро гирифта, ба сумби асп монанд шуд. Яъне, дар ӯ як нишонаи асп- ҳайвонро дида, «дидори худатро ҳам дидан намехоҳам» гуфт ва ба давоми суханони Мансури Амир гӯш надода, чархакашро давонда, дар лаҳзае аз дида ғайб зад ва рост ба хона омад. Ба ҳуҷраи хилвате, ки барои нишастану хобидан ҷиҳозонида шуда буд, ба пурӯ зада, сарашро ба болин сахт зер кард ва хомӯшона гирист.

Андак пас аз як бало раҳида, ба дигараш гирифтор шуд. Дар назараш мӯйсафед аз кунҷе сӯи ӯ теғи нигоҳи таъкиддор афканда, бе шарҳ маънии ғазабашро мефаҳмонд, гунаҳкораш мехонд.

– Дадаҷон, ман гуноҳ надорам, гунаҳкор Мансури Амир аст. Бовар бикун, ба дигар кас майл надорам, танҳо туро дӯст медорам, - гуфта хобаш бурд.

Воқеаи он рӯз рухдода ба Рустам сахт таъсир кард ва авзояш беҷо шуд. Кӯдаке, ки аз мафҳумҳои муҳаббату садоқат ва хиёнат бехабар буд, бори нахуст дар гӯшаи дили худ сарбозони раҳму шафқатро дид, ки барои кадомин муборизаи ҳанӯз номаълум машқ мекарданд ва дар ӯ ҳисси муҳофизати сарҳади поси намакро мепарвариданд. Баъд аз он рӯз ҷавлонгоҳаш танг шуд. Дигар ба он тарафи деҳа намерафт. То назди анбори бари роҳи байни деҳа рафта, бозпас мегашт. Кӯшиш мекард, ки бо Мансури Амир рӯ ба рӯ нашавад. Ҳамин ки ӯро медид, мегурехт…

Рустам хабари пайдо шудани марди ношиносеро, ки худро падари ӯ муаррифӣ мекард, бори дуюм баъди панҷ сол аз забони ҳамсояи тағояш Сироҷи Умар шунид. Тағояш ҳамсояи гӯшкалони рӯи кунҷитакдорашро одами хуб гуфта, таъриф мекард. Агар девори пастакаки байни хонаву ҳавлиашон намешуд, онҳо ҳамсоя не, бошандаи як манзил буданд. Он девор ҳам як дарича дошт, ки доимо кушода буд ва хурду калон ба ҳавлии ҳамдигар озодона даробаро мекарданд. Рустами Нозим маркабсавор гоҳо ҳамроҳи модар, гоҳо танҳо аз деҳа ба шаҳрак рафта, аз боғу полезашон барои тағояш тарбузу харбуза ва себу ангур мебурд ва аксар вақт ҳамсояи тағояшро, ки дар хараки паси девори хонааш менишаст, медид. Бовар намекард, ки аз забони ҳамон одами хуб ҳам хабари бади панҷ сол пеш паҳншударо мешунавад ва эътиқодаш аз ӯ ҳам мегардад.

– Рустамҷон, шуморо дӯст медорам, модару тағоятро эҳтиром мекунам,-гуфта дар оғози сухан дили ӯро шод кард Сироҷи Умар ва баъд идомаи меҳрномааш ба кина табдил ёфт.- Ба ҳамин хотир мехоҳам, ки як гапи муҳимро, аниқаш як хушхабарро ба ту расонам. Ҳафтаи гузашта омада будаӣ, афсӯс, ки хабар наёфтам. Баъд аз хурду калони хона хоҳиш кардам, ки баробари

дидани Рустамҷон, ҳатман маро огоҳ намоянд. Хайрият, ки пештар аз онҳо худам бо ту вохӯрдам. Писарам, хулосаи гап ҳамин, ки даҳ сол боз бо падарат ошноӣ дорам. Ҳар боре, ки аз забонаш қиссаи пуралами ҷудоӣ аз фарзандро мешунавам, тоқат накарда, гирён мешавам. Ростӣ, чӣ маънӣ ва чӣ бузургӣ доштани фарзандро касе аз ӯ хубтар намедонад. Он кас ҳам аз шумори чорагарҳои бечора бадааст. Дасти дароз ва қудрати даҳҳо касро хӯрондаву пӯшонданро доштааст. Фақат зӯраш ба давои дарди бефарзандӣ намерасидааст. Зори нохуни фарзанд будааст. Ягона фарзандаш ту будаӣ. Вақте ки дарди дилашро шунавӣ, дили худат ҳам ба ҳолаш месӯзад. Як моҳ пеш меҳмонам шуда буд. То дер сӯҳбат доштем, номи туро ба забон гирифтем. Ягона умедаш дидани дидори ту будаасту халос. Мехоҳад бо ту вохӯрад, вале намедонад ба кадом роҳ.

– Мо доим боҳамем. Ман суханашро дар замин намемонам, ҳар супорише, ки медиҳад, иҷро мекунам.

– Чӣ хел?-ҳайрон шуд Сироҷи Умар ва боз пурсишашро идома дод: -Магар роҳаш ба даргоҳатон кушода шуд?

– Кайҳо.

– Кори хайр шуда будаасту ман бехабар. Дидед, вай чӣ хел одами хуб, дидадаро, ранги рӯят ба ранги рӯяш монанд. Каллаи кандаи ҳамон касро мемонӣ. Шояд гуфта бошанд, чанд сол пеш ба умеди наздиктар шудан ва ба димоғаш расидани бӯи фарзанд ӯро ба хонаи хешам Мансури Амир, ки дар деҳаи шумо зиндагӣ мекунад, фиристода будам. Вале баъдтар шунидам, ки ҳамон бечораи зори дидори фарзанд аз дидани дидорат бенасиб монда будааст. Дертар ин омаду рафт оғоз шуда бошад ҳам , фаромӯш макун, ки таҳкурсии бинои ин дидорро банда гузоштааст, бояд тамоми умр аз ман миннатдор бошӣ.

– Маънии ишораатонро нафаҳмида истодаам, шумо киро дар назар доред?

– Падаратро.

– Падари ман боғбон аст, замини полез ҳам дорад. Шабу рӯз дар паҳлӯяш ҳастам. Заҳматкаши машҳур аст. Хандақ меканад, замин шудгор мекунад, алаф медара-

вад, ҳосили коридаашро беталаф ҷамъ меорад. Чорпо мепарвад. Хулоса, луқмаи нонашро бо ҷонканӣ меёбад. Аз даме, ки дидаи ақл кушодам, ғайри ӯ каси дигареро надидаам.

– Аз ҳамааш воқифам. Он пири боғбон ҳам ниҳоят одами хубу мӯътабаранд, тарбиятгари шумоянд, вале падари аслиятон нестанд.

Рустами Нозим он касро ҳам бад дида, бе хайрухуш аз бараш дур шуда, сӯи хонаи тағояш рафт.

Бори сеюм хабар омад, ки падарат аз марги нобаҳагоми арӯсат ва хонавайрон гаштанат андӯҳгин шудааст. Ба гуфте, ҳамон ҳамдарду дилсӯз номаълумакак дар ҷаноза ҳам иштирок карда, туро аз гӯшае дида будааст. Бечора ба сар тоқии азодорӣ пӯшиданатро ба ёд оварда, ашк мерехтааст. Мехостааст, ки рӯзу шаб дар паҳлӯят бошад. Омода будааст, ки баъди додани оши чил сари танҳоятро аз нав ҷуфт кунад. Ҳатто розӣ будааст, ки аз баҳри ҳама кор гузашта, давоми умри боқимондашро бо нигоҳубину тарбияи набераҳои ятиммондааш гузаронад. Ин хабарро кӣ расонда буд, ба хотир оварда наметавонад. Дар ҷавоб ҳамин қадар гуфт, ки «беҳуда ташвиш накашад, ғамамро зиёд ва мӯйсафеди обрӯманди тарбиятгарамро сархаму модарамро дар пирӣ шарманда накунад шуд…»

Охирин маротиба ҳамон хабари ташвишомезро дар замони сарварӣ аз забони муовини гаправу халалрасонаш Назари Далер, ки бори нахуст одоби муошрату низоми мавқею мартабаро риоя мекард, шунид. Оҳанги гуфтораш оҳолудаву илтиҷоомез ва саршори ҳасрату пушаймонӣ буд. Ҳеҷ гоҳ ӯро дар чунин ҳолат надида буд, бовар намекард, ки ин кас ҳамон зердасти пешина бошад. «Ба гузашта салавот, одам ширихомхӯрда, гоҳо дар симои бародар ҳам душманашро меҷӯяд ва дар ҳаққи наздиктарин одамаш носазо мегӯяд. Нафаҳмида ба оташи фитнаангезон равған рехта, андеша намекунад, ки занҷире бе ҳалқаҳои пайванд вуҷуд дошта наметавонад. Ман ҳам то имрӯз ҳалқаи пайванди хешутаборӣ доштанамонро намедонистам. Шояд ту медонистӣ, вале пинҳон мекардӣ. Ин шаҷарaро донӣ, хуб, агар надонӣ , барои аз як реша буда-

намон далели зинда дорам» бо нармӣ изҳори меҳр кард муовин.

Рустами Нозим лаҳзае ба чеҳраи муовин дидаи ҳайрат дӯхта, сар ҷунбонд: «Ман ҳам бар он ақидаам, ки ҳамаамон аз як тухмем, фарзандони Момаҳавову Бобои Одамем, вале аз хеши қариб буданамон то ҳол хабар надоштам. Хеш бошем, соҳиби давлати бузургем, аз бегонагӣ хешӣ ҳазорон маротиба беҳтар» гуфт ва интизори тасдиқи далел шуд.

– Далели зинда падарат. Ду соат дар паси ҳамин девор, дар ҳуҷраи корӣ сӯҳбат доштем. Агар мисли дигар рӯзҳо бехабар аз дар медаромадӣ, дидорашро медидӣ. Хоҳиш кардам, ки омада дар қабулгоҳат нишинад, шояд бо ҳамин баҳона дидоратро бубинад. Бечора ғайрат накард. Гуфт, ки , ба шунидам, дар кӯдакӣ аз дидорам безор буд, ҳоло, гумон мекунам, номамро ба забон гирифтан намехоҳад. Падарат амакбачаи ман аст, бист сол пеш ӯро дар бозори шаҳри Кӯлоб дида будам. Фаҳмидам, ки аз шаҳр кӯчида ба мавзеи Сарихосор рафта, ҳамроҳи аҳли оилааш дар як ҷангал зиндагӣ мекардааст. Ҳама дороиҳои ҳамон мавзеъ дар ихтиёраш будааст. Молу сарвати бисёр доштааст, мехостааст, ки фақат ту меросхӯраш бошӣ.

Рустами Нозим фаҳмид, ки ин қисса давоми ҳамон овозаи пешина ва ин мӯйсафед ҳамон марди аз зини умед фуромадаи ҳанӯз по дар рикоб аст. Ин даъфа аз шунидани ин хабар он қадар парешону ғамгин нашуд, балки ба хотири «хеши мо будаӣ » гуфтани муовинаш хуш қабул кард. Дар ҷавоби ин пайғом намедонист, ки фарзанди одамро пухта бигӯяд ё хом, дона шуморад ё дом? Оқил бихонад ё ҷоҳил, баҳо додан ба фарзанди одам мушкил. Гоҳо солораш ҳам, ки соҳиби зану фарзанд ва набераю абера аст, сухане мегӯяд, ки беақл ҳам онро ба забон намегирад. «Далели зинда дорам» гуфтани муовинаш ба ҳамин монанд аст. Бо вуҷуди ин пайи гапу кори дунё нагашта, баъди лаҳзае боз худро дар маскани мақсади аввала дид.

– Моли мӯъмин хуни мӯъмин гуфтаанд, касеро, ки надонам, бо кадом рӯ ӯро падар шуморида,

меросхӯраш мешавам? Бигузор давлату сарваташ ба ворисонаш насиб кунад.

– Чӣ хел намешиносӣ? Он кас падари аслият. Ҳайрони туам, ки меросро қабул намекунӣ. Ҳоло фарзандхонҳо пул дода, бо роҳи сохтани ҳуҷҷати қалбакӣ амволи падари ҳақиқии бародаронашонро аз они худ мекунанд, ту бошӣ…

– Мебахшед, ман аз тоифаи гушначашмону ҳарисон нестам, сери серам, луқмаи ҳалоли худро базӯр мехӯрам.

– Медонам, ба ҳар ҳол касеро, ки умре туро меҷӯяд, ноумед кардан хубӣ надорад. Хеши ман ҳам бошад, аз роҳи дур ба хотири дидани фарзанд ба ин даргоҳ омада, шуморо нодида рафт. Ба фикрам, имшаб дар шаҳр мемонад, хоҳед, он касро ба хонам даъват мекунам, рӯ ба рӯяш менишинӣ, дидорашро мебинӣ. Шояд фарзанди он кас набуданро рад кунӣ. Гап сари аз тухми он кас будану набудан ҳам нест. То аниқ кардан барои тасаллои дилаш як маротиба падари азиз бигӯед, кам намешавед. Дил ба даст овардан ҳам ҳаҷи акбар аст. Агар дидорашро дидан ҳам нахоҳед, худро ҷигарбандаш ҳам нахонед, ҷои малолӣ нест, баъд аз ин барои ман ҳамчун реша мемонед. Ин аҳди мардист, на ҷои хушомад задан ва на умеди тамаъ кардан аст.

Пештар ҳам муовин соҳиби қудрат будани сардорро хуб медонист, вале эътироф кардан намехост. Баъди дар дафтари корӣ пайдо шудани ҳамон марди овора Назари Далер одами тамоман дигар шуд. Чӣ гуфту чӣ ишора кард, ки ҷои саркашию худписандии пешинаро фурӯтанию хоксорӣ гирифт. Дигар дар ягон масъалаи корӣ бо ӯ баҳсу мунозира намекард, балки ҷониби ӯро гирифта, дар ҳама ҷо аз дасту дили пок доштани сарвараш сухан мегуфт ва барои ҳимояи ақидаи он кас мубориза мебурд.

Воқеан, Рустами Нозим одами ба ситоиш арзанда буд. Манфиъати давлатиро аз шахсӣ боло гузошта, мехост, ки ба қадри эъибору эҳтиром бирасад. Пеш аз ҳама ба чашмони ҳақиқатҷӯёну адолатпарвароне, ки ӯро, ятими деҳотии назарногирро, аз ҳама муҳимаш ягон хеши соҳиби мансаб надоштаро, аз миёни ҳазорҳо мансабхоҳон

ёфта, сарвар таъин кардаанд, нигариста тавонад. Мақсад дошт, ки даргоҳи умедашро обод, кохи номусашро бунёд кунад ва мақому мартабаи сарварию обрӯи тавсиядодагонро баландтар бардорад. Исбот кунад, ки сарвари доно ҳаргиз дар нимароҳи ҷодаи мақсад намемонад, аз шӯразор ҳам чӣ гуна ҳосил гирифтанро медонад. Дар сурати набудани обу барқ низ кори осиёби умедашро аз ҳисоби бод таъмин карда метавонад.

Падараш буд ё набуд, пайи қадами ҳамон бечораи зори нохуни фарзанд, муҳити идораро дигар кард. Акнун сардору муовин ҳарду баробар заҳмат кашида, барои соҳиб шудан ба натиҷаҳои баланди кор мубориза мебурданд ва якҷоя роҳи забони хӯрдагирону иғвогарони ғараздорро мебастанд. Онҳое, ки то он вақт матои ин носозгориро чун парчами муборизаи ниҳонӣ истифода мекарданд, акнун дигар шудани вазъиятро фаҳмида, нақши миёнравро мебозиданд.

Рустами Нозим ин ҳамаро фоли нек шумурда, дар дилаш нисбати ҳамон марди хоҳони дидор шӯълаи меҳре меафрӯхт. Мехост, ки ин қиссаро аз модараш, ки ягона далели боэътимод шуда метавонад, бипурсад. Бо мақсади раҳидан аз андешаҳои дардовар дар рӯзҳои вазнини беморӣ, ки охирин барги ҷони модар дар сари шохаи умр аз таҳдиди боди марг меларзид, ба паҳлӯяш нишаста, овоз баровард:

– Медонам, зери бори дарди гаронӣ, дар талвосаи ҷонӣ, аз пешомад огоҳӣ, ҳатто овози булбулро шунидан намехоҳӣ. Ман ҳам намехоҳам, ки ба болои ин дарди вазнин дарди куҳнаро зам намоям, вале маҷбурам ба як саволам, ки тамоми умр ба хотири ҳурмати шири сафедатон аз пурсиданаш худдорӣ мекардам ва рӯҳан азоб мекашидам, ҷавоби аниқ бигирам.

– Бигӯ,ҷони модар, ҳоло ки забони гуфтор дорам, шояд то пагоҳ аз сухан гуфтан бимонам, бимирам.

– Зандагӣ сахани бузургеро мемонад, ки машҳуртарин ҳунарманд ҳам дар он нақши худро бенуқсон бозӣ карда наметавонад, дар ҷавоби саволи ҳаводори нозукбин лол мемонад. Дар саҳнаи ҳаёти ман низ тарҳи марде нақш офаридан мехоҳад, вале ҳис мекунад, ки ҳаводор надорад, барои кӣ бозӣ карданашро намедонад. Ба ҳамин хотир

дур-дур чарх зада, чеҳраашро нишон намедиҳад. Ин тарҳи Носири Азиз ном мардест, ки аз овони наврасӣ ин саҳнаро банд карда, худро падари ман муаррифӣ менамояд. Гумон мекунам, ки дар ҳама ҷо аз пайи ман мегардад ва ё аз пушти равзанае роҳи маро мепояд. Бигӯ, ки ин овоза аст ё ҳақиқат?

– Ин овоза аст, дурӯғ аст, шир гуфтани дӯғ аст. Агар рост бошад, илоҳӣ хонаи имонам бисӯзад, Худованд ба ман нигоҳи эътибор надӯзад. Ман ҳам баробари ту ин овозаро шунида, бори азоб мекашидам, заҳри алам мечашидам. Агар ту танҳо ба қисмати худат ҷавоб медодӣ, вале ман ба тақдири як хонавода ҷавобгар будам. Ҳар гоҳе, ки ин овоза паҳн мешуд, қошу қавоқи мӯйсафедро овезон медидам. Сабабашро, ки медонистам, боиси дигар шудани авзояшро намепурсидам. Шояд он кас ҳам овозаи паҳнгаштаро шунида, дар давраҳо сар боло карда наметавонист. Сарпастии мард, ки нишонаи аз кафи умед рафтани парчами нангу номус аст ва дарди зиндадаргӯрист, аз ҷон додан ҳам сахттар аст. Таънаи занонро намегӯӣ? Худо накунаду гапат бо онҳо гурезад, гуноҳи сад сол пеш гузаштаро ба рӯят кашида, обрӯятро як пул мекунанд. Вале он овозае, ки баробари ту шунида, ин қадар солҳо гӯш ба карӣ зада мегаштам, дигар хел ҳақиқат дорад.

Солҳои дар хонаи бародарам зистан аз дасти тангии рӯзгор ва шунидани суханҳои нешдор ба ҷон расида, розӣ шудам, ки маро ба ҳамон хостгор, ба ҳамон марди чилсола ба шавҳар диҳанд. Бо Носири Азиз, ҳоло зинда ё мурда буданашро намедонам, чанд сол ҳамқисмат будам. Он кас ҳам мисли ин мӯйсафед одами хуби хуб ва марди дасткушод буд, вале ӯ фарзанд надошт. Айби фарзанд наёфтанашро дар ман дида, бо умеди аз даргоҳаш шуниданӣ овози тифлаке нақшаи аз ёри кӯҳна ҷудо шудану ёри нав гирифтанро мекашид. Вале ман аз он хонае, ки дар замони каҳтӣ азоби гушанагиро ҳис намекардам, рафтан намехостам. Он солҳо ҳама дар ғами нағора назадани шиками худ буданд. Аксар ба дарди гушнагӣ тоб наоварда, ба марг розӣ мешуданд. Аввалан, аз фикри дарди ҷудоӣ, баъдан, аз хаёли афтодан ба ҳоли баду бенавоӣ шабу рӯз намехуфтам. Оқибат илоҷи дигар наёфта, барои

мондан дар ҳамон даргоҳ ва бори миннати дигареро накашидан дурӯғ гуфтам. Ишора кардам, ки дар батнам фарзанд дорам. Чӣ гуна бори тифлакро бе имдоди падараш мебардорам? Сухан таъсираш кард, вале кор аз кор гузашта буд. Қуръаи фоли ҷудоиро кайҳо ба номам зада буданд. Талаби қатъии ҳамсари нав, ки дар деҳаи ҳамсоя зиндагӣ мекард ва наомада худро кадбонуи хона меҳисобид, ҷони хӯҷаинамро ба лаб расонд. Бечора маҷбур шуд, ки аз дуроҳа барояд ва аз ду якеро интихоб намояд. Баъди талоқ бори нокомиро баста, ба хонаи холаат рафтам. Дар он ҷо зистанам ҳам дароз накашид. Сарватманди дигаре харидорам шуд ва баъди ду соли зиндагӣ ту ба дунё омадӣ. Вале дар ин даргоҳ ҳам шодии ман дер давом накард. Падарат ногаҳон аз олам гузашт ва ман боз бева мондам. Баъд ҳамин марде, ки худат бузургияшро медонӣ ва қиблагоҳаш мехонӣ, маро аз вартаи ноумедӣ раҳонд. Вале шунидам, ки Носири Азиз аз ҳамсарҳои минбаъдааш низ фарзанд наёфта, тифлакони навзоди мӯҳтоҷонро ба фарзандӣ қабул кардааст ва барои ошкор нашудани безурётиаш аз баҳри ҷои ободаш гузашта, бечора дар як ҷангал макон гирифтааст. Шояд баъди гузаштани солҳо ҳама фаромӯш шуда, ҳамон дурӯғи гуфтаи ман ба ёдаш мондааст ва онро рост гумон карда, суроғат баромадааст…

Баъди фавти модар ва гузаштани мӯйсафед оташи ин овоза, ки дудаш ба димоғи на танҳо аҳли хона, балки ба деҳа низ расида буд, хомӯш гардид. Шояд қаҳрамони ҳикоя Носири Азиз, ки дар паёмҳои аз дур расонидааш худро падари Рустами Нозим мехонд ва касе аз решапайвандон дидорашро надида буд, пири барҷомонда шуда бошад. Агар соли боқимондаи умрашро ба айёми дар чилсолагӣ хонадор шуданаш зам кунем, аз сад мегузарад. Зинда мебуд, ягон ворисашро барои ормон набурдан ба хок ба аёдаташ мефиристод ё ки дар ҷанозаи охирин хабардеҳаш Назари Далер иштирок мекард. Маълум, ки вафот кардааст.

Ҳайфи умри одамӣ, ки мисли дави бод тез мегузаштаast. Рустами Нозим ҳам, ки дирӯзакак аз паси чархаке медавид ва тарғибгарони падари пайдошудаашро бад медид, имрӯз дар айёми пирӣ худашро, ки падару бобои

чандин фарзанду набера мебошад, бад мебинад. Бо гузашти умр ба маънии «Нури чашмон, пораи ҷон ва шираи мағзи устухон» хубтар сарфаҳм рафта, пазмониҳои хонагии худро дар роҳи фарзанд ба интизориҳои ба сафар баромадан ва дар хонаи мардум шабҳоро рӯз карданиӣ ӯ муқоиса карда, дилаш ба ҳоли он овора месӯзад. Баъди ҳар маротиба дар қаламрави хаёлаш аз дур дидани ҳамон шабаҳ, ки ҳайкали дарду аламро мемонад, ғарқи баҳри андешаҳои мухталиф шуда, ба ёди як бегуноҳи дар назар гунаҳкор аз абри дидагонаш борони ҳасрат мерезад ва пушаймонона бо худ меситезад...

# ҲАҶВИЯҲО

## «ИШТИБОҲ»

Даврони Мансур баробари аз даричаи ҳавлӣ сар дарун кардан, дар рӯ ба рӯ ҳамсарашро дид. Бибимоҳ омадани шавҳарашро аз шунидани овози мошин фаҳмида, барои муборакбодӣ зуд ба ҳавлӣ баромад. Ҳатто аз ғояти шодӣ ва саросемагӣ ду калуши якхелаи дар андоза гуногунро пӯшида буд.

– Шерӣ муборак шавад.

– Ташаккур. Акнун қоил шудӣ, ки бори сеюм ҳам ба рақибон ғалаба карда, курсии мансабро аз даст надодам. Ба гуфти шумо шерӣ насибам шуд.

– Рост, азобҳои якмоҳаи такудав ва бехобиатро дидам. «Бубину мадад расон» гуфтанатро даҳҳо маротиба шунидам.

– Замона ҳаминро талаб мекунад. Шерӣ бе рӯбоҳӣ намешавад, обро лой карда, моҳӣ гир гуфтаанд ва баъд изҳор кард, ки бисёр хаста шудааст, фақат хобидан мехоҳад.

– Хоб намегурезад, ман барои аз нав раис интихоб шуданатон, дастархони махсус оростаам, хӯроки пухтаамро начашед, малол мешавам.

Даврони Мансур ба ҳуҷрааш, ки ғайри ҳамсараш касе ҳуқуқи кушодани дарашро надошт, даромада, зуд либосашро иваз кард.

Марди дар либоси корӣ, костюму шими сиёҳ, куртаи сафеду гарданбанди сурх, ки ба ӯ шукӯҳу шаҳомати дигар мебахшид ва фарбеҳияшро андак назарногир мекард, баъди пӯшидани либоси хонагӣ ба як суроби бадафт табдил ёфт. Шиками дами ба халтаи дӯғ монандаш, пеши хилъаташро кушодатар мегирифт. Вақте ки рӯи курпача менишаст, шикамаш як лаби дастархонро иҳота мекард. Барои ҳамин бештар дар паси миз менишаст. Аз ҳад зиёд фарбеҳ шуда буд Даврони Мансур. Барои осон даромадану баромадан даричаи якранги ҳуҷраи хобашро ба дари паҳнбару баланди кандакорӣ

иваз кард. Хулоса Даврони Мансур ба паси мизи пур аз хӯрданиҳои иштиҳоовар нишаст. Ҳанӯз даст ба нон нabурда буд, ки телефони дастияш садо баровард:- Гӯш мекунам, ман бенамак нестам, наход Нормуроди Сӯюнро нашиносам.

– Бори дигар табрик, раис. Медонам дар ин соати шаб ташвиш додан аз рӯи одоб нест, вале маҷбур шудам. Занг задан сабаб дорад. Мехоҳам фаҳмам, ки шумо барномаи «Ахбор»-и охиринро дидед?

– Дар роҳ будам, надидам, чӣ буд, ҷаласаамонро нишон доданд?

– Ҷаласаро камтарак нишон доданд, лекин аввал фармони аз кор гирифтани ошнои худамонро қироат карда, ҳатто бо сабаби ба кори дигар гузаштанашонро нагуфтанд ва ба ҷояш бародари Санавбари Забирро вазир таъин карданд.

– Майлаш, боз дар алоқа мешавем, -гуфта тугмаи телефонашро зер кард раис ва гӯрғуркунон: - Бефаросат, дигар гап наёфтӣ, ки ҳамин хабари нохушро расондӣ, -гӯён Даврони Мансур даст ба пешонӣ бурд ва аз дил оҳи чуқур кашид.

– Ҳайфи боғу хонаи дуошёнаи шашҳуҷрадор. Чӣ тавон кард, ки ҳеҷ кас пешомадро намедонад. Агар медонистаму як ҳафтаи дигар сабр мекардам, кор ранги дигар мегирифт. Саросема шуда, ҳуҷҷатҳои хонаву заминро бо ду дасти адаб ба вазири пешина супоридам. Ба рад карданаш эътибор надода, маҷбуран ҳукми худро баровардам: - Фурсати ба он мавзеъ рафтану ҳавсалаи дар замин кор карданро надошта бошед ҳам, парво накунед. Худамон мекорем, нигоҳубин мекунем, ҳосил мебардорем, маблағи даромадро ба шумо месупорем. Илтимос мекунам, ки не нагӯед, бигиред, ягон вақт лозим мешавад . Кори шудагӣ шуд, ҳуҷҷатҳои ба ҳукми қонун даромадаро бозпас гирифта наметавонад. Бало ба пасаш, аз сараш монад ҳамон боғу хона. Чӣ кунад, ҷанг бе қурбонӣ намешавад. Дар умраш, бо ҳама об кардани илми манфиатҷӯӣ, ӯ ҳам як бор не, чандин маротиба фиреб хӯрдааст,- тасалло дод худро Даврони Мансур. Ба хотири пӯшондани duздиҳо чандин корхонаи хусу-

сикардаро, ки амволи худаш ҳисоб мееёфтанд, ба одамони даркорӣ ҳадя кард ва барои аз об хушк баромадан замина гузошт. Ҳатто истироҳатгоҳи дар беҳтарин мавзеъ ҷойгирашро ба як тафтишгари бузург бахшид. Доро шудану зина ба зина боло рафтанашро дар хизмати мақсадноку манфиатор мебинад Даврони Мансур. Агар ин роҳро пеш намегирифт, як умр боркаши қатории соҳа мемонд. Бо пул на танҳо ҷиноятҳои содиркардаашро пӯшонд, балки барои амалӣ шудани нақшаҳояш пуштибон ёфта, ҷойҳои мададгорону устодонашро гирифт ва оқибат ба курсии раисӣ нишаст. Таҷрибаи ғоратгарӣ, ки дошт, баъди соҳиби мӯҳр шудан дар муддати кӯтоҳ ҳама хароҷоташро ҷуброн ва дороии худро афзун кард. Барои дар мансаб мондан аз баҳри таърифҳои болохонадору пӯшидани ҷомаи зарҳалин ва дигар инъомҳои ба нафақа гусел кардан гузашта, ду маротиба шиносномаашро иваз ва ҳуқуқи дар вазифа монданашро таъмин намуд. Вале бори сеюм ин корро карда натавонист, зеро аз тарҳи рӯ ва ожангҳои пешонӣ синну солаш маълум мешуд. Ягона роҳи ба нафақа набаромадан дили зердастони тамаъҷӯро ёфта, аз нав интихоб шудан буд. Роҳи дар овоздиҳии пиҳонӣ ғолиб шуданро ҳам ёфт. Ҳамроҳи шахсони бовариноку балегӯяш овозҳои рақибони беиродаро харид. Баъди интихоб шудан «худам шоҳу таъбам вазир» гуфта, ҳайати нави аъзоёни раёсатро интихоб кард. Номзадҳои пешниҳодкардаи шӯъбаҳо, хусусан номи собиқадори соҳа Санавбари Забирро ба рӯйхати овоздиҳӣ дохил накард. Ошкоро гуфт, ки вай ягона зани мутахассис ва собиқадори соҳа бошад ҳам, ғайри иғвогарӣ ва кобушӯркунӣ балоро намефаҳмад. Сабаби аз нафақаи иловагӣ маҳрум шуданаш ҳам дар ҳамин аст.

Баъд баҳои дар ҷамъомади маслиҳатӣ ба Санавбари Забир додаашро ба ёд оварда, хайрият, ки номбурда ҳуқуқи иштирок кардан надошт, безобита шуд. Мабодо касе хабар бурда бошад гуфта, аз баҳри хӯрдан гузашт ва ба ёрдамчиву сармуҳосиб, ба котиби ҷаласаю шуморандагони овоз ва дигар шахсони гапгираш телефон

кард. Мӯҳтавои таъкидаш ҳалли як масъалаи оҷилӣ буд. «Иштибоҳ шудааст, ман аз парешонӣ Санавбари Забирро кадом корманди дигари идора гумон карда, аз рӯйхати узвият хат задам. Вай зани кордону маслиҳатдеҳ ва аз ҳама муҳимаш одами хоксор аст. Дарҳол, нисфи шаб ҳам бошад ҷамъ омада, хатои содиршударо ислоҳ кунед…» Ҳар гоҳе, ки аз забони зердастон «бародараш ҳам одами калон шудааст» мешунид, лангари суханро дуртар партофта, «ба бародараш корам чӣ ?» мегуфт ва телефонро хомӯш мекард.»

Охирин супоришро ба сармуҳосиб дод. Амр кард, ки то субҳдам пули нафақаи иловагии чандинсолаи Санавбари Забирро пайдо кунад. Бо вуҷуди ҳама таъкидҳо мисли каси дар пӯстинаш кайк даромада, то дами мурғфарёд хобаш набурд. Ҳанӯз субҳ надамида, худро дар паси дари хонаи Санавбари Забир гирифт…

## ИҒВО

Сардор дар идора нишастааст. Садои дар ба гӯш мерасад.

– Марҳамат, дароед.

Сардор сарашро бардошта Табарзодаро мебинад ва табъаш хира мешавад.

Табарзода инро ҳис карда, луқма мепартояд:-

Медонам, дидори маро дидан намехоҳӣ, хусусан дар оғози Соли Нав, лекин чи илоҷ?

– Не, не, ин тавр нагӯед. Мо ҷӯраҳои деринаем.

– Ҷӯра, ки мебудед, хоҳишамро иҷро мекардед.

– Вақте ки имкон доштам, чандин хоҳишатро иҷро кардам. Духтари язнаи бачаи холаву писари домоди тағоятро ба кор гирфтам. Ҳоло имкон надорам, хоҳишатро иҷро карда наметавонам.

– Наход барои ба ман додани ҳамон вазифаи гуфтагиям зӯрат нарасад?

– Зӯрам мерасад, вале дилам намешавад. Охир он кас мутахассис, шумо бошед аз асрори он соҳа тамоман хабар надоред..

– Майлаш, ихтиёратон. Лекин таъкид мекунам, ки сари ин масъала хуб андеша кунед, боз пушаймон нашавед. Шумо Табарзодаро аз ҳама хубтар мешиносед ва медонед, ки аз дасташ ҳар кор меояд. Фаромӯш макунед, ки ҷамъбасти сол наздик аст, боз аз ҳамин курсӣ намонед.

– Натиҷаи корҳоям хубанд.

– Хубро ҳам нохуб кардан мумкин. Агар як маротиба туро фурӯшам, то рӯзи қиёмат харидор намеёбед.

– Менависед, танқид мекунед ё тӯҳмат? Агар тӯҳмат кунеду исбот нашавад, худатон ҷазо мегиред.

– Парво макунед, далелам бисёр. Хоҳони осудагӣ бошед, ҳамон вазифаро ба ман медиҳед.

– Не, наметавонам.

Табарзода аз ҷайбаш мактуберо бароварда: -Агар ба боло фиристам, ба бало гирифтор мешавед.

– Ба боло ҳам фиристед, талабатро иҷро карда наметавонам. Ғайр аз ин маро аз тӯҳмат натарсонед, ҳоло тӯҳмат як воқеаи маъмул шудааст. Аз пушти ҳама як гап ҳаст, ҳатто заминро тӯҳмат мезананд. Маводи сухту доруву порӯро пул карда, гуноҳро ба гардани замин бор мекунанд.

– Замин кӯҳна шудааст, сифати хокашро гум карда, ҳосили кам медиҳад- мегӯянд. Вақте ки ту баринҳо заминро тӯҳмат мезананд, ман киям? Барои ҳамин ҳар коре, ки дар ҳақи ман кардан мехоҳед, кардан бигиред. Ман дар назди виҷдонам покам, фаҳмидед? Хезед, биравед, ки афту башараатро набинам. Ҳамон хешованди камҳунаратро ҳам аз кор озод мекунам.

Ман ба ҳеҷ ҷо наменависам, ҳазл кардам. Он кас хеши келинатон. Агар ӯро аз кор озод кунед, занак маро дар хона роҳ намедиҳад.

– Наход? Шумо Табарзода ку?

МУНДАРИЧА

Нашри Қуръон…………………………………………………4
Худшинос …………………………………………………6
Ифтихор …………………………………………………7
Васфи диёр…………………………………………………8
Ватан…………………………………………………9
Тоҷикистон.. …………………………………………………10
Дарди меҳр …………………………………………………11
Ватан…………………………………………………11
Парчам…………………………………………………13
Ватани Наврӯз …………………………………………………14
Пайки Наврӯз …………………………………………………15
Сангтӯда …………………………………………………16
Суруди донишгоҳи миллӣ …………………………………………………18
Худодод …………………………………………………19
Фарёди маҷрӯҳ…………………………………………………20
Вохӯрӣ …………………………………………………21
Искандар …………………………………………………22
Ёди падар …………………………………………………24
Ашки оҳолуда …………………………………………………25
Тазод …………………………………………………26
Бандӣ …………………………………………………28
Офтоби меҳр …………………………………………………29
Худогоҳ …………………………………………………31
Хуни Сиёвуш…………………………………………………32
Забони ватан …………………………………………………33
Паём…………………………………………………34
Атри ноумедӣ…………………………………………………35
Гиреҳ…………………………………………………36
Дарди умр…………………………………………………36
Расми замон …………………………………………………37
Носипосӣ …………………………………………………38
Маҷмӯи ғубор …………………………………………………39
Бахшишталаб…………………………………………………40
Девона…………………………………………………41
Ҳасрати интизор…………………………………………………42
Дарки хатар…………………………………………………43
Дар базми Зафар Нозим …………………………………………………44
Робиа…………………………………………………45
Хомӯштар зи абр …………………………………………………46
Пушаймонӣ …………………………………………………47

Таъкид ........ 48
Саги пир ........ 49
Тирамоҳ ........ 50
Ҳайрат ........ 51
Марги бармаҳал ........ 52
Посух ........ 52
Бузургӣ ........ 52
Ҳасрат ........ 52
Муноҷот ........ 52
Таъсир ........ 53
Таноби санг ........ 53
Назорат ........ 53
Қисмат ........ 53
Эҳтиёт ........ 53
Шиор ........ 54
Паси парта ........ 54
Марги нур ........ 54
Баҳо ........ 54
Дар кавир ........ 55
Шамъи ишқ ........ 56
Бе ту ........ 57
Даъват ........ 58
Меҳргумкарда ........ 59
Таъхир ........ 60
Ғами видо ........ 61
Тори канда ........ 63
Мазори ғам ........ 64
Бӯи ғам ........ 66
Соҳибватан ........ 67
Дарди гарон ........ 67
Навҳа ........ 69
Дар роҳи деҳа ........ 70
Ҳӯшдор ........ 71
Қаламрави хаёл ........ 72
Марсия ........ 74
Фаротар аз марг ........ 75
Марсия барои худ ........ 76
Ғазалҳо ........ 78
Рубоиёт ........ 110
Дубайтиҳо ........ 125

ҲИКОЯҲО

Дунёи қафасӣ ........ 130

Гардиши айём ........................................................................ 135
Фалсафаи зиндагӣ .................................................................. 145
Сарҳади инсоф ....................................................................... 154
Имтиёз ..................................................................................... 164
Шарики умр ............................................................................ 172
Пушаймонӣ ............................................................................. 182
Ҳасрати дидор ........................................................................ 188
Гӯри холӣ ................................................................................ 196
Овора ....................................................................................... 205

ҲАҶВИЯҲО
Иштибоҳ ................................................................................. 217
Иғво ........................................................................................ 220

Муҳаммад Ғоиб

**И Ф Т И Х О Р**

*(шеърҳо ва ҳикояҳо, нашри II.)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М. Саидова*

Ба матбаа 9.08.2011 супорида шуд.
Чопаш 16.08.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 14.0
Андозаи 60х84 1/16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а.

Дар матбааи КММИИ «Аршан» ба табъ расидааст.
н. Рӯдакӣ, ҷамоати Испечак, минтақаи Зафар.
Телефон: (+992) 918-24-82-90